Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нақши роҳбалад.
Татбиқи муносибати салоҳиятнокӣ
дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ

(Дастури таълимию методӣ)

Душанбе, 2017

Бо қарори Шӯрои илмии ДҶТИБКСМ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ..... ба чоп тавсия шудааст.

Нақши роҳбалад. Татбиқи муносибати салоҳиятнокӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ. (Дастури таълимию методӣ). Душанбе -2017, 96 саҳ.

Мураттибон: Аҳмадбекова Аълобону, Азизова Мастонгул, Саидов Иброҳим

Муқарризон:

1) Котибова Шарифа, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти ибтидоии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.
2) Ёрмаҳмадова Ҳалима, сармутахассиси МҶТМ ВМИ

Дастури таълимию методии мазкур барои татбиқи стандарти зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, ки дар доираи таълими салоҳиятнокӣ таҳия шудаанд, омода гаштааст. Аз он метавонанд мушовирон, ҷонишинони таълимӣ ва роҳбарои иттиҳодияҳои методии синфҳои ибтидоӣ истифода баранд.

Мундарича

ДОИР БА БАРНОМА ВА МАВОДИ ТАЪЛИМИИ ОМӮЗИШ **5**
НАҚШАИ ТАҚВИМӢ-МАВЗӮИ БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ОМӮЗИШ **6**
МУҚАДДИМА **8**
I. АСОСҲОИ ИСЛОҲОТ **10**
1.1. МУНОСИБАТИ САЛОҲИЯТНОКӢ ДАР ТАЪЛИМ **10**
1.1.1. Муносибати салоҳиятнок ба натиҷаҳои таълим 10
1.1.2. Муносибати салоҳиятнок дар таҳияи стандарт 12
1.1.3. Муносибати салоҳиятнок дар таҳияи барномаи таълим 13
1.1.4. Муносибати салоҳиятнок дар банақшагирии раванди таълим (нақшаҳои дарс) 16
1.2. ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ САЛОҲИЯТҲОИ ФАННИИ ЗИНАИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ **20**
1.2.1. Принсипҳои заминавӣ барои таҳияи салоҳиятҳои фаннӣ 21
1.2.1. Шарҳи баъзе салоҳиятҳои фаннӣ 21
1.3. ТАРЗИ ТАШКИЛИ ДАРС ВА ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ТАДРИС ДАР МУНОСИБАТИ САЛОҲИЯТНОКӢ **27**
1.3.1. Технологияи таълими фаъол 28
1.3.2. Марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо 32
II. БАНАҚШАГИРИИ ДАРС БО НАЗАРДОШТИ МУНОСИБАТИ САЛОҲИЯТНОКӢ БА ТАЪЛИМ **37**
2.1. Марҳалаи омодагӣ 37
2.2. Навиштани нақшаи дарс – дастурҳо 38
2.2.1. Навиштани нақшаи дарс бе истифодаи роҳнамо 38
2.2.2. Навиштани нақшаи дарс дар асоси роҳнамо 46
2.3. Масъалаҳо оид ба нақшаи дарс ва ташкили раванди таълим 52
III. РОҲБАЛАДИИ ОМӮЗГОРОН **55**
3.1. Консепсияи роҳбаладии омӯзгорон вобаста ба ислоҳот 55
3.2. Муайян кардани мушкилоти асосӣ 57
3.3. Муносибат ба таѓйирот 61
3.3. Таҳия ва тавсияи дастурҳои мушаххас 63
3.4. Муайян кардани натиҷаи чашмдошт ва самти инкишоф 66
3.5. Фарҳанги роҳбаладӣ 68
3.6. Одоби муоширати роҳнамо 71
IV. РОҲБАЛАДӢ ДАР САТҲИ НОҲИЯ ВА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМ **73**
4.1. Таъсис додани гурӯҳи ёрирасони татбиқи ислоҳот дар сатҳи ноҳия 73
4.2. Нақши иттиҳодияи методӣ дар татбиқи ислоҳот 75
ЗАМИМАҲО **76**
Замимаи 1. Салоҳиятҳои фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ 76
Намунаи салоҳиятҳои фанни забони модарӣ барои синфҳои 1–4 76
Намунаи салоҳиятҳои фанни математика барои синфҳои 1–4 78
Намунаи салоҳиятҳои фанни табиатшиносӣ барои синфҳои 1–4 81
Намунаи салоҳиятҳои фанни санъат ва меҳнат 83

Намунаи салоҳиятҳои фанни суруд ва мусиқӣ 86
Намунаи салоҳиятҳои фанни тарбияи ҷисмонӣ 87
Замимаи 2. Матнҳо 89
Муаммо 89
Дег “хӯрдааст” 90
Замимаи 3. Варақаи таҳлили нақшаи дарс 91
Замимаи 4. Намунаҳои салоҳиятҳои умумитаълимӣ 92
Замимаи 5. Намунаи тарзи пур кардани дафтари синф барои синфи 4 (фанни забони модарӣ) 94

Доир ба барнома ва маводи таълимии омӯзиш

Барномаи омӯзиш барои расонидани кӯмаки методӣ ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар татбиқи муносибати салоҳиятнокӣ тавассути омӯзиши мушовирони шуъба ва раёсатҳои маориф таҳия шуда, аз чор боб иборат аст. Номгӯй боб ва мазмуни мӯҳтавои онҳо чунинанд: Боби 1. Асосҳои ислоҳот номгузорӣ шуда, дар он муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим, муносибати салоҳиятнок ба натиҷаҳои таълим, дар таҳияи стандарти фаннӣ, барномаи таълим ва дар банақшагирии раванди таълим (нақшаҳои дарс), шарҳу тавзеҳи салоҳиятҳои фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, принсипҳои заминавӣ барои таҳияи салоҳиятҳои фаннӣ, шарҳи баъзе салоҳиятҳои фаннӣ, тарзи ташкили дарс ва истифодаи усулҳои тадрис дар муносибати салоҳиятнокӣ, технологияи таълими фаъол ва марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо мавриди баррасӣ, таҳлил, коркард дар амал ва хулосабарорӣ қарор дода мешавад. Боби 2. Банақшагирии дарс бо назардошти муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим ба масъалаҳои марҳалаи омодагӣ ба навиштани нақшаи дарс – дастурҳо, навиштани нақшаи дарс бе истифодаи роҳнамо ва дар асоси роҳнамо, оид ба нақшаи дарс ва ташкили раванди таълим маълумотҳои мушаххас оварда шуда, дар амалия баъзе қисматҳоро иштирокчиён машқу арзёбӣ менамоянд. Дар боби 3. Роҳбаладии омӯзгорон консепсияи роҳбаладии омӯзгорон вобаста ба ислоҳот, муайян кардани проблемаи асосӣ, таҳияи нақшаи мушаххаси рушд ва пешниҳоди дастурҳои мушаххас, муайян кардани натиҷаи чашмдошт ва самти инкишоф, фарҳанги роҳбаладӣ ва одоби муошират роҳбалад мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода мешавад. Боби 4. Роҳбаладӣ дар сатҳи ноҳия ва муассисаҳои таълим диққати иштирокчиёнро ба масъалаҳои таъсис додани гурӯҳи ёрирасони татбиқи ислоҳот дар сатҳи ноҳия, расонидани кӯмакҳо дар сатҳи муассисаи таълимӣ ва нақши иттиҳодияи методӣ дар татбиқи ислоҳот ҷалб намуда, тавсияву маслиҳатҳои муфид барои ташкил ва ҷоннок намудани корҳои методӣ дар сатҳи ноҳия ва муассисаҳои таълимӣ пешниҳод мегардад.

Мавзуъҳои барномаи омӯзиш бо назардошти бобҳои нишондодашуда дар нақшаи тақвимию мавзӯи бо нишон додани соатҳои таълимӣ мушаххас оварда шуда, бо маводи таълим пурра мегардад, ки маводи мазкур имкони фарогири ҷанбаҳои назарӣ ва амалиро бо иштирокчиён фароҳам меорад.

Дар оғози омӯзиш арзёбии дониш, малака ва маҳоратҳои заминавии мушовирон гузаронида шуда, дар анҷом низ воситаи мазкур истифода шуда, натиҷаи дастовардҳои омӯзиш муқоиса карда мешавад.

Нақшаи тақвимӣ-мавзӯи барномаи таълимии омӯзиш

№	Номгӯи мавзӯъҳо	Миқдори соатҳо		
		назариявӣ	амалӣ	ҷамъ
	Арзёбии пеш аз омӯзиш	-	***1***	***1***
Асосҳои ислоҳот		**5**	**19**	**24**
1.	Муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим. Муносибати салоҳиятнок ба натиҷаҳои таълим	2	2	4
2.	Муносибати салоҳиятнок дар таҳияи стандарт	-	2	2
3.	Муносибати салоҳиятнок дар таҳияи барномаи таълим	-	2	2
4.	Муносибати салоҳиятнок дар банақшагирии раванди таълим (нақшаҳои дарс)	1	3	4
5.	Шарҳу тавзеҳи салоҳиятҳои фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ	-	1	1
6.	Принсипҳои заминавӣ барои таҳияи салоҳиятҳои фаннӣ	-	1	1
7.	Шарҳи баъзе салоҳиятҳои фаннӣ. Кори лоиҳавӣ.	1	3	4
8.	Тарзи ташкили дарс ва истифодаи усулҳои тадрис дар муносибати салоҳиятнокӣ	-	1	1
9.	Технологияи таълими фаъол	-	1	1
10.	Марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо. Кори лоиҳавӣ.	1	3	4
Банақшагирии дарс бо назардошти муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим		**7**	**11**	**18**
11.	Марҳалаи омодагӣ ба навиштани нақшаи дарс – дастурҳо	2	2	4
12.	Навиштани нақшаи дарс бе истифодаи роҳнамо. Кори лоиҳавӣ.	2	4	6
13	Навиштани нақшаи дарс дар асоси роҳнамо. Кори мустақилона.	2	4	6
15	Масъалаҳо оид ба нақшаи дарс ва ташкили раванди таълим. Худро месанҷем!	1	1	2
Роҳбаладии омӯзгорон		**6**	**6**	**12**
16.	Консепсияи роҳбаладии омӯзгорон вобаста ба ислоҳот	1	1	2
17.	Муайян кардани мушкилоти асосӣ. Кори мустақилона.	1	1	2

18.	Муносибат ба тағйирот. Таҳия ва тавсияи дастурҳои мушаххас. Кори амалӣ.	1	1	2
19.	Муайян кардани натиҷаи чашмдошт ва самти инкишоф	1	1	2
20.	Фарҳанги роҳбаладӣ. Одоби муоширати роҳбалад	2	2	4
Роҳбаладӣ дар сатҳи ноҳия ва муассисаҳои таълим		**-**	**4**	**4**
21.	Таъсис додани гурӯҳи ёрирасони татбиқи ислоҳот дар сатҳи ноҳия	-	2	2
22.	Таъсис додани гурӯҳи ёрирасони татбиқи ислоҳот дар сатҳи ноҳия	-	2	2
	Арзёбии пеш аз омӯзиш	-	***1***	***1***
	Дар маҷмуъ:	**18**	**42**	**60**

Муқаддима

Аз оғози соли таҳсили 2016-2017 татбиқи амалии яке аз нақшаҳои муҳим ва мураккаби Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020 ислоҳоти мундариҷа ва муносибати таълим дар зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сар шуд. Татбиқи тадбири мазкур давра ба давра ба роҳ монда мешавад. Дар соли таҳсили ҷорӣ (2016-2017) татбиқи муносибати таълими салоҳиятнок дар таълими зинаи таҳсилоти ибтидоӣ оғоз гардид. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистоон як қатор ҳуҷҷат ва маводи методиро барои ислоҳоти мазкур таҳия, нашр ва дастраси омӯзгорон гардонда, дар асоси модулҳои таълимии махсустаҳияшуда омӯзгорон бо омӯзиш фаро гирифта шуданд. Яъне, як рукни ислоҳот – омода намудани заминаи меъёрӣ ва методологӣ таъмин гардид.

Рукни дигар татбиқи амалии муносибати салоҳиятнок дар таълим – омодагии омӯзгор, бедор намудани ваҷҳиёт (мотиватсия)-и омӯзгорон ва тағйир додани муносибат ва рафтори (усул) таълимии омӯзгор, метавонад татбиқи аслии ислоҳотро таъмин намояд. Яъне, то омӯзгор муносибат ва рафтори таълимдиҳии худро тағйир надиҳад, татбиқи ислоҳот мушкил мегардад ва самараи хуб дода наметавонад.

Дар раванди татбиқ мо ақидаҳои зиёдро оид ба муносибати салоҳиятнок аз мутахассисон ва омӯзгорон мешунавем, баъзе ақидаҳо мусбат ва баъзеи онҳо хеле манфианд. Яке аз ақидае, ки зиёд ва такроран баён мегардад ин “набудани шароити мувофиқ барои гузариш ба муносибати салоҳиятнок ба таълим” аст. Ё “омӯзгорони мо дониш ва қобилияти кофиро барои татбиқи муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим надоранд”. Дар ин ҷо мо метавонем даҳҳо сабабҳои дигарро, ки барои татбиқи муносибати салоҳиятнок мушкилӣ меоранд, номбар кунем. Ҳамаи ин ақидаҳо (омилҳо) ба таври норавшан баён кардани консепсияи нав, ё ба таври пурра нафаҳмидани он мебошад.

Ҳар шахс хусусияти ба худ хос дорад. Ӯ барои худ шароит ва ҳолати муносиби равонӣ ташкил намуда, худро дар ин шароит ва ҳолат хеле хуб ҳис мекунад. Вақте аз ин шахс талаб карда мешавад, ки шароит ва ҳолатро тағйир диҳад, албатта дар мадди аввал ӯ аз даст додани шароит ва ҳолати муносиби пештара азият мекашад. Ӯ намехоҳад, ки шароит ва ҳолати мувофиқро тағйир диҳад, ӯ тарс дорад. Тарсу ваҳми ӯро дарк кардан мумкин аст: “Боз аз сари нав? Чӣ тавр? Метавонам ё не? Агар аз уҳдааш набароям чӣ мешавад? Шароити ҳозира

бароям муносибу мувофиқ аст, чаро бояд онро иваз кунам? Не, иваз шудан намехоҳам, касе ки мехоҳад, иваз шудан гирад.”

Акнун тасаввур кунед, ки омӯзгорон (баъзеашон собиқаи зиёда аз сисола доранд) дар тӯли таҷрибаи кориашон инкишоф ёфта, рафтор, муносибат ва шароити хосаро ташаккул додаанд. Имрӯз, мо аз онҳо талаб мекунем, ки ҳамаи инро тағйир диҳанд, чун замона тағйир ёфтааст. Оё мо тарсу ваҳми омӯзгоронро медонем? Аз чӣ андеша доранд? Аз чӣ метарсанд ва ба чӣ эътимод надоранд? Оё онҳо барои ин тағйирот ҳавасманданд? Зарурат ва моҳияти тағйиротро дарк мекунанд? Чӣ тавр онҳоро барои тағйири рафтори таълимӣ роҳнамоӣ кардан мумкин аст? Дар дастурамали мазкур мураттибон кӯшиш кардаанд, ки ба ин ва дигар саволу масъалаҳо ҷавоб гӯянд ва ба шумо дар татбиқи муносибати таълими салоҳиятнок тавсияҳои амалӣ диҳанд.

I. Асосҳои ислоҳот

Проблемагузорӣ:

Дар назди шумо чунин вазифа гузоштанд: Мо муносибати таълимро тағйир медиҳем. Акнун муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим ҳамчун маҳаки асосии раванди таълим муқаррар мегардад. Якҷоя бо ҳайати кормандон масъалаи мазкурро баррасӣ карда, нақшаи ислоҳотро тартиб диҳед. Чиро тағйир медиҳед? (Барномаро? Китобҳои дарсиро? Нақшаи таҳвимро?) Чӣ гуна тағйир медиҳед? (Он самтеро ки тағйир медиҳед, чӣ гуна бояд бошад?)

Тартиби кор

Вазифаи 1. Доир ба мафҳуми "муносибати салоҳиятнок ба таълим" маълумот ҷамъ оваред.

Вазифаи 2. Шарҳи мафҳуми "муносибати салоҳиятнок ба таълим"–ро дар асоси маълумоти ҷамъовардаатон таҳия намоед. Онро муҳокима карда, шакли такмилёфтаро нависед.

Вазифаи 3. Кори дунафарӣ. Нақши роҳбалад ва омӯзгорро иҷро карда, бонавбат муносибати салоҳиятнокиро шарҳ диҳед.

Вазифаи 4. Аҳамияти имову ишораи мусбатро дар рафти роҳбаладӣ муҳокима ва таҳлил намоед.

1.1. Муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим

Муносибати салоҳиятнок ба таълим дар Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020 ҳамчун рукни асосии таҷдиди мундарича ва ташкили раванди таълим, муайян шудааст. Муносибати мазкур ислоҳоти самтҳои гуногуни раванди таълимро тақозо мекунад: мувофиқи талаботи нав аниқ сохтани натиҷаҳои таълимии чашмдошт (интизоршаванда); тағйири стандарт ва барномаҳои таълим; тағйири тарзи банақшагирии раванди таълим (нақшаҳои таҳвимӣ ва нақшаҳои дарс); тағйири тарзи ташкили дарс; тағйири усул ва муносибат ба тадрис; тағйири тарзи арзёбии раванд ва натиҷаҳои таълим. Амалӣ кардани ин андозаи тағйирот дар муҳлати кам хеле мушкил аст ва банақшагирии самараноки татбиқ ниёз дорад.

1.1.1. Муносибати салоҳиятнок ба натиҷаҳои таълим

Проблемагузорӣ:

Омӯзгорон аз Шумо хоҳиш мекунанд, ки ба онҳо оид ба тағйироти натиҷаҳои таълим шарҳ диҳед. Шумо чӣ мегӯед?

Тартиби кор:

Вазифаи 1.Мустақилона рӯйихати 10 натиҷаи таълими фанни математикаро тартиб

диҳед. Яъне бо хатми зинаи таҳсилоти ибтидоӣ хонанда чиро бояд донад ва тавонад?
Вазифаи 2. Кори дунафарӣ. Аз ду рӯихат як рӯихат тартиб диҳед. Сипас дар гурӯҳҳои чорнафара 10 натиҷаи асосиро интихоб намоед. Интихобатонро шарҳ диҳед.
Вазифаи 3. Матни зеринро хонед ва натиҷаҳои таҳиякардаатонро муқоиса кунед. Фарқияти онро ба аҳли синф гӯед.
Вазифаи 4. Кор дар гурӯҳҳои чорнафарӣ. Як нафарро ҳамчун мушовир интихоб намоед. Аз ӯ хоҳиш кунед, ки дар бораи тағйирот ба натиҷаҳо ба шумо маълумот диҳанд.
Вазифаи 5. Муҳокимаи малакаи боваркунонӣ ва қонеъ гардондани омӯзгорон аз ҷониби роҳбалад.
Вазифаи 6. Кадом вазифаи болоро ба осонӣ иҷро карда тавонистед? Дар иҷрои кадом вазифа мушкилӣ кашидед? Мушкилотро ҳал карда тавонистед? Чӣ тавр? Агар ҳал нашуда бошад, чӣ бояд кард?

Муносибати мазкур талаб мекунад, ки сараввал салоҳиятҳои умумитаълимӣ муқаррар карда шаванд. Салоҳиятҳои умумифаннӣ ҷанбаҳои гуногуни таълим, тарбия ва рушди шахсии хонандаро фаро мегиранд. Салоҳиятҳои мазкур дар баробари салоҳиятҳои фаннӣ ҳамчун натиҷаи ниҳоии таълим ҳисобида мешавад ва новобаста аз фан ташаккул дода мешавад. Яъне, ташаккули салоҳиятҳои мазкур ҳамчун натиҷаи таълимии фанҳои гуногуни таълим шинохта шуда, дар раванди таълими ҳар як фан такмил дода мешаванд.

Ҳамзамон барои ҳар як фан маҷмӯи талабот дар шакли салоҳият дар стандарт ва роҳнамоҳои фаннӣ нишон дода шудаанд. Ҳар як салоҳият дар шакли таҷриба, ки дониш, малака ва маҳорати муайянро талаб мекунад, пешниҳод гардидааст. Асоси салоҳиятро таҷриба ташкил медиҳад, яъне хонанда то кадом андоза ин ё он амалро дуруст иҷро карда метавонад. Дар раванди таълим ба хонанда имконияти таҷриба (машқи зиёд то ҳосил шудани таҷриба) кардан фароҳам оварда мешавад ва ҳамин раванд **муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим** фаҳмида мешавад.

Хулоса. Муносибати салоҳиятнок дар таълим ҳосил кардани таҷрибаро дар иҷрои амалҳои маърифатӣ (таълим), ташаккул додани муносибатҳои иҷтимоӣ (тарбия) ва дар амал татбиқ кардани донишҳои заминавӣ (фан) дар назар дорад. Салоҳият – натиҷаи таълиму тарбия, ки дар шакли таҷриба (иҷрои амал дар сатҳи маҳорат) баён карда мешавад. **Намунаҳо:***(1) Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад (Забони модарӣ. Синфи 4. Хондан);(2) Маҷмӯи ченакҳои дарозӣ, масса, вақт, арзиш, суръат ва масофаро ҳисоб карда метавонад*

(Математика. Синфи 4.); (3) Хатарҳои атрофро муайян карда, роҳҳои одии паст кардани хатарҳоро шарҳ медиҳад (Табиатшиносӣ. Синфи 3)

1.1.2. Муносибати салоҳиятнок дар таҳияи стандарт

Проблемагузорӣ

Омӯзгорон аз шумо хоҳиш карданд, ки дар бораи стандартҳо каме маълумот диҳед.

Вазифаи 1: Ба саволи «Салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо дар стандарт чӣ гуна инъикос шудаанд?» ҷавоб гардонед.
Вазифаи 2. Матни зеринро мустақилона хонед ва бо ҷавоби пешниҳодкардаатон муқоиса кунед.
Вазифаи 3. Кори дунафарӣ. Як салоҳият ва нишондиҳандаҳои салоҳиятнокиро интихоб намуда, ба ҳамдигар шарҳ диҳед.

Дар муносибати мазкур стандартҳо салоҳиятҳои умумитаълимӣ, салоҳиятҳои фаннӣ ва нишондиҳандаҳои салоҳиятнокиро аниқ мекунанд. Салоҳиятҳо дар стандарт барои марҳалаҳои муайяни таълим (соли таҳсил, зинаи таҳсилот) муқаррар карда мешаванд. Агар салоҳиятҳо барои зинаи таҳсил муайян шуда бошанд, дар сатҳи ҳар синф унсури муайян (дараҷаи муайяни ташаккул)-и салоҳият нишон дода мешавад. Яъне, салоҳият аз ягон ҷиҳат дар синфҳои баъдина мураккабтар мегарданд.

Намуна:

Синфи 1 (Марҳилаи таълими савод)	**Синфи 1 (Марҳилаи «Забони модарӣ»)**	**Синфи 2**	**Синфи 3**	**Синфи 4**
А.1.3.3. Мазмуни ҷумлаҳои содаро, ки калимаҳои шинос доранд, муайян мекунанд.	1.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.	2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 200 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.	3.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима)-ро, ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.	4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

Чуноне ки қайд шуда буд, салоҳият таҷрибаи муайянро инъикос мекунад. Таҷриба дар натиҷаи аз худ кардани донишҳо, ташаккули малакаҳо ва ҳосил шудани маҳорат ба даст меояд. Барои арзёбӣ то кадом андоза хонанда дар иҷрои амале салоҳиятнок шудааст (таҷрибаи кофӣ дорад), дар стандартҳо намунаҳои нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ оварда мешаванд. Ин нишондиҳандаҳо ба омӯзгор ва дигар мутаххасисон имконият медиҳанд, ки натиҷаҳои таълим (салоҳиятнокии хонандагон)-ро арзёбӣ кунанд.

Намуна:

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 200 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

- доир ба мазмуни матнҳои ношинос саволу ҷавоб (одӣ, таҳлилӣ, эҷодӣ) карда метавонад;
- мазмуни матн (асарҳои бачагонаи хурд)-ро муфассал ва интихобӣ нақл карда метавонад;
- ба гуфтор ва рафтори симоҳои матн баҳо дода метавонад;
- доир ба мазмуни матн хулоса бароварда метавонад;
- мазмуни матнҳои гуногунро таҳлил, муқоиса ва арзёбӣ мекунад;
- мазмуни матнҳои содаро бо ҳаёт алоқаманд карда метавонад;
- тахайюлот ва воқеият будани мазмуни матнҳои на он қадар мураккабро муайян карда метавонад.

1.1.3. Муносибати салоҳиятнок дар таҳияи барномаи таълим

Проблемагузорӣ:

Омӯзгорон аз Шумо мепурсанд, ки фарқи барномаи таълими классикӣ (анъанавӣ) аз барномаи таълими салоҳиятнокиро ба онҳо фаҳмонед.

Тартиби кор

Вазифаи 1. Кори дунафара. Матнро хонед ва иқтибосҳоро шарҳ диҳед.

Иқтибос	**Шарҳ**
Хусусияти ҷадвалии барнома	
Ташаккули салоҳиятҳо	
Хусусияти спиралии тарҳрезии барномаҳо	

Вазифаи 2. Дар гурӯҳи чорнафарӣ шарҳи худро муҳокима ва таҳлил кунед.
Вазифаи 3. Муаррифии гурӯҳро ба аҳли синф пешниҳод намоед.

Дар муносибати классикии таълим барнома хусусияти ҷадвалӣ (пайдарпайии азхудкунии мавзӯъҳо) дошт. Яъне мавзӯъҳои таълим пешакӣ аниқ шуда, тартиби таълими онҳо мушаххас буд. Намуна: Исм. Баҳор – 10 соат. Яъне,

мавзӯи исм дар ҳамгирой бо мавзӯи баҳор дар муддати 10 соат дар як соли таҳсил таълим дода мешуд. Ин боби таълим дар нақшаи тақвимӣ бо нишон додани зермавзӯъҳо, соат ва замони баргузории дарс нишон дода мешуд. Намуна:

№	Мавзӯъ	Соат	Таърих	Эзоҳ
1	Қоидаи исм. Баҳория	2	02.04.20...	
2	Исми хос. Гулҳои баҳорӣ.	2	04.04.20...	
3.	Исми хос. Рӯзи модарон.	2	07.04.20...	

Ин тарзи тарҳрезии барнома хеле осон ва барои омӯзгорон қулай аст. Ҳама чиз вақт ва мавқеи пешакӣ муайяншуда дорад ва ба таъхир гузоштани он, маънои аз барнома ақиб монданро дошт ва дар баъзе ҳолатҳо ҳамчун нишондиҳанда барои арзёбии фаъолияти омӯзгор истифода бурда мешуд.

Муносибати салоҳиятнок тарзи дигари тарҳрезии барномаро талаб мекунад. Дар муқоиса бо тарзи классикии тарҳрезии барномаи таълим дар муносибати салоҳиятнокӣ усули ҷадвалӣ истифода намешавад. Дар муносибати салоҳиятнокӣ диққати асосӣ ба ташаккули салоҳиятҳо равона шуда, мавзӯъ ва мундарича ҳамчун воситаи ёрирасон истифода мешавад. Чуноне ки қайд шуда буд, салоҳиятҳо таҷрибаро инъикос мекунанд ва онҳо барои марҳалаи дарозтари таълим (на дарс, на боби таълим, балки соли таҳсил ё зинаи таҳсил) муқаррар карда мешаванд. Барномаи таълим дар муносибати таълими салоҳиятнокӣ ба таври спиралӣ тарҳрезӣ карда мешавад. Ташаккули салоҳият аз нуқтаи оғоз (сифр) банақша гирифта шуда, давра ба давра ташаккул дода мешавад. Дар раванди ташаккули салоҳиятҳо мазмун, мундарича ва стратегияҳои таълим мураккабтар мешаванд. Моҳияти асосии ин усули тарҳрезии барномаи таълим дар он аст, ки ба хонанда имконияти зиёди машқ кардан фароҳам оварда мешавад.

Нақшаи 1. Тарзи спирали (давраги)-и тарҳрезии барномаи таълим.



Чуноне ки аз нақша маълум мешавад, салоҳиятҳоро дар як ё ду дарс ташаккул додан ғайриимкон аст. Салоҳиятҳо тадричан ташаккул меёбанд ва мундариҷаи таълим (мавзӯъҳо) ҳамчун воситаҳои ғанӣ ва гуногун гардондани раванди таълим, машқи салоҳиятҳо дар шароиту вазъиятҳои нав ёрӣ мерасонанд.

1.1.4. Муносибати салоҳиятнок дар банақшагирии раванди таълим (нақшаҳои дарс)

Фасли боло оид ба тарҳрезии барномаҳои таълим ҳамчун дастур барои тартиб додани нақшаи тақвимӣ ва нақшаи дарс хизмат мекунад. Дар муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим нақшаи мавзӯӣ-тақвимӣ моҳияти пештараашро аз даст медиҳад. Сабаби дигар шудани моҳияти нақшаҳои мавзӯӣ-тақвимӣ дар он аст, ки дар муносибати салоҳиятнокӣ раванди ташаккули салоҳиятҳои ҳар як хонанда ба эътибор гирифта мешавад. Вобаста ба ин ба ҳар як хонанда (ё гурӯҳи хонандагон) андозаи гуногуни вақт барои ташаккули салоҳият зарур мешавад. Яъне, мо наметавонем ташаккули салоҳиятро ба таври умум ва якхел барои ҳамаи хонандагон ба нақша гирем. Нақшаи мавзӯӣ-тақвимӣ ба муносибати классикии таълим хос аст, ки дар он азхудкунии мавзӯъҳоро дар вақти муайян тақозо мекард. Бо вуҷуди ин, мо бояд ягон воситаи банақшагирии пешакиро, бар ивази нақшаи мавзӯӣ-тақвимии классикӣ (анъанавӣ) ба омӯзгор пешкаш намоем.

Барои тартиб додани нақшаи ташаккули салоҳиятҳо ва мутобиқ сохтани он ба раванди таълим намунаҳои гуногунро истифода бурдан мумкин аст. Аммо ҳангоми интихоб ва таҳияи нақша бояд якчанд талаботро ба эътибор гирифт:

1. Нақшаи тартибдода бояд ташаккули салоҳиятҳоро инъикос кунад (ҳам салоҳиятҳои фаннӣ ва ҳам салоҳиятҳои умумитаълимӣ).
2. Барои ташаккули салоҳиятҳо мавзӯъ ва мундариҷаи мувофиқро тавсия диҳад.
3. Барои ташаккули салоҳиятҳо (машқ ва ҳосил кардани таҷриба) вақти кофӣ ҷудо шуда бошад.
4. Машғулиятҳои мушаххасро (дарсҳои лоиҳавӣ) барои дар амал санҷидан ва истифода бурдани салоҳиятҳо фаро гирад.
5. Воситаҳои арзёбиро барои марҳалаи муайяни таълим (рейтингҳо, нимсола, солона) инъикос кунад.

Қобили қайд аст, ки дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ омӯзгорон фанҳои гуногуни таълимро дарс медиҳанд ва ҳар як фан хусусияти хоси худро дорад. Аз ин лиҳоз, тавсия мешавад, ки барои тартиб додани нақшаи ташаккули салоҳиятҳо ин омил ба эътибор гирифта шавад.

Намунаи зерин аз фанни забони модарӣ барои синфи дуюм буда, хусусиятҳои таълими фанни мазкурро фаро мегирад. Бояд қайд кард, ки таълими фанни забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ ба таври ҳамгиро ба роҳ монда мешавад. Фанни мазкур хусусиятҳои забономӯзӣ, хониши бадеӣ ва ва инкишофи нутқ (гуфтану шунида)-ро фаро мегирад. Аз ин лиҳоз, ҳангоми банақшагирӣ

салоҳиятҳои самтҳои гуногун (гуфтан, шунидан, навиштан, хондан) ва салоҳиятҳои умумифаннӣ ҳамгиро мешаванд. Дар нақшаи 2 тарзи ҳамгироии ин самтҳо нишон дода шудааст:

Талабот ба тарзи таълими фанни забони модарӣ, ташаккули салоҳиятҳои забономӯзӣ ва хонданро дар шакли ҳамгиро тақозо мекунад. Аз ин лиҳоз, ҳангоми банақшагирӣ ин хусусият ба эътибор гирифта мешавад. Яъне, як дарс ё силсиладарсҳо бояд ба ташаккули ҳамзамони салоҳиятҳои чор самти таълими фан ва салоҳиятҳои умумитаълимӣ равона гардад.

Салоҳиятҳои чор самти таълими фанни забони модарӣ дар се зерсамт гурӯҳбандӣ шудаанд: (1) қоидаҳо; (2) стратегияҳо; (3) дарки маънӣ. Аз ин лиҳоз, ҳангоми тартиб додани нақшаи ташаккули салоҳиятҳо (бар ивази нақшаи тақвимӣ-мавзӯӣ) тавсия мешавад, ки ворид намудани салоҳиятҳо тадричан сурат гирад (аз қоидаҳо то дарки маънӣ). Яъне, салоҳиятҳо аз аввали соли таҳсил то охири он тадричан ташаккул меёбанд. Агар дар аввали соли таҳсил диққати асосӣ ба салоҳиятҳои зерсамти қоидаҳо равона шуда бошад, дар давраҳои минбаъда ба ташаккули салоҳиятҳои зерсатмҳои мураккабтар (стратегияҳо ва дарки маънӣ) бештар диққат дода мешавад. Роҳнамои омӯзгор мувофиқи тартиби мазкур таҳия шудааст. Ин тарзи банақшагирӣ аз омӯзгорон ва мушовирон талаб мекунад, ки *моҳияти ҳар як салоҳияти дар стандарт муқарраршударо ба пуррагӣ донанд ва мундаричаи таълимро барои ташаккули салоҳиятҳо дуруст интихоб карда тавонанд*.

Банақшагирии дарс. Яке аз рукнҳои асосие, ки татбиқи амалии муносибати салоҳиятнокро таъмин менамояд, банақшагирии дарс аст. Банақшагирии нав аз тарзи классикӣ бо он фарқ мекунад, ки маҷмӯи дарсҳо (силсиладарсҳо) ба нақша гирифта мешаванд. Ҳадди ақал, омӯзгор бояд аз шаш то даҳ дарсро якбора ба

нақша гирад. Ин имконият медиҳад, ки омӯзгор марҳалаҳои гуногуни ташаккули салоҳиятҳо, тарзу усул ва воситаҳои мувофиқи арзёбиро пешакӣ муайян намояд. Банақшагирии силсиладарсҳо ба талаботи тарзи спиралии тарҳрезии барнома мувофиқат мекунад.

Роҳнамоҳои омӯзгор барои фанҳои гуногуни зинаи таҳсилоти ибтидоӣ нақшаи намунавии тамоми дарсҳоро фаро мегиранд. Пас саволе ба миён меояд, ки **барои омӯзгор дубора навиштани нақшаи дарс шарт аст? Бале, навиштани нақшаи дарс дар асоси стандарт ва роҳнамои омӯзгор зарур аст.** Сабаб дар он аст, ки нақшаҳои дарсии роҳнамоҳо намунавӣ буда, бояд ба шароити муассиса ва қобилияти хонандагон мутобиқ гардонда шаванд.

Ҳангоми банақшагирии дарс сохтори нақшаи дар роҳнамо истифодашуда нигоҳ дошта мешавад. Танҳо дар нақшаи дарс қисмати барномаи дар роҳнамо омада навишта намешавад. **Нақшаҳои дарс дар асоси роҳнамоҳои фаннӣ таҳия мегарданд**. Нақшаи дарсиро омӯзгор ба таври мушаххас (бо истифодаи тезисҳо) менависад. Дар он омӯзгор тағйиру иловаҳоро дарҷ мекунад ва барои ба дарс омода шудан истифода мебарад.

Сохтори нақшаҳои намунавии дарс дар роҳнамои омӯзгор аз тарзи классикии банақшагирӣ фарқ мекунад. Ҳар як рукни он талаботи хосса дорад.

1) **Номи параграф/мавзӯъ** асосан мувофиқи мавзӯъҳои китобҳои дарсӣ мебошад. Аммо дар баъзе ҳолатҳо бо сабаби мувофиқ набудани мавзӯъ ба синну соли хонандагон мавзӯъҳо иваз карда шудаанд. Инчунин, дар якчанд ҳолатҳо барои шавқовар гардондани мавзӯъҳои китобҳои дарсӣ номҳои ҷолиб интихоб шудаанд. Дар баробари номи мавзӯъ миқдори соатҳои машғулият пешниҳод карда мешавад.
2) **Барнома** муайянкунандаи мазмун ва мундарича, инчунин фаъолиятҳои асосии дарс мебошад. Барнома имконият медиҳад, ки мундаричаи асосӣ аз дуюмдараҷа ҷудо карда шавад.
3) **Салоҳиятҳо** аз стандартҳои фаннӣ мувофиқи ҷадвали салоҳиятҳо оварда мешавад. Салоҳиятҳо такроран дар чандин дарсҳо то охири сол оварда мешаванд.
4) **Мақсади таълим** барои як дарс таҳия шуда, дар худ хусусиятҳои салоҳият ва мундаричаи таълимро фаро мегирад. Мақсади таълим мушаххас, санҷидашаванда, ичрошаванда ва мувофиқ мебошад. Мақсади таълим аз нигоҳи хонанда навишта мешавад ва ба саволи “Хонанда чӣ кор карда метавонад?” ҷавоб мегардонад. Масалан, *Хонанда матнро мехонад ва симоҳои онро муайян карда метавонад.* Мақсади таълим имконият медиҳанд, ки самтҳои асосии дарс (равиш, методҳо) муайян гарданд.

5) **Равиши дарс –** тавсияҳои методӣ оид ба тарзи гузарондани дарс. Дар он марҳалаҳои гуногуни дарс шарҳ дода мешавад. Методҳо ва фаъолиятҳои таълимӣ бо мақсади ташаккули салоҳиятҳо ва татбиқи мақсадҳои дарс тафсир дода мешаванд. Лаҳзаҳои дарс ва фаъолиятҳои таълимии пешниҳодшаванда хусусияти тавсиявӣ дошта, омӯзгорон онро мувофиқи шароит ва қобилиятҳои хонандагон тағйир дода метавонанд. Мақсади асосӣ ноил гаштан ба мақсадҳои таълим мебошад, интихоб ва истифодаи усулҳо ба салоҳияти омӯзгор вобаста аст.
6) **Арзёбӣ** асосан ҷамъбасти дарс буда, баъзан воситаҳои арзёбӣ (ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ) шарҳ дода мешаванд. Усул ва воситаҳои арзёбӣ вобаста ба салоҳиятҳо ва мақсадҳои таълимии дарс интихоб ва пешниҳод мегарданд. Ин қисми нақшаи дарс низ хусусияти тавсиявӣ дорад ва омӯзгор вобаста ба шароит ва қобилияти хонандагон онро иваз карда метавонад.

Мустаҳкамкунии донишҳои аввалия

Проблема: Шумо ба муассисаи таълимӣ барои расонидани ёрии методӣ омадед. Омӯзгорон оид ба муносибати салоҳиятнокӣ саволҳои зиёд омода кардаанд. Дар асоси маълумоти дар Фасли 1.1. омада ба саволҳои зерини омӯзгорон ҷавоб гардонед.

Вазифаи 1. Фасли 1.1-ро мустақилона хонед. Ҳангоми хондан ба саволҳои зерин ҷавоб ҷӯед.

Вазифаи 2. Ба саволҳои зерин ба таври мушаххас ҷавоб нависед. Аз матни боло иқтибос оваред.

Вазифаи 3. Дар гурӯҳҳои чор ё панҷнафара саволу ҷавоб кунед. Бонавбат нақши мушовир ва омӯзгоронро бозӣ кунед. Омӯзгорон саволҳои зеринро ба мушовир медиҳанд, мушовир ба онҳо ҷавоб мегардонад.

Саволҳо

1. Ислоҳот кадом самтҳои таълимро фаро мегирад ва дар асоси кадом ҳуҷҷат ба роҳ монда мешавад?
2. Дар муносибати салоҳиятнокӣ натиҷаҳои таълим тағйир меёбанд? Чӣ тавр?
3. Талаботи таълими фан дар муносибати нави таълим дар кадом шакл пешниҳод карда мешавад?
4. Асоси муносибати таълими салоҳиятнокро чӣ ташкил медиҳад? Ба хонанда кадом имкониятҳо дода мешаванд?
5. Стандартҳое, ки бо назардошти муносибати салоҳиятнок ба таълим тартиб дода шудаанд, чиҳоро фаро мегиранд?
6. Марҳалаи муайяни таълимро чӣ гуна мефаҳмед?
7. Рамзи салоҳиятҳо дар стандартҳо чӣ маънӣ дорад? Яъне 1.3.3, 2.3.3 чӣ маъно дорад?
8. Барои ҳар як салоҳият чанд соат ҷудо шудааст?
9. Нишондиҳандаи салоҳиятнокӣ чист? Мо кай онҳоро истифода бурда метавонем?
10. Фарқи байни барномаи таълимии пешина аз барномаи нав чист?
11. Тарзи ҷадвалӣ ва спиралии барнома аз ҳамдигар чӣ фарқ дорад?

12. Мо дуруст фаҳмидем: мо ташаккули салоҳиятҳои хонандагонро дар як замон сар карда, онро зина ба зина ташаккул медиҳем? Ба мо пурратар мефаҳмондед?
13. Нақшаи тақвимӣ дар муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим аз нақшаи пешинаамон чӣ фарқ дорад?
14. Нақшаи дарси роҳнамо аз кадом қисмҳо иборат аст? Ба мо ҳар як қисми онро шарҳ диҳед.

Вазифаи 4. Ба кадом саволи боло ҷавоб гардонда натавонистед? Ба фикри шумо чаро? Фасле ки барои ба ин савол ҷавоб гардондан мувофиқ аст, бори дигар хонед. Ҷавобро ёбед. Ё ҷавоби ҳамгурӯҳонатонро доир ба масъалае, ки нафаҳмидаед, бодиққат гӯш кунед ва ба қайд гиред.

1.2. Шарҳу тавзеҳи салоҳиятҳои фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ

Проблемагузорӣ

Шумо ба муассисаи таълимӣ омадед. Омӯзгорон аз шумо хоҳиш карданд, ки салоҳиятҳои фанниро ба онҳо фаҳмонед.

Вазифаи 1. Мустақилона ба се салоҳияти зерин шарҳ нависед. Онҳо чиро фаро мегиранд? Яъне хонанда чиҳоро бояд донад ва кадом амалҳоро иҷро карда тавонад.

Салоҳиятҳо	**Шарҳ**
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.	
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурд, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.	
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии он қадар калон (то 200 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.	

Вазифаи 2. Шарҳҳои тартибдодаатонро дар гурӯҳ муҳокима кунед ва якҷоя ҷадвали нав таҳия намоед.

Вазифаи 3. Шарҳи тартибдодаатонро бо шарҳи намунавӣ муқоиса кунед. Шарҳи навиштаатонро такмил диҳед.

Вазифаи 4. Кадом вазифаи болоро ба осонӣ иҷро карда тавонистед. Дар иҷрои кадом вазифа мушкилӣ кашидед? Мушкилотро ҳал карда тавонистед? Чӣ тавр? Агар ҳал нашуда бошад, боз чӣ ба шумо лозим аст? Чиро мо ба шумо фаҳмонда метавонем?

1.2.1. Принсипҳои заминавӣ барои таҳияи салоҳиятҳои фаннӣ

Салоҳиятҳо дар асоси як қатор присипҳо (қоидаҳои умумӣ) таҳия шудаанд. Донистани принсипҳои мазкур барои дарки амиқи салоҳиятҳо ёрӣ мерасонанд.

Принсипҳои таҳияи салоҳиятҳо:

- аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб тартиб дода шудаанд. Омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои синфи пешина ва баъдинаро мушоҳида карда, мутаносибан раванди таълимро аз оғоз то анҷом ба нақша гиранд. Ин муносибати зинавии татбиқи барномаи таълим мебошад, яъне салоҳиятҳое, ки дар як синф муаррифӣ шудаанд, дар синфҳои минбаъда такмил дода мешаванд. Дар сатҳи ҳар як синф талабот ба салоҳиятнокӣ мураккабтар мегардад.
- мувофиқи самтҳои асосии таълимии фанҳо гурӯҳбандӣ шудаанд. Тартиби пешниҳоди салоҳиятҳо (малака ва маҳоратҳо) ба тартиби маводи китобҳои дарсӣ мувофиқат намекунад.
- хусусияти ченшавандагӣ дошта, мушоҳида карда мешаванд ва азхудкунии салоҳиятҳо тавассути нишондиҳандаҳо муайян мегарданд. Аз ин лиҳоз, салоҳиятҳо на ҳамеша он чизеро, ки омӯзгор бояд таълим диҳад шарҳ медиҳанд.
- ҳар як салоҳият рақамгузорӣ шудааст. ***Масалан***: **4. 1. 1.** Дар ин ҷо рақами якум синф, рақами дуюм самти таълим ва рақами сеюм салоҳияти самти таълимро мефаҳмонад. Яъне, 4.1.1. – синфи чорум, самти якуми таълим ва салоҳияти якум.

1.2.1. Шарҳи баъзе салоҳиятҳои фаннӣ

Ҳарчанд салоҳият талаботи ягонаро нишон диҳад ҳам, он таҷрибаи дониш, малака ва маҳорати гуногунро таҳлил мекунад. Барои ба таври самаранок ба роҳ мондани раванди таълим омӯзгор бояд ҳар як салоҳияти фанниро пурра дарк кунад ва барои ташаккули онҳо усул ва муносибати мувофиқи таълимиро интихоб карда тавонад.

Биёед, якчанд салоҳиятро тафсир мекунем.

Салоҳиятҳо	Тафсир

3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.	Илова бар унсурҳое, ки хонандагон дар синфи якум ва дуюм аз худ кардаанд (нигаред ба сутунҳои пешини ҷадвали салоҳиятҳо). Қоидаҳои хондани матнҳои навъ ва жанри гуногун (назмию насрии ба синну сол мувофиқ; монологӣ ва диалогӣ, матнҳои ҳикоягӣ, тасвирӣ, бо унсурҳои мулоҳизаронӣ). Ба синтагмаҳо ҷудо карда хондан. Равон (бо суръати муътадил 60-70 калима дар як дақиқа) хондан. Бурро (талаффузи калимаҳо тибқи қоидаҳои имло) хондан. Калимаҳои сохта ва мураккаби ба синфи сеюм мувофикро хондан. Ба оҳанги аломатҳои китобат риоя карда хондан. Ҳангоми хондан ғалатҳои содиркардаро мустақилона ислоҳ кардан.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.	Ба низом даровардани дониши заминавӣ оид ба мавзӯи матн. Пешгӯйӣ. Ба низом даровардани ақидаҳо ва тартиби хронологии (пайдарпайии) воқеаҳо. Муайян кардани калимаҳои нофаҳмо. Хаёлан тасвир кардани ҳодисаву воқеаҳои матн. Алоқаманд кардани ҳодиса, воқеа ва манзараи тасвиршуда ба ҳаёти воқеӣ ва таҷрибаҳои шахсӣ. Истифодаи стратегияҳои маъмул. Санҷидан ва таҳлили сатҳи фаҳмиши матн. Назорати сатҳи дарки маънии матн. Хулоса баровардани ва арзёбӣ кардан. Стратегияҳои гуногунро истифода бурда унсурҳои матн (муаллиф, сарлавҳа, расм, симо (ҳо), замон ва макони баргузори воқеаҳо)-ро муайян кардан. Матнҳоро аз рӯйи навъ ва жанр (назмӣ, насрӣ; ҳикоя, афсона, матнҳои маърифатӣ ва илмӣ-оммавӣ) фарқ кардан. Матнҳоро бо мақсадҳои гуногун (шиносоӣ, дарёфти ахбори зарурӣ, дарки маънӣ) хондан. Ба саволҳои пеш аз хондан, дар ҷараёни хондан ва пас аз хондан ҷавоб ҷустан.
3.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима)-ро, ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.	Таҳлили умумии матн: таҳлили сохтори матн, интихоб кардани ахбори муҳим. Ҷудо кардани маълумоти асосӣ ва дуюмдараҷа. Ба низом даровардани ахбори аз матн гирифта. Муайян намудани воқеаҳои асосӣ ва ба тартиби хронологӣ ҷобаҷо кардани онҳо. Муайян намудани симоҳои матн ва таҳлилу арзёбии рафтори онҳо. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Таҳқиқи жанри матн ва хусусиятҳои хоси он. Таҳлили ақидаи муаллиф. Доир ба мазмуни матнҳои ношинос саволу ҷавоб (одӣ, таҳлилӣ, эҷодӣ) карда тавонистан. Мазмуни матн (асарҳои бачагонаи хурд)-ро муфассал, мухтасар ва интихобан нақл кардан. Пайдарҳамии мантиқии матнҳои ҳикоягиро муайян карда тавонистан. Ба гуфтор ва рафтори симоҳои матн баҳо додан. Мавзӯъ ва фикри асосии матне, ки ошкоро ифода шудааст, муайян кардан. Мазмуни

	матнҳои гуногунро таҳлил, муқоиса ва арзёбӣ кардан. Мазмуни ду матнро муқоиса карда тавонистан. Мазмуни матнҳҳои гуногунро бо ҳаёт алоқаманд кардан. Тахайюлот ва воқеият будани мазмуни матнҳои каме мураккабро муайян кардан.

Намуна аз фанни математика

Салоҳиятҳо	Тафсир
3.1.1. Ададҳоро аз 100 то 100000 мехонад, менависад ва муқоиса мекунад; разрядҳои воҳид, даҳӣ, садӣ, ҳазорӣ, даҳҳазорӣ ва садҳазориро муайян карда метавонад.	Ҷамъу тарҳи шифоҳӣ ва хаттӣ дар доираи 1000. Зарб ва тақсими ғайричадвалӣ. Тартиби иҷрои амалҳо ва ҳисоб кардани қимати онҳо. Тақсими бақиядор. Зарб ва тақсими хаттии ададҳои дурақама ба ададі якрақама. Тартиби иҷрои амалҳо дар ифодаҳои беқавс ва қавсдори 2-4 амала. Ҳал кардани масъалаҳо. Ададҳоро дар доираи 1000 мехонанд, менависанд ва амалҳои арифметикиро иҷро карда метавонанд; разрядҳои воҳид, даҳӣ, садӣ ва ҳазориро медонанд ва фарқ мекунанд; таркиби даҳии ададҳо аз 100 то 1000 – ро медонанд ва онҳоро ба разрядҳо ҷудо карда метавонанд.
3.1.2. Як қатор рамзҳои математикӣ («+», «-», «·», «:», «├”, «>», «<» «=») ва маънои онҳоро медонад ва дар амалҳо истифода карда метавонад.	Азхудкунии номи амалҳо ва маънои онҳо. Истифодаи аломатҳои «+», «-», «=», «>», «<»,«.» ва «:» Усулҳои ҷамъ ва тарҳ бо маводи мушаххас ва ҳосил кардани ифодаҳо дар мисоли зиёд ва кам кардан.ишораи аломатҳои «+», «-», «=», «>», «<», “·” ва “:”-ро медонанд; аз аломатҳои «+», «-», «=», «>», «<», “·” ва “:” истифода бурда метавонанд; баробарӣ ва нобаробариҳои сода тартиб дода метавонанд ва маънои онҳоро исбот карда метавонанд; қимати суммаро бо сумма ва фарқро бо фарқ муқоиса карда метавонад.

Кори лоиҳавӣ

Проблемагузорӣ

Шуморо барои гузарондани семинар–машаварати методие, ки яке аз ҷамоатҳо барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ташкил кардааст, даъват карданд. Омӯзгорон аз шумо хоҳиш карданд, ки ҳар як салоҳияти фанҳои гуногунро ба онҳо шарҳ диҳед. Шумо чӣ кор мекунед?

Вазифаи 1. Ҷадвали салоҳиятҳои фанҳои гуногуни синфҳои ибтидоиро аз назар гузаронед. Нигаред ба замима.

Вазифаи 2. Ба шаш гурӯҳи экспертӣ мувофиқи фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ муттаҳид шавед. Ҷадвали салоҳиятҳои фанни интихобкардаатонро хонед ва муҳокима кунед.

Вазифаи 3. Барои ҳар як салоҳият тафсир нависед.

Вазифаи 4. Тафсири навиштаатонро бо нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ муқоиса кунед. Чиро фаромӯш кардед? Чиро илова мекунед ва чиро аз қисми тафсир мебароред?

Вазифаи 5. Тафсири навиштаатонро такмил диҳед. Онро чоп кунед.

Вазифаи 6. Тафсири салоҳиятҳои фанҳои гуногунро, ки ҳамгурӯҳонатон навиштаанд, таҳлилу арзёбӣ кунед. Барои такмил ёфтани онҳо тавсияҳо нависед.

Вазифаи 7. Тавсияҳои гурӯҳҳои дигарро ба коратон илова кунед. Тафсиратонро такмил диҳед.

Вазифаи 8. Кадом вазифаи болоро ба осонӣ иҷро карда тавонистед. Дар иҷрои кадом вазифа мушкилӣ кашидед? Мушкилотро ҳал карда тавонистед? Чӣ тавр? Агар ҳал нашуда бошад, боз кадом донишҳо ба шумо лозим аст? Мо ба шумо чӣ гуна ёрӣ расонда метавонем?

Бозӣ “ВИКТОРИНА”

Тартиби иҷрои бозӣ. (1) Дар ҷадвал номи фан ва рамзи салоҳиятҳо ва миқдори холҳо оварда мешавад. (2) Ба гурӯҳҳо муттаҳид шавед. (3) Як рамзи салоҳиятро интихоб кунед. (4) Як дақиқа бо гурӯҳ муҳокима карда, салоҳиятро тафсир диҳед. (5) Агар тафсири шумо дуруст бошад, холи ба ин салоҳият мувофиқро соҳиб мегардед. (6) Гурӯҳе, ки холи зиёд мегирад, ғолиб дониста мешавад.

Фан	**5 хол**	**10 хол**	**15 хол**	**20 хол**
Забони модарӣ	1.1.1.	2.1.1.	3.1.1.	4.1.1.
	1.1.2.	2.1.2.	3.1.2.	4.1.2.
	1.1.3.	2.1.3.	3.1.3.	4.1.3.
	1.2.1.	2.2.1.	3.2.1.	4.2.1.
	1.2.2.	2.2.2.	3.2.2.	4.2.2.
	1.2.3.	2.2.3.	3.2.3.	4.2.3.
	1.3.1.	2.3.1.	3.3.1.	4.3.1.
	1.3.2.	2.3.2.	3.3.2.	4.3.2.
	1.3.3.	2.3.3.	3.3.3.	4.3.3.
	1.4.1.	2.4.1.	3.4.1.	4.4.1.
	1.4.2.	2.4.2.	3.4.2.	4.4.2.
	1.4.3.	2.4.3.	3.4.3.	4.4.3.

Фан	**5 хол**	**10 хол**	**15 хол**	**20 хол**
Математика	1.1.1.	2.1.1.	3.1.1.	4.1.1.
	1.1.2.	2.1.2.	3.1.2.	4.1.2.
	1.2.1.	2.2.1.	3.2.1.	4.2.1.
	1.2.2.	2.2.2.	3.2.2.	4.2.2.
	1.2.3.	2.2.3.	3.2.3.	4.2.3.
		2.2.4.	3.2.4.	4.2.4.
	1.3.1.	2.3.1.	3.3.1.	4.3.1.
	1.3.2.	2.3.2.	3.3.2.	4.3.2.
	1.4.1.	2.4.1.	3.4.1.	4.4.1.
	1.4.2.	2.4.2.	3.4.2.	4.4.2.
	1.4.3.	2.4.3.	3.4.3.	4.4.3.
	1.5.1.	2.5.1.	3.5.1.	4.5.1.

1.3. Тарзи ташкили дарс ва истифодаи усулҳои тадрис дар муносибати салоҳиятнокӣ

Проблемагузорӣ.

Шумо ба омӯзгорон дар семинар машварати методӣ оид ба таълими салоҳиятнок маърӯза кардед. Омӯзгорон оид ба тарзи ташкили дарс ва усулҳои муносибати салоҳиятнок ба шумо саволҳо медиҳанд. Мо якчанд саволи онҳоро дар поён овардаем.

Вазифаи 1. Ба ин саволҳо ба таври хаттӣ мустақилона ҷавоб гардонед.

1) Фарқи муносибати классикӣ (анъанавӣ) аз муносибати салоҳиятнокӣ дар чист?
2) Хонандагони мо дар олимпиадаҳои байналхалқӣ ҷойҳои намоёнро мегиранд, пас чаро мо бояд муносибати таълимро тағйир диҳем?
3) Кадом навъи фаъолиятҳои таълим дар низоми классикӣ кам дида мешуд?
4) Талаботи стандарт ва барномаҳои нав чиро тақозо мекунанд?
5) Салоҳиятҳои умумитаълимӣ чист?
6) Технологияи таълими фаъол чист?
7) Принсипи фаъолиятро ба мо фаҳмонед.
8) Принсипи муттасилиро нафаҳмидем, шумо ба мо онро шарҳ медодед.
9) Принсипи яклухтӣ (томӣ) чиро мефаҳмонад?
10) Фарогирии минималӣ ва максималӣ чи маънӣ дорад?
11) Мувофиқати равониро ба мо шарҳ диҳед.
12) Принсипи вариантнокиро дар шароити мо татбиқ кардан мумкин аст? Чӣ тавр?
13) Оё хонандагони мо эҷод карда метавонанд? Чӣ тавр инро ба роҳ мондан мумкин аст?
14) Ба мо усули фаъоли таълимро ба таври дигар шарҳ дода буданд. Ин усул чӣ фарқ дорад?

Вазифаи 2. Ҷавобҳои навиштаатонро бо ҳамнишинатон муқоиса кунед. Агар ба саволе ҷавоб дода натавониста бошед, аз ҳамнишинатон пурсед.

Вазифаи 3. Ҷавобҳоятонро бо маълумоти фасли 1.3.1. муқоиса кунед. Ҷавобатонро такмил диҳед.

Вазифаи 4. Дар гурӯҳ машғул шуда, саволу ҷавоб кунед.

1.3.1. Технологияи таълими фаъол[1]

Солҳои тулонӣ мақсади асосии таҳсилоти классикӣ азхудкунии системаи донишҳои назариявӣ буд. Хотираи хонандагон бо ахбор, ном, мафҳумҳои гуногун пур карда мешуд. Барои ҳамин сатҳи дониши назариявии хатмкунандаи муассисаҳои таълимӣ хеле баланд буд.

Хонандагони тоҷик дар олимпиадаҳои ҷаҳонӣ ширкат варзида дониши хубӣ воқеӣ нишон медиҳанд ва ҷойҳои намоёнро ишғол мекунанд. Онҳо дар ҳалли саволу супоришҳои хусусияти тазаккуридошта (репродуктивӣ), ки доштани донишу малакаҳои фанниро нишон медиҳанд, хеле муваффақ мегарданд. Аммо дар ҳалли масъалаҳое, ки истифодаи донишҳоро дар вазъиятҳои ҳаётии дар шаклӣ ғайриодӣ (ғайристандартӣ) ва шарҳу таҳлили маълумот, баровардани хулоса ва муҳокимаи натиҷаҳои ин ё он тағйиротро талаб мекунанд, мушкилӣ мекашанд.

Хонандагони мо дар иҷрои супоришҳое, ки истифодаи усулҳои таҳқиқотии мушоҳида, гурӯҳбандӣ, муқоиса, пешниҳоди фарзия ва хулоса, банақшагирии таҷриба, ки ба таҳлили маълумот ва гузаронидани таҳқиқот вобастагӣ доранд, таҷрибаи кофӣ надоранд.

Стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи навро нисбат ба натиҷаҳои таълими барномаҳои фаннӣ пеш гузошт. Зинаи таҳсилоти ибтидоӣ бояд на танҳо дониш, малака ва маҳоратӣ фаннӣ, балки салоҳиятҳои фанниву умумитаълимиро ташаккул диҳад. Муносибати мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот муваффақ гарданд: ба мисли қобилиятҳои худфаъолиятӣ[2] дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ; таъмини рушди фардӣ дар самтҳои асосии инкишофи шахсият.

Дар замони муосир сифати таҳсилот ҳамчун сатҳи инкишофи малакаҳои мушаххаси умумитаълимӣ (байнифаннӣ), ки ба худмуайянкунӣ ва худфаъолиятии шахсият вобастаанд, фаҳмида мешавад. Дар ин ҳолат дониш на “барои захира”, балки дар муҳтавои қолаби фаъолияти оянда ва вазъияти ҳаётӣ азхуд карда мешавад.

Яке аз мояи ифтихори мо – андозаи бузургӣ дониши назариявӣ – дар ҷаҳони тағйирёфта арзиши худро гум кардааст, зеро ҳама гуна ахбор ба зуди

---

[1]Мутобиқ гардонда шудааст. Сарчашма: Бирюкова М.В., Зуева Е.В., Муравьева Ю.А. **Системно-деятельностный подход на уроках в начальной школе. http://festival.1september.ru/articles/629753/**

[2]**ХУДФАОЪЛИЯТӢ**خودفعاليتي бо ташаббуси шахсии худ кореро анҷом додан.

куҳна мешавад. Айни замон на худи дониш, балки чӣ тавр ва дар куҷо истифода бурдани он аҳамият дорад.

Яке аз малакаҳои муҳим "тарзи дарёфти ахбор, таҳлили маълумот ва таҳияи ахбори нав" мебошад. Ҳамаи ин натиҷаи фаъолият мебошад. Фаъолият – ҳалли масъала аст. Ҳамин тариқ барои тағйир додани муносибати таълим аз азхудкунии маълумот (натиҷа – дониш) ба ташаккули салоҳиятҳо (натиҷа – қобилият) мо бояд хусусияти раванди таълим ва тарзи фаъолияти хонандагонро тағйир диҳем. Аз ин лиҳоз, зарурати татбиқи усули фаъоли[3] таълим ба миён меояд.

Технологияи таълими фаъол – тарзи ташкили раванди таълимест, ки маҳаки асосии онро фаъолияти ҳаматарафа, фаъолгардонӣ ва иҷрои мустақилонаи амалҳои маърифатии хонанда ташкил медиҳад.

Татбиқи технологияи таълими фаъол дар асоси **принсипҳои дидактикии зерин** ба роҳ монда мешавад:

Принсипи фаъолият–яъне дониш дар шакли тайёр ба хонанда пешниҳод нашуда, балки хонанда донишҳоро мустақилона ба даст меорад. Ҳамзамон муҳтаво ва шакли фаъолияти таълимро дарк карда, тартиб ва қоидаҳои онро мефаҳмад ва қабул карда, барои такмил додани онҳо фаъолона иштирок мекунад. Ин ба ташаккули фаъоли қобилиятҳои умумифарҳангиву фаъолнокӣ ва малакаҳои умумитаълимӣ мусоидат менамояд. Мувофиқи принсипи мазкур ба хонанда тарзу усули дарёфтан, коркард ва истифодаи маълумот (ахбор, факту рақамҳо, донишҳо) омӯзонда мешавад. Ин ба хонандагон имконият медиҳад, ки тартибу усул (стратегияҳо)-ро барои минбаъд мустақилона азхуд кардани донишҳои нав истифода баранд.

Принсипи муттасилӣ– алоқамандӣ (пайдарпайӣ) байни ҳамаи зинаҳо ва марҳалаҳои таълим дар сатҳи технологияҳои таълим, мундариҷа ва усулҳо бо назардошти хусусиятҳои инкишофи синну солии кӯдакон.

Принсипи яклухтӣ (томӣ) – ташаккули нуқтаи назари яклухти хонандагон оид ба олам (табиат, ҷамъият, худи шахс, олами фарҳангиву иҷтимоӣ, фаъолият, нақш ва мақоми ҳар як соҳаи илм дар системаи илмӣ).

Принсипи фарогирии минималӣ ва максималӣ–мактаб бояд ба хонанда имконияти ахзудкунии мундариҷаи таълимро дар сатҳи максималии ӯ (минтақаи наздиктарини рушди гурӯҳи синну солӣ) фароҳам оварда, ҳамзамон сатҳи азхудкунии минимуми бехатарии иҷтимоиро (стандартҳои давлатӣ) таъмин намояд.

---

[3] **ФАЪОЛ** *а.* 1 **فعال**. бисёр коркунанда, коркун, пуркор. **ФАЪОЛИЯТ** *а.* **فعاليت** кӯшиш, серҳаракатӣ ва ҷиддият дар иҷрои коре, ғайрат ва ҷидду ҷаҳд дар кор.

Принсипи мувофиқати равонӣ–аз байн бурдани тамоми омилҳои фишороваре, ки раванди таълимро халалдор месозанд. Ташкил намудани фазои хайрхоҳ дар мактаб ва дарсҳо, ки татбиқи педагогикаи ҳамкорӣ ва ташаккули моширати муколамавиро тақозо мекунад.

Принсипи вариантнокӣ (гунанокӣ) – ба хонандагон имконияти ташаккули маҳорати таҳлили системаноки гунаҳо ва қабули қарори дуруст дар ҳолатҳои интихоб фароҳам оварда мешавад.

Принсипи эҷодкорӣ– дар раванди таълим диққати асосӣ ба малакаи эҷодкорӣ ва соҳиби таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ шудани хонанда равона карда мешавад. Яъне раванди таълим тарзе ба роҳ монда мешавад, ки эҷод кардан ва ҳосил кардани таҷриба маҳаки асосӣ ҳисоб мешавад.

Хусусияти асосии технологияи таълими фаъол дар он аст, ки хонандагон ба таври мустақилона донишҳои навро тавассути фаъолияти таҳқиқотӣ «кашф» мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки дониш ва малакаҳои таълимӣ барои хонандагон аҳамияти шахсӣ пайдо кунад.

Технологияи таълими фаъол воситаи универсалӣ буда, ба омӯзгор имкон медиҳад, ки дарсҳоро мувофиқи талаботи муносибати салоҳиятнок дар таълим ба роҳ монад.

Кор дар гурӯҳҳо низ имконияти зиёди ба таври самаранок ташкил намудани фаъолияти таълимро фароҳам меорад. Яке аз навъи осони кори гурӯҳӣ ин кори дунафарӣ мебошад. Дар марҳалаи мустаҳкамкунии мавзӯи нав, масалан, аз хонанда хоҳиш карда мешавад, ки барои ҳамнишинаш барои мустаҳкамкунии мавзӯи нав вазифае (супорише) омода намояд. Таъкид мекунем, ки на танҳо ба ҷавоб диққат кунанд, балки ба тарзи иҷрои супориш диққат диҳанд. Яъне, чӣ тавр ҷавобро ёфтанд? Дар ҳолати ба мувофиқа наомадан ба хонандагон имконият медиҳем, ки аз омӯзгор ё хонандагони дигар пурсанд. Барои иҷрои чунин вазифа вақти мушаххас дода мешавад. Панҷ дақиқа кифоя аст.

Дар ин муддат ҳар як хонандаи синф имконият пайдо мекунад, ки донишро нишон диҳад, истифодаи қоидаҳоро аниқ созад ва бори дигар тартиби иҷрои амалро дарк кунад. Инчунин дар нақши эксперт фаъолият кунад.

Вазифаи мазкур таъсири хуб дорад. Ин вазифаро метавонед баъд аз шарҳи омӯзгор ва иҷрои якчанд намунаҳо, гузаронед ё дарси оянда. Чунин вазифаро дар омӯзиши мавзӯъҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст.

Дар ин марҳала назорати қатъии раванди иҷрои вазифа гузаронда мешавад. Яъне омӯзгор ҷавоби хонандагонро интихобан гӯш мекунад ва натиҷаи корашонро арзёбӣ мекунад. Дар ин марҳала асосан арзёбии ташаккулдиҳанда истифода мешавад. Вазифаи омӯзгор ва хонандагон муайян кардани ғалатҳо ва роҳҳои ислоҳи онҳо мебошад. Яке аз хусусиятҳои хуби кори дунафарӣ дар як вақт

машғул шудани тамоми синф аст: хонандагон масъаларо муҳокима мекунанд, ғалатҳоро муайян ва ислоҳ мекунанд, донишҳои худро мустаҳкам менамоянд.

Дар муносибати классикии таълим аксари хонандагон вақти зиёди дарсро ба мушоҳидаи фаъолияти дигарон сарф мекарданд. Аз ҷумла, нақли омӯзгорро гӯш мекарданд, ҷавоби ҳамсинфашонро, кори хонандаи алоҳидаро дар тахтаи синф мушоҳида мекарданд ва амсоли ин. Мушоҳидаи фаъолияти дигарон ба шахс имконият намедиҳад, ки босалоҳият шавад. Аз ин лиҳоз, хонанда бояд фаъолияти таълимиро дарк кунад, дар ҳалли он иштирок кунад ва хулоса барорад.

Кори дунафарӣ ё гурӯҳӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки бо шариконаш суҳбат кунанд, мафҳумҳои азхудкардаашро гӯянд, маводи аздухкардаашро такмил диҳанд, тавсия ва маслиҳатҳои муфид гиранд, муносибати хуб ба фан ҳосил кунанд ва малакаи иҷрои вазифаҳои гуногунро ҳосил кунанд. Сифати дониши хонандагон баланд шуда, раванди таълим самаранок мегардад.

Ҳамин тавр бо истифодаи усулҳои таълими проблемавӣ, корҳои лоиҳавӣ, шаклҳои кори гурӯҳӣ ба омӯзгор имконият медиҳад, ки усули фаъолия таълими хонандагони хурдсолро ба таври самаранок ба роҳ монад.

Хулоса. Татбиқи технологияи таълими фаъол дар синфҳои ибтидоӣ ба таълими самараноки хонандагон мусоидат мекунад. Таҳлили натиҷаҳои озмоиши стандартҳо ва муносибати салоҳиятнокӣ инро баръало нишон медиҳанд. Хонандагон малакаҳои асосии умумитаълимро аз худ мекунанд ва ин имконият медиҳад, ки дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот бо муваффақият (новобаста аз усулҳо ва талаботи таълимию методӣ) идома диҳанд.

Истифодаи технологияи мазкур имконият медиҳад, ки раванди таълим мақсаднок ва босамар ба роҳ монда шавад. Инчунин он ба ҳар як хонанда имконият медиҳад, ки ба раванди “кашфи” донишҳои нав ворид шавад.

Проблемагузорӣ.

Омӯзгорониноҳия (муассиса) аз шумо хоҳиш мекунанд, ки чӣ тавр салоҳиятҳоро дар хонандагон ташаккул дода метавонанд. Чӣ кор кунем? Ман тавсияҳои роҳнаморо нафаҳмидам. Боз ба мисли пешина дарс медиҳам. Ба мо фаҳмонед, чӣ кор кунем. Чӣ тавр салоҳиятҳои хонандагонро ташаккул диҳем?

Вазифаи 1. Дар ҷадвали зерин панҷ марҳала нишон дода шудааст. Дар гурӯҳҳои дунафарӣ кор карда, ҳар як марҳалаи ташаккули салоҳиятро шарҳ диҳед. Яъне, хонанда барои салоҳиятнок шудан дар ҳар марҳала чӣ кор мекунад? Омӯзгор чӣ?

Марҳалаҳо	Шарҳ
0	
1	
2	
3	
4	

Вазифаи 2. Ҷадвали таҳиякардаатонро бо гурӯҳи дунафараи дигар муқоиса кунед. Якҷоя як ҷадвали такмилёфта таҳия намоед.

Вазифаи 3. Ҷадвали таҳиякардаатонро бо аҳли синф муҳокима кунед.

Вазифаи 4. Кадом қадами вазифа бароятон мушкил буд? Мушкилотро чӣ тавр ҳал кардед? Барои натиҷаи хуб ҳосил шудан, шумо чӣ кор кардед?

Вазифаи 5. Фасли 1.3.2–ро хонед. Бо ҷадвали таҳиякардаатон муқоиса кунед. Агар зарурат ба миён ояд, ҷадвалро тағйир диҳед.

1.3.2. Марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо

Ба мақсади ба низом даровардан ва ба қолаби ягона ҷо додани талаботи муносибати салоҳиятнок, тарзи банақшагирии спиралӣ ва технологияи таълими фаъол, ки рукнҳои асосии татбиқи муносибати салоҳиятнок мебошанд, дарсҳо мувофиқи марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо ба нақша гирифта мешаванд. Ташаккули салоҳият муназзамӣ ва машқи зиёдро талаб мекунад. Ҳангоми банақшагирии дарсҳо ба эътибор гирифтани ҳар як марҳалаи ташаккули салоҳиятҳо зарур аст. Дар нақшаи зерин марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо ба таври аёнӣ нишон дода шудааст:

Биёед ҳар як марҳаларо баррасӣ мекунем.

Марҳалаи 0.

Дар ин марҳала хонандагон бо проблема (фаъолияти таълим) рӯ ба рӯ мешаванд. Аз хонандагон иҷрои ягон амале, ки ҳоло аз уҳдаи он намебароянд, талаб карда мешавад. Хонандагон мувофиқи фаҳмиш ва дониши заминавиашон ин амалро иҷро мекунанд. Проблемаи гузошташударо дарк мекунанд, яъне мефаҳманд, ки амалро иҷро карда наметавонанд. Ин имконият медиҳад, ки хонандагон мақсад гузоранд ва барои иҷрои амал ҳавасманд гарданд.

Намунаҳо:

Математика: Хонандагон ҳоло ададҳои дурақамаро ҷамъ карда наметавонанд. Мақсади шумо омӯзондани ин малака аст. Шумо дар тахтаи синф як мисол менависед. Масалан, 34+26=. Аз хонандагон хоҳиш мекунед, ки мисолро ҳал кунанд. Хонандагон роҳҳои гуногуни ҷамъро истифода мебаранд. Кори хонандагонро мушоҳида карда, аз онҳое, ки мисолро дуруст ҳал кардаанд, тартиби иҷрои амалро мепурсед. Яъне, онҳо чӣ гуна ин ададҳоро ҷамъ карданд? Чӣ корҳоро иҷро карданд?

Агар хонандагон мисолро ҳал карда натавонанд ҳам, онҳо кӯшиш мекунанд ва ин барои пайдо шудани вақҳиёт (ҳавасманди)-и хонандагон ва шинохтани проблемаи таълимӣ ёрӣ мерасонад.

Забони модарӣ: Яке аз қоидаҳои матн бо ҳарфи калон навиштани аввали номи одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ ва амсоли он мебошад. Мақсад бояд хонандагон ин қоидаро аз худ карда, дар навишт ғалат накунанд. Дар марҳалаи 0 (дарк кардани проблема) шумо чунин вазифа супорида метавонед: Дар тахтаи синф (ё варақи калон) якчанд калимаҳоеро, ки номи одам, лақаби ҳайвон, номҳои географӣ, инчунин калимаҳое, ки исмҳои ҷинсро ифода мекунанд бо ҳарфҳои хурд нависед. Калимаҳо бояд омехта навишта шаванд. Ба хонандагон гӯед, ки аввали баъзе калимаҳо бо ҳарфи калон навишта мешаванд. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки калимаҳоро дуруст нависанд. Хонандагон бо проблема рӯ ба рӯ мешаванд. Ҳарфи аввали кадом калима калон аст? Чӣ тавр муайян кунам? Яъне, хонандагон мақсад пайдо мекунанд.

Марҳалаи 1.

Дар марҳалаи 1 хонандагон ба таҳлили тартиби иҷрои амал ва пешниҳоди фарзияҳо[4] шуруъ мекунанд. Ҳар як қадамро муҳокима мекунанд. Дар асоси қолаби пешниҳодшуда машқ мекунанд.

Намунаҳо:

Математика: Дар ин марҳала намунаи дурусти ҳалли масъала ва тартиби иҷрои он муҳокима мешавад. Аммо дар хотир бояд дошт, ки тартиби иҷрои амалро худи хонандагон муайян мекунанд ва худ қоида месозанд. Як намуна аз ҷониби омӯзгор (ё хонандае, ки мисолро дуруст ҳал кардааст) пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми иҷрои амал омӯзгор ҳар як қадамро мегӯяд. Масалан: Дар тахтаи синф 34+26= менависад. Ба хонандагон муроҷиат карда мегӯяд [*барои ҷамъ кардани адади дурақама ба дурақама аввал воҳидҳо ҷамъ карда мешаванд*]. Рақамҳоро таги ҳам менависад ва воҳидҳоро ҷамъ мекунад. Сипас [*шаш ҷамъи чор 10 мешавад гуфта*], дар поёни хат 0 менависад [*якро дар хотир нигоҳ медорем*]. Баъд аз ҷамъ кардани воҳидҳо даҳиҳоро ҷамъ мекунад [*акнун мо даҳиҳоро ҷамъ мекунем се ҷамъи ду мешавад панҷ. Яки дар хотир бударо ба панҷ ҷамъ мекунем, мешавад шаш*] дар поёни хат, пеш аз рақами 0 шаш менависад. Ба хонандагон муроҷиат карда мепурсад [*чанд ҳосил шуд?60*]. Пас аз ин аз хонандагон мепурсад, ки барои ҷамъи ададҳои дурақама ӯ чӣ кор кард. Хонандагон номбар мекунанд. Ба хонандагон як намунаи дигар пешниҳод мегардад. Хонандагон мустақилона ё дунафарӣ мисолро кор мекунанд. Омӯзгор аз якчанд хонанда хоҳиш мекунад, ки ҳалли мисолро гӯянд.

[4] ҳадс ва тахмине, ки вақти таҳлили илмӣ барои шарҳ ва эзоҳи ягон ҳодиса оварда мешавад, пиндор, гипотеза.

Омӯзгор ҳам ҳалли дуруст ва ҳам ҳалли нодурустро дар тахта менависад ва аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки раванди корашонро шарҳ диҳанд. Яъне, чӣ гуна ба ин натиҷа ноил шуданд. Дуруст ва нодуруст будани ҳалли мисолро аниқ месозанд. Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки тартиби иҷрои амалро ба хотир оранд ва гӯянд. Ин амалро якчанд маротиба бо мисолҳои гуногун гузарондан лозим аст, то ҳамаи хонандагон масъала (проблемаи таълим)-ро дарк кунанд.

Забони модарӣ: Навиштани ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, ҳайвонот ва номҳои мавзеъҳои географӣ. Дар ин марҳала аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки матнҳои гуногунро аз назар гузаронанд. Исмҳои хосро ёфта, мувофиқи хусусиятҳояшон ба гурӯҳҳо ҷудо кунанд. Қоида тартиб диҳанд. Масалан: Омӯзгор ба хонандагон супориш медиҳад [*матни "н"–ро хонед ва калимаҳое, ки бо ҳарфи калон навишта шудаанд ҷудо кунед*]. Хонандагон калимаҳоро муайян карда, рӯйхат тартиб медиҳанд. Сипас ба хонандагон супориш медиҳад [*акнун калимаҳоро хонед ва онҳоро аз рӯйи ягон хусусият ба гурӯҳҳо ҷудо кунед.*]. Омӯзгор кӯшиш мекунад, ки ба хонандагон ягон намуна наорад, то онҳо мустақилона кор карда, масъаларо ҳал кунанд. Пас аз он ки хонандагон калимаҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо карданд, ба ҳар гурӯҳ ном мегузоранд (Масалан, аввали ҷумла, номи одам, номи деҳа, номи дарё, номи саг ва ғайра). Омӯзгор ба хонандагон супориш медиҳад [*Кӣ мегӯяд, дар кадом ҳолатҳо мо ҳарфи аввали калимаро калон менависем. Хонандагон ҷавоб мегардонанд: дар аввали ҷумла, дар номи одамон ва ғайра*]. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки қоида тартиб диҳанд. Яъне, дар кадом ҳолат ҳарфи аввали калима калон навишта мешавад?

Марҳалаи 2.

Дар марҳалаи 2 хонандагон қоидаҳо (фарзияҳо) тартиб дода, дар асоси қоидаҳои тартибдодаашон машқ мекунанд. Муайян мекунанд, ки қоидаҳои тартибдодаашон ба онҳо барои ҳалли проблемаи таълимӣ ёрӣ мерасонанд ё не. Машқҳои пайиҳам ва гуногунро иҷро мекунанд.

Намунаҳо:

Математика: Хонандагон асосан дунафарӣ ва ё дар гурӯҳҳои хурд кор карда, мисолҳо тартиб дода, ба ҳамдигар месупоранд. Натиҷаи кори якдигарро дар асоси қоидаҳои тартибдодаашон месанҷанд. Тартиби иҷрои амал (алгоритм)–ро муҳокима ва таҳлил мекунанд. Ҳар замон аз ҷониби омӯзгор ё аз ҷониби ҳамсинфон шарҳи қадамҳои иҷрои амал пурсида мешавад.

Забони модарӣ: Дар ин марҳала барои дарки проблемаи таълимӣ ва тасдиқи фарзияҳо (қоидаҳо)–и пешниҳодшуда якчанд машқҳои гуногун гузаронда мешавад. Аз ҷумла, имлои дунафарӣ. Як матне, ки дар он якчанд исми хос аст, аз ҷониби хонандаи А хонда мешавад ва хонандаи Б онро менависад. Сипас якҷоя имлои навиштаи хонандаи Б–ро месанҷанд. Ҳангоми санҷиш ба қоидаҳои

тартибдодаашон бармегарданд ва мувофиқати онро ба матни асл муқоиса мекунанд. Дар ин марҳала аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки миқдори гурӯҳҳоро маҳдуд кунанд. Масалан, номи одамон, номи ҳайвонот, номи мавзеъҳои географӣ. Барои ин бори дигар рӯйихати калимаҳо дода мешавад. Аммо ин дафъа номи гурӯҳҳо аз ҷониби омӯзгор муқаррар карда мешавад. Хонандагон бояд калимаҳои пешниҳодшударо ба гурӯҳҳо ҷудо кунанд. Хонандагон қоидаи дар марҳалаи пешин тартибдодаашонро бори дигар такмил диҳанд.

Марҳалаи 3.

Дар марҳалаи 3 хонандагон фарзияҳо (қоидаҳо)-и тартибдодаашонро бо қоидаҳои асл муқоиса карда, як қоидаи асосӣ таҳия мекунанд ва дар асоси он кори худ ва дигаронро месанҷанд. Хонандагон ғалатҳои содиршударо дар асоси қоида муайян ва ислоҳ мекунанд.

Намунаҳо:

Математика: Ба хонандагон қоида (тартиб, алгоритм)-и асл (илман асоснок) пешниҳод карда мешавад. Хонандагон фарзияҳояшонро бо қоидаҳои асл муқоиса мекунанд ва тартиби дурусти ҳалли масъаларо аниқ месозанд. Пас аз ин ба хонандагон намунаи кори хонандагони дигар супорида мешавад. Онҳо кори якдигарро месанҷанд, ғалатҳоро аниқ месозанд ва барои ҳалли онҳо ба якдигар тавсия медиҳанд. Ин корро метавон дунафарӣ ё дар гурӯҳҳои хурд ба роҳ монд. Дар ин марҳала ба хонандагон имконияти бештари истифодаи қоида дода мешавад. Онҳо машқҳои гуногун ичро мекунанд. Дар ин марҳала чаро дуруст ва чаро нодуруст ичро шудани вазифа муҳокима карда мешавад.

Забони модарӣ: Нигаред ба намунаи фанни математика.

Марҳалаи 4.

Дар марҳалаи 4 хонанда амалро мустақилона дар шароити гуногун истифода мебарад. Акнун ба хонанда зарурати баргаштан ба қоидаҳо вуҷуд надорад, зеро аллакай ӯ салоҳиятнок шудааст. Аммо барои эътимод ҳосил кардан, хонандагон якчанд корҳои санҷиширо ичро мекунанд. Малакаи ҳосилшударо дар шаклҳои гуногун ва мундаричаи нав истифода мебаранд. Корҳои лоиҳавӣ ичро мекунанд. Барои аз худ кардани малакаҳои нав омода мешаванд.

Кори лоиҳавӣ

Вазифаи 1. Як салоҳиятро аз ҷадвали салоҳиятҳои фаннӣ интихоб намоед (Нигаред ба замимаи 1).

Вазифаи 2. Таркиби салоҳиятро муайян кунед. Яъне, салоҳияти мазкур кадом малакаҳоро фаро мегирад. Кадом қоидаҳо, стратегияҳо, амалҳо, мафҳумҳо ва алгоритмҳо.

Вазифаи 3. Яке аз малакаҳои таркиби салоҳиятро интихоб намоед.

Вазифаи 4. Марҳалаҳои ташаккули ин малакаро нишон диҳед. Яъне, хонанда дар ҳар марҳала ба кадом кор машғул мешавад. Аз тавсияҳои фасли 1.3.2. истифода баред.

Марҳалаҳо	Хонанда чӣ кор мекунад?
Марҳалаи 0	
Марҳалаи 1	
Марҳалаи 2	
Марҳалаи 3	
Марҳалаи 4	

Вазифаи 5. Ҷадвали таҳиякардаатонро ба ҳамнишинатон фаҳмонед. Ба тавсияҳои ҳамнишин гӯш дода, онҳоро ба қайд гиред. Коратонро такмил диҳед.

Вазифаи 6. Ичрои кадом қисми вазифа барои шумо мушкил буд? Оё ин мушкилот ҳал шуд ё не? Агар ҳал шуда бошад, чӣ тавр? Бо ёрии кӣ/чӣ?

II. Банақшагирии дарс бо назардошти муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим

2.1. Марҳалаи омодагӣ

Омодагӣ ба дарс марҳалаи муҳимми ташкили раванди таълим аст. Омӯзгор бояд ба ин марҳала диққати ҷиддӣ диҳад. Биёед, ҳар як қадами марҳалаи омодагӣ ба дарсро дида мебароем.

1) Муайян кардани минтақаи инкишофи хонанда. Омӯзгор дар асоси таҳлили натиҷаҳои бадастовардаи хонандагон (давомот ва баҳоҳои хонандагон, қайдҳо дар дафтари арзёбӣ, мушоҳидаҳо) минтақаи инкишофи хонандагонро аниқ мекунад. Ба саволи “Хонандагон кадом амалро ичро карда метавонанд ва кадом амалро ичро карда наметавонанд?” ҷавоб мегардонад. Яъне, хонандагон дар кадом марҳалаи (0, 1, 2, 3 ё 4) ташаккули салоҳият қарор доранд.
2) Муайян кардани салоҳиятҳое, ки хонандагон бояд ташаккул диҳанд. Ё кадом унсури (дониш, малака, маҳорат, салоҳият)-ро бояд ташаккул диҳанд.
3) Муайян кардани мақсадҳои мушаххаси дарс. Мақсадҳои мазкур салоҳиятҳои интихобкардаатонро аз ягон ҷиҳат инъикос мекунанд. Онҳо

хеле мушаххасанд. Намуна: Хонандагон симоҳои матнро муайян карда метавонанд; хонандагон ададҳои дурақамаро дар доираи аз 10 то 30 ҷамъ карда метавонанд.

4) Интихоби маводи таълим. Интихоби матн, миқдори мисолу навъҳои масъалаҳо, аёниятҳо ва амсоли он. Дар ин ҷо омӯзгор метавонад аз матну мисолҳои китобҳои дарсӣ, маводи ёрирасон, китобҳои бадеӣ, маҷаллаву рӯзномаҳо истифода барад.
5) Интихоби усулҳои таълим ва тарзи ташкили кор (дунафара, гурӯҳӣ, мустақилона). Ҳангоми интихоби усулҳои таълим якчанд меъёрро ба эътибор гирифтан зарур аст: (а) тарзи ташкили он осон буда, барои омодагӣ вақти зиёдро нагирад; (б) маводи зиёду серхарҷро талаб накунад; (в) аксари хонандагон онро иҷро карда тавонанд; (г) барои ташаккули салоҳиятҳо мусоидат кунад; (ғ) барои иҷро вақти зиёдро талаб накунад; (д) тартиби иҷрои он мушаххас ва фаҳмо бошад.
6) Навиштани нақшаи дарс ё силсилаи дарсҳо. Омӯзгор сенарияи дарсро таҳия мекунад. Тартиби ташкили дарсро пайиҳам ба таври мушаххас менависад.

2.2. Навиштани нақшаи дарс – дастурҳо

Тартиби навиштани нақшаи дарсро дар шакли дастур пешниҳоди шумо мегардонем. Ин ба шумо имкон медиҳад, ки ҳангоми расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорон ёрӣ расонед. Дар поён ду тарзи навиштани нақшаи дарсро бо назардошти таълими салоҳиятнокӣ пешниҳод мекунем: яке бе истифодаи роҳнамо ва дигар дар асоси роҳнамо.

2.2.1. Навиштани нақшаи дарс бе истифодаи роҳнамо

Проблема: Омӯзгорон ҳоло роҳнамо нагирифтаанд,хонандагон китоби дарсии нав надоранд. Омӯзгорон дар таҳлука афтода ба шумо муроҷиат карданд, то ба онҳо тарзи банақшагирии дарсро омӯзонед.

Дастури 1. Боварӣ ҳосил намоед, ки омӯзгорон аз ҳамаи фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ **ҷадвали салоҳиятҳоро** дастрас кардаанд.

Дастури 2. Моҳияти таълими салоҳиятнокиро ба онҳо фаҳмонед. Намунаи суҳбат: Дар муносибати салоҳиятнокӣ асос ташаккули малакаҳо аст. Ташаккули малакаю маҳоратҳо тавассути машқ (таҷриба) кардани ягон амал аст. Амалҳо дар шакли салоҳият дар ҷадвал оварда шудааст. [Аз ҷадвали салоҳиятҳо якчанд намунаро хонед ва онҳоро шарҳ диҳед. Гӯед, ки ин салоҳиятҳо чиро талаб мекунанд, аз кадом унсурҳо иборатанд.]

Дастури 3. Аз омӯзгорон хоҳиш намоед, ки як китоби дарсиро ба шумо оранд. Саҳифае, ки онҳо дарс доданианд кушоянд. Нигаред ба намуна. Ҷадвали салоҳиятҳои фанни забони модариро кушоед. Ба омӯзгорон аввал салоҳиятҳои гуфтанро хонед.

Масалан:

2.2.1. Дар вазъиятҳои васеътар қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.

2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.

Дастури 4. Ба омӯзгорон муроҷиат карда, гӯед: "Ҳар сеи ин салоҳиятҳо, талаботи худро доранд. Масалан, салоҳияти 2.2.1. донистан ва риоя кардани қоидаҳои сухангӯйиро талаб мекунад. Асосан дар синфи дуюм мо ба малакаи бо забони адабӣ буррову равон ва мувофиқи мавзӯъ сухан гуфтани хонандагон диққат медиҳем. Салоҳияти 2.2.2. бошад истифодаи тарзу усулҳои гуфторро талаб мекунад. Яъне, хонанда кадом навъи стратегияи гуфторро истифода мебарад: нақл, гузориш, муаррифӣ, монолог, боваркунонӣ, саволдиҳӣ ва ғайра. Салоҳияти 2.2.3. доир ба мавзӯи додашуда бо истифодаи луғат ва ибораҳои мувофиқ сухан гуфтанро талаб мекунад. Хонанда фикру ақидаашро дар қолабҳои гуногун (нигаред ба стратегияҳо) баён карда метавонад.

Дастури 5. Аз омӯзгорон хоҳиш кунед, ки дарси интихобкардаро хонанд. Гӯянд, ки мавзӯи асосии дарс чист?

ДАРСҲОИ 35-36

Мушоҳидаҳоятонро дар бораи парандаю хазандаҳои медонистагиатон ба хотир биёред.

Афсонаро хонед, мазмуни онро нақл кунед.

ЗАНБӮР ВА ФАРОШТУРУК

Мегӯянд, ки замоне мор подшоҳи рӯйи замин будааст. Вай ба занбӯр фармудааст, ки ба ҳамаи махлуқони рӯйи замин неш зада донад, ки гӯшти кадоми онҳо бамаза аст.

Рӯзе занбӯр барои ичрои супориши подшоҳ ҳар тараф парвоз мекард ва ба махлуқоти гуногун неш мезад. Дар бозгашт бо фароштурук вохӯрд.

– Ҳа, занбӯр, – гуфт фароштурук, – кучо ин қадар шитоб мекунӣ?

– Назди подшоҳ хабар мебарам.

– Чӣ хабар?

– Медонӣ, гӯшти инсон бисёр бамаза будааст, барои хӯроки подшоҳамон хеле мувофиқ аст.

Фароштурук мегӯяд:

– Канӣ, боз як бор такрор кун.

Ҳамин ки занбӯр такрор кард, фароштурук бо думи қайчимонандаш забони ӯро бурида партофт ва занбӯр гунг шуд. Вақте ки занбӯр ба пеши морподшоҳ омад, ғингос мезаду чизе гуфта наметавонист.

Аз ҳамон замон фароштурук дар хонаи одамон лона месозад. Одамон вайро муҳофизат мекунанд.

фароштурук – парасту, достак

1. Подшоҳи рӯйи замин – мор ба занбӯр чӣ фармон дод?
2. Занбӯр дар бозгашт бо чӣ рӯ ба рӯ шуд?
3. Фароштурук баъди донистани нияти бади занбӯр чӣ кор кард?
4. Чаро одам фароштурукро муҳофизат мекунад?
5. Лонасозии фароштурукҳоро мушоҳида кардаед?

1. Бо калимаҳои **занбӯр**, **фароштурук** ҷумла созед. Ҳиссаи калимаи **фароштурук**ро ба сатри дигар гузаронед.
2. Ду ҷумлаи охирини матнро рӯбардор намоед.
3. Дар хотир нигоҳ доред:

Менависем	Мехонем
занбӯр	замбӯр
танбӯр	тамбӯр
занбурӯғ	замбурӯғ
санбӯса	самбӯса
анбор	амбор

112

Дастури 6. Муайян кардани мавзӯи асосии дарси боло, ба монанди дарсҳои аксари китобҳои дарсии истифодашаванда ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, шумо бояд ба омӯзгорон барои муайян кардани мавзӯи дарс ёрӣ расонед. Дар намунаи боло дар ҳақиқат маълум нест, ки аз дарс чӣ талаб карда мешавад. Мавзӯи маънавии дарси мазкурро “оқибати хабаркашӣ” гуфтан мумкин аст. Мавзӯи забониро шумо метавонед ба “бадалшавии фонемаҳо/овозҳо” нисбат диҳед.

Дастури 7. Азбаски забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ ҳамгиро дарс дода мешавад (забон ва хониш) дарси шумо бояд ду проблемаи таълимро муайян кунад. Яке проблемаи маънавӣ (хониш) дигар проблемаи забонӣ (имло, сарфу наҳв). Пас аз муайян кардани мавзӯи маънавӣ онро ба салоҳиятҳои гуфтан алоқаманд карда, вазифаи аввали дарсро таҳия мекунем. Асосан ин марҳаларо

“фаъолгардонии донишҳои заминавӣ” меноманд. Шумо метавонед ба омӯзгорон чунин маслиҳат диҳед:
Шумо метавонед аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи хуб ё бад будани одати хабаркашӣ фикрашонро гӯянд. Дар нақшаи дарс чунин навишта метавонед.
1. Фаъолгардонии дониши базавӣ (ё проблемагузорӣ). Савол: Ба фикри шумо хабаркашӣ рафтори хуб аст ё бад? Чаро? Як дақиқа фикр карда, ақидаатонро ба ҳамнишинатон гӯед (Салоҳияти 2.2.3.).
Бо ин шумо хонандагонро барои дарк кардани мавзӯи асосии дарс омода мекунед, онҳоро ба дарс ҳавасманд мегардонед.

Дастури 8. Акнун диққати омӯзгоронро ба салоҳиятҳои хондан равона кунед. Ҳар як салоҳиятро хонда, шарҳ диҳед.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2.Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурд, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии он қадар калон (то 200 калима), ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
Салоҳияти 2.3.1. Истифодаи қоидаҳоро ҳангоми хондан талаб мекунад. Ин салоҳият дар худ чунин унсурҳоро дорад: таҳлили сохтори матн (навъи жанр), хониши равон, бурро ва ифоданок (синтагмаҳо), мавқеи аломатҳои китобат, калима, ибора, ҷумла, сархат, воситаҳои тасвир (бадеӣ), номи матн, муаллифи матн ва амсоли он.

Салоҳияти 2.3.2. Истифодаи стратегияҳои хонданро талаб мекунад. Яъне, дар асоси ном, калимаву ибораҳои калидӣ, расму мусаввараҳо пешгӯйи кардани мазмун (мавзӯъ) матн, савол гузоштан, ҷудо кардани матн ба қисмҳои мантиқӣ, таҳлилу арзёбии ҳодисаҳо ва симоҳо, муайян кардани сабабу натиҷа ва амсоли он.
Салоҳияти 2.3.3. Дарки мазмуни матнро талаб мекунад. Яъне, хонанда мазмуни матни хондаашро мефаҳмад ё не. Асосан ин мазмуни матн тавассути саволу ҷавоб ба роҳ монда мешавад. Саволҳо бояд дараҷаҳои гуногун дошта бошанд.

Дастури 9. Аз омӯзгорон пурсед: “Шумо кадом ин салоҳиятҳоро дар ин дарс ташаккул доданӣ ҳастед?” Ба омӯзгорон тавсия диҳед, ки ҳангоми кор бо матн ҳар се салоҳиятро ба нишон гиранд. Яъне, ҳам қоидаҳо, ҳам стратегияҳо ва ҳам дарки мазмуни матнро. Қадамҳои минбаъдаи дарси шумо ба хониш бахшида мешавад:

2) Пеш аз хондан. Пешгӯйи дар асоси номи матн. Номи матнро дар тахтаи синф нависед. Ба хонандагон муроҷиат карда, пурсед: “ Матни мо “Занбӯр ва фароштурук” ном дорад. Ба фикри шумо дар он чӣ воқеа рӯй медиҳад?” (Салоҳияти 2.3.2.).

3) Хониши намунавии омӯзгор. Матнро буррову равон як маротиба хонед. Хонандагон хат мебаранд (Салоҳияти 2.3.1.).

4) Хониши дастаҷамъона. Як сархати матн якҷоя бо аҳли синф буррову равон хонда мешавад. Ба синтагмаҳо (фосилаҳо) диққат дода мешавад (Салоҳияти 2.3.1.).

5) Хониши дунафарӣ. Хонандагон матнро бонавбат ба ҳамдигар мехонанд (Салоҳияти 2.3.1.).

6) Кор дар гурӯҳҳо. Дар асоси матн панҷ савол тартиб диҳед. Аз калимаҳои саволии "Чаро? Барои чӣ? Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо?" истифода баред (Салоҳияти 2.3.2.).

7) Саволу ҷавоб. Гурӯҳҳо ба саволҳои якдигар ҷавоб мегардонанд (Салоҳияти 2.3.3.).

8) Таҳлили сохтори матн. Ин кадом навъи матн аст? Афсона? Аз куҷо фаҳмидед? Симоҳои матн киҳоянд? Кадом симо мусбат ва кадомаш манфӣ аст? Чаро? (Салоҳияти 2.3.2.).

Дастури 10. Акнун диққати омӯзгоронро ба салоҳиятҳои навиштан равона кунед. Салоҳиятҳоро ба онҳо шарҳ диҳед.

2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

Салоҳиятҳоро ба омӯзгорон шарҳ диҳед. 2.4.1. қоидаҳои имло, сарф ва наҳви забони тоҷикӣ. Яъне, хонандагон тарзи мувофиқи қоидаҳои имло навиштан, мувофиқи талаботи сарфу наҳв навиштанро машқ ва таҷриба мекунанд.

Салоҳияти 2.4.2. Хонандагон навъҳои гуногуни навиштанро аз худ мекунанд, навиштани рӯйихат, нома, эълон, қайдҳо, ҷадвал ва амсоли он.

Салоҳияти 2.4.3. Хонандагон матни том эҷод мекунанд. Алоқамандии байни ҷумлаҳо, истифодаи дурусти калимаҳо, ибораҳо. Мувофиқи мавзӯъ ба тартиби муайян ба таври хаттӣ баён кардани фикр.

Дастури 11. Диққати омӯзгоронро ба мавзӯи забонии дарс "бадалшавии фонемаҳо/овозҳо" равона кунед. Ба онҳо фаҳмонед, ки он ба салоҳияти 2.4.1. мувофиқ аст. Яъне, хонандагон мувофиқи талаботи имло калимаҳоро навишта метавонанд. Барои ин дар нақшаи дарс бояд бори дигар проблемагузорӣ ба роҳ монда шавад. Қадамҳои минбаъда, ки барои пайдо шудани проблемаи таълимӣ замина мегузоранд, ёрӣ мерасонанд. Аз ҷумла:

10) Имло. Калимаҳои зеринро хонед, аз омӯзгорон хоҳиш кунед, ки нависанд. Калимаҳо: занбӯр, анбӯр, анбор, санбӯса, танбӯр, занбурӯғ (Салоҳияти 2.4.1.).

11) Кори дунафарӣ. Санҷиши имло. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки имлои навиштаи якдигарро санҷанд, ғалатҳоро муайян кунанд (Салоҳияти 2.4.1.).

12) Кор бо ғалатҳо. Агар хонандагон ба ҷойи занбӯр – замбӯр навишта бошанд, шакли дурусти онро бо хонандагон якҷоя муҳокима кунед. Диққати хонандагонро ба тарзи навиштани ин калимаҳо равона кунед. Таъкид кунед, ки замбӯр хондану навиштан ғалат аст. Ҳарчанд, дар китоби дарсӣ омадааст: менависем занбӯр – мехонем замбӯр ин ғалат аст. Зеро, инро дар забон ивазшавии овозҳо мегӯянд ва замбӯр (амбор, самбӯса ва ғайра) талаффуз кардан ғалати омма шудааст. Мо бояд кӯшиш кунем, ки хонандагон дуруст нависанд ва хонанд (Салоҳияти 2.4.2.).

13) Машқи иловагӣ. Бозии "Кӣ зудтар!" (Бинго). Калимаҳоро дар тахтаи синф нависед. Калимаҳо: занбӯр, анбӯр, анбор, санбӯса, танбӯр, занбурӯғ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтар ҷадвали чорхонадор кашанд. Дар дохили ҳар як катак як калимаро аз тахтаи синф интихоб карда, нависанд. Шумо калимаҳоро интихобан хонед. Агар хонанда дар ҷадвалашон ин калимаро навишта бошанд, онро хат мекашанд. Хонандае, ки пас аз хондани шумо ҳамаи калимаҳоро хат мекашад, ғолиб шуда, ба ҷойи шумо даври дигари бозиро мегузаронад (Салоҳияти 2.4.1.).

14) Баргаштан ба қоидаҳои навиштани калимаҳои занбӯр, анбӯр, анбор, санбӯса, танбӯр, занбурӯғ. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бори дигар тарзи навиштани калимаҳоро шарҳ диҳанд (Салоҳияти 2.4.2.).

Дастури 12. Ба омӯзгорон фаҳмонед, ки барои арзёбӣ мо бояд рӯйихати салоҳиятҳое, ки дар дарс ташаккул доданӣ ҳастем, тартиб диҳем. Ҳангоми дарс ба фаъолияти хонандагон диққат медиҳем. Мувофиқи фаъолият ва натиҷаҳои корашон ба онҳо баҳо мегузорем.

Дастури 13. Акнун дар шакли қолаби дарс нақшаро ҷобаҷо кунед.

Салоҳиятҳо:
Салоҳиятҳои 2.2.3; 2.3.2; 2.3.1; 2.3.3; 2.4.1; 2.4.2

Дастури 14. Муайян кардани мақсадҳои дарс. Барои муайян кардани мақсадҳои дарс бори дигар ҳар як қадами дарсро аз назар мегузаронем. Чунин мақсадҳои дарс таҳия кардан мумкин аст:

– дар бораи хуб ё бад будани одати хабаркашӣ гуфта метавонанд;
– дар асоси номи матн пешгӯйи карда метавонанд;
– матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонда метавонанд;
– дар асоси мазмуни матн бо истифодаи калимаҳои саволии “Чаро? Барои чӣ? Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо?”савол тартиб дода метавонанд;
– сохтори матнро таҳлил карда метавонанд;
– калимаҳои новобаста аз бадалшавии фонемаҳо/овозҳо ҳангоми гуфтор дуруст навишта метавонанд.

Дастури 15. Қадамҳои дарсро пайиҳам дар нақша менависем. Чунин нақша пайдо мешавад.

Мавзӯъ: Фароштурук ва занбӯр – 2 соат

Салоҳиятҳо: 2.2.3; 2.3.2; 2.3.1; 2.3.3; 2.4.1; 2.4.2

Мақсади дарс:

– дар бораи хуб ё бад будани одати хабаркашӣ гуфта метавонанд;
– дар асоси номи матн пешгӯйи карда метавонанд;
– матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонда метавонанд;
– дар асоси мазмуни матн бо истифодаи калимаҳои саволии “Чаро? Барои чӣ? Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо?”савол тартиб дода метавонанд;
– сохтори матнро таҳлил карда метавонанд;
– калимаҳои новобаста аз бадалшавии фонемаҳо/овозҳо ҳангоми гуфтор дуруст навишта метавонанд.

Равиши дарс:

1. Фаъолгардонии дониши базавӣ (ё проблемагузорӣ). Савол: Ба фикри шумо хабаркашӣ рафтори хуб аст ё бад? Чаро? Як дақиқа фикр карда, ақидаатонро ба ҳамнишинатон гӯед (Салоҳияти 2.2.3.).

2) Пеш аз хондан. Пешгӯйи дар асоси номи матн. Номи матнро дар тахтаи синф нависед. Ба хонандагон муроҷиат карда, пурсед: Матн “Занбӯр ва фароштурук” ном дорад. Ба фикри шумо дар он чӣ воқеа рӯй медиҳад?” (Салоҳияти 2.3.2.)

3) Хониши намунавии омӯзгор. Матнро буррову равон як маротиба хонед. Хонандагон хат мебаранд (Салоҳияти 2.3.1.).

4) Хониши дастаҷамъона. Як сархати матн якҷоя бо аҳли синф буррову равон хонда мешавад. Ба синтагмаҳо (фосилаҳо) диққат дода мешавад (Салоҳияти 2.3.1.).

5) Хониши дунафарӣ. Хонандагон матнро бонавбат ба ҳамдигар мехонанд (Салоҳияти 2.3.1.).

6) Кор дар гурӯҳҳо. Дар асоси матн панҷ савол тартиб диҳед. Аз калимаҳои саволии “Чаро? Барои чӣ? Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо?” истифода баред (Салоҳияти 2.3.2.).

7) Саволу ҷавоб. Гурӯҳҳо ба саволҳои якдигар ҷавоб мегардонанд (Салоҳияти 2.3.3.).

8) Таҳлили сохтори матн. Ин кадом навъи матн аст? Афсона? Аз куҷо фаҳмидед? Симоҳои матн киҳоянд? Кадом симо мусбат ва кадомаш манфӣ аст? Чаро? (Салоҳияти 2.3.2.)

10) Имло. Калимаҳои зеринро хонед, аз омӯзгорон хоҳиш кунед, ки нависанд.

Калимаҳо: занбӯр, анбӯр, анбор, санбӯса, танбӯр, занбурӯғ (Салоҳияти 2.4.1.).

11) Кори дунафарӣ. Санҷиши имло. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки имлои навиштаи якдигарро санҷанд, ғалатҳоро муайян кунанд (Салоҳияти 2.4.1.).

12) Кор бо ғалатҳо. Агар хонандагон ба ҷойи занбӯр – замбӯр навишта бошанд, шакли дурусти онро бо хонандагон якҷоя муҳокима кунед. Диққати хонандагонро ба тарзи навиштани ин калимаҳо равона кунед. Таъкид кунед, ки замбӯр хондану навиштан ғалат аст. Ҳарчанд, дар китоби дарсӣ омадааст: менависем занбӯр – мехонем замбӯр ин ғалат аст. Зеро, инро дар забон ивазшавии овозҳо мегӯянд ва замбӯр (амбор, самбӯса ва ғайра) талаффуз кардан ғалати омма шудааст. Мо бояд кӯшиш кунем, ки хонандагон дуруст нависанд ва хонанд (Салоҳияти 2.4.2.).

13) Машқи иловагӣ. Бозии “Кӣ зудтар!” (Бинго). Калимаҳоро дар тахтаи синф нависед. Калимаҳо: занбӯр, анбӯр, анбор, санбӯса, танбӯр, занбурӯғ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтар ҷадвали чорхонадор кашанд. Дар дохили ҳар як катак як калимаро аз тахтаи синф интихоб карда нависанд. Шумо калимаҳоро интихобан хонед. Агар хонанда дар ҷадвалашон ин калимаро навишта бошанд, онро хат мекашанд. Хонандае, ки пас аз хондани шумо ҳамаи калимаҳоро хат мекашад, ғолиб шуда, ба ҷойи шумо даври дигари бозиро мегузаронад (Салоҳияти 2.4.1.).

14) Баргаштан ба қоидаҳои навиштани калимаҳои занбӯр, анбӯр, анбор, санбӯса, танбӯр, занбурӯғ. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бори дигар тарзи навиштани калимаҳоро шарҳ диҳанд (Салоҳияти 2.4.2.).

15) Арзёбӣ ва ҷамъбаст.

Кори лоиҳавӣ

Вазифаи 1.Як дарсро аз китоби дарсӣ (математика, забони модарӣ, санъат ва меҳнат, суруд ва мусиқӣ, табиатшиносӣ) интихоб намоед.
Вазифаи 2. Дар асоси дастурҳои боло нақшаи дарс таҳия кунед.
Вазифаи 3. Кори дунафарӣ. Нақшофарӣ. Ба ҳамкоратон тарзи банақшагирии дарсро фаҳмонед. Ҳар як қадами иҷрокардаатонро шарҳ диҳед.
Вазифаи 4. Муайян кардани мушкилот ва ёфтани роҳҳои ҳалли он. Кадом қадами таҳияи нақшаи дарс мушкил буд? Чӣ тавр онро ҳал кардан мумкин аст?
Вазифаи 5. Ба қайд гирифтани мушкилот ва роҳҳои ҳалли он. Ҷадвали иборат аз ду сутун кашед. Дар сутуни тарафи чап мушкилот ва дар сутуни рост роҳҳои ҳал нависед. Мушкилотро муайян кунед ва аз ҳамкоронатон роҳи ҳалли ин мушкилотро пурсед. Роҳи мувофиқтари ҳалли мушкилотро нависед.

Мушкилот	Роҳҳои ҳал

2.2.2. Навиштани нақшаи дарс дар асоси роҳнамо

Проблема: Омӯзгорон ба шумо муроҷиат карда, чунин мепурсанд: мавзӯъҳои роҳнамо ба китобҳои дарсӣ мувофиқат намекунад, дар роҳнамо мавзӯъҳо навишта нашудаанд, чӣ тавр дар асоси роҳнамо нақшаи дарс нависем. Шумо ба онҳо чӣ ҷавоб медиҳед?

Мақсади таҳияи роҳнамои фанҳои таълимии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ба таври самаранок татбиқ намудани стандарти фаннӣ, ки дар асоси муносибати салоҳиятнокӣ таҳия шудаанд, мебошад. Он як навъ кори омӯзгорро осон ва ӯро барои ташкили раванди таълим бо назардошти муносибати салоҳиятнокӣ раҳнамоӣ мекунад.

Дар роҳнамои омӯзгор ҳамаи дарсҳо пешакӣ ба нақша гирифта шудаанд. Салоҳиятҳо, мақсадҳои дарс, равиши дарс ва арзёбӣ муайян шудаанд. Пас саволе ба миён меояд, ки чаро омӯзгорон дар навиштани нақшаи дарс мушкилӣ мекашанд? Мушкилии асосӣ дар он аст, ки роҳнамоҳо барои татбиқи стандарт таҳия шуда, дар аксари ҳолатҳо ба мавод ва мавзӯъҳои китобҳои дарсии мавҷуда мувофиқат намекунанд. Сабаб дар он аст, ки муносибати салоҳиятнокӣ нисбат ба маводи таълимӣ, аз ҷумла китобҳои дарсӣ талаботи махсус дорад. Асоси таълими

салоҳиятнокӣ машқҳои тӯлонӣ ва пайиҳамии малака аст. Аммо дар китобҳои дарсии мавҷуда чунин имконият фароҳам оварда намешавад. Малакаҳо хеле кам машқ карда мешаванд, онҳо аз як дарс ба дарси дигар гузаронда намешаванд. Дарсҳо мавзӯи томро пайгирӣ намекунанд. Машқҳои амалӣ ва вазъиятҳои ҳаётӣ кам оварда мешаванд. Имконияти интихоб (матн, масъала ва амсоли он) маҳдуданд.

Бо назардошти омилҳои боло ба китобҳои дарсӣ замима навишта шуданд ва мақсади замима пур кардани холигиҳо ва мукаммал кардани мазмуни китобҳои дарсӣ аст.

Якчанд замима ба китобҳои дарсӣ ворид гардиданд ва баъзеи онҳо ҳамчун маводи алоҳида чоп шудаанд. Айни замон китобҳои дарсии такмилёфта нашр шуда истодаанд. Аммо шояд онҳо танҳо соли таҳсили оянда мавриди истифода қарор гиранд, аз ин лиҳоз мушовирони синфҳои ибтидоӣ, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва муовинони директорон бояд ба омӯзгорон барои банақшагирии дарс дар асоси роҳнамо ва китобҳои дарсии мавҷуда ёрии методӣ расонанд. Дар ин фасл мо тасмим гирифтем, ки ин масъаларо баррасӣ кунем.

Дар поён дастурҳо оид ба таҳияи нақшаи дарс дар асоси роҳнамо ва китоби дарсӣ оварда мешавад. Намунаҳо аз фанни забони модарӣ барои синфи 2–юм оварда мешаванд.

Дастури 1. Аз омӯзгорон хоҳиш намоед, ки китоби дарсӣ ва роҳнамои омӯзгорро биёранд. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки дарсе, ки ба нақша гирифтанианд ҳам аз роҳнамо ва ҳам аз китоби дарсӣ кушоянд.

Намуна:

ДАРСҲОИ 31-32

Дар бораи хайр, саховат, хасиси, чашмгуруснагӣ, ҷавонмардӣ хонда ва шунидаатонро ба хотир биёред.

САЙЁДИ ҲАРИС

Сайёди харисе дом ниҳода буд. Оҳуе дар он дом афтод. Сайёд хост, ки наздики дом равад. Оҳу домро канда ба саҳро гурехт. Сайёд оҳуро парронд. Оҳу аз пой афтод. Сайёд онро бардошта, ба хонаи худ равон шуд. Аз роҳ хуки баромад. Сайёд ба ҷониби вай тире афканд. Хуки маҷрӯҳ ба сайёд ҳуҷум кар ду ҳар ду ҳалок шуданд.

Гурги гуруснае аз он ҷо мегузашт. Се ҷасади мурдаро диду хеле шод шуда, ба худ гуфт:

– Ин гӯштҳои тозаро барои рӯзҳои сахти зиндагӣ захира созаму имрӯз ба хӯрдани зеҳи камон, ки сайёд аз рӯйи сохтааст, қаноат кунам.

Гург инро гуфта, ба зеҳи камон дандон зад. Зеҳ канда шуд ва чӯби камон бо шаст ба шиками гург даромад.

маҷрӯҳ – захмӣ
дом – қапқон, асбоби шикор
зеҳи камон – ресмон ё торе, ки аз рӯйи хушконида сохта мешавад

1. Сайёд оҳуро чӣ тавр ба даст афтонд? 2. Ба чӣ сабаб сайёд ба хук тир андохт? 3. Чаро гург шод шуд? Вай худ ба худ чӣ гуфт? (Аз матн хонед).
4. Ҳарисӣ ба чӣ оварда расонд? 5. Ба ҷӯйи сайёд шумо чӣ гуна рафтор мекардед? 6. Одами ҳарисро бо чӣ меғӯянд?
1. Калимаи ҳарфҳои й, ӣ, ӯ, я-дор ва сарҳати скирини матнро нависед.
2. Ба калимаҳои зерин саволҳои мувофиқ гузоред: ниҳод, афтод, гурехт, бардошт, равон шуд, баромад, ҳалок шуданд.
Намуна: ниҳод – Чӣ кор кард?
3. Калимаҳои зеринро ҷуфт-ҷуфт хонед, маъниҳоро кунед:
гузашт – нагузашт сохт – насохт
гуфт – нагуфт зад – назад

168

§ 96. Дарсҳои 31–32

Барнома. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидану шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

Салоҳиятҳо:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима), ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохтарашон гуногун менависад.

Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:
- қисми тахайюлӣ ва ҳақиқии матнро ҷудо карда тавонад;
- воқеаҳои ҳикояро (матнро) ба тартиби хронологӣ ҷобаҷо гузошта тавонад;
- матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
- андешаҳои худ ва дигаронро ба мақсадҳои гуногун (бовар кунонидан, ҳикоя кардани ҳодиса ё воқеа, дастур додан ва дар бораи чизе хабар додан) нависад;
- дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо ичро кунад.

Равиши дарс. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4.*
Пурсиши вазифаи хонагӣ. Курсии сеҳрнок. Хонандаеро ба назди тахтаи синф даъват намоед. Хонанда дафтарашро бо худ гирад. Аз аҳли синф ҳоҳиш намоед, ки аз ӯ бо навбат саволҳои вазифаи хонагиро пурсанд. Ҳамин тавр, якчанд хонандаро пурсед.
Муаррифӣ ва мухокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4.*
Гуфтан: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз "Бонки мавзӯъҳо" интихоб намоед.

240

ФДЗ. Мавзӯи дарсро (калимаи асосӣ, лаҳзаи асосӣ) дар даврае ифшоед. Аз ҳонандагон ҳоҳиш кунед, ки вобаста ба ин мавзӯъ он калимаҳоеро, ки медонанд, дар атрофи дарра ифшонанд. Намуна:

Кор бо луғат. Пеш аз дарс матиро хонед ва калимаҳоеро, ки ба фикри шумо ба хонандагон нофаҳмо аст, муайян кунед. Калимаҳои ифлоро дар тарафи чап ва калимаҳои ҳамъаҳои онҳоро (ё шарҳи онҳоро) дар тарафи рости тахтаи синф ифшоед. Ба калимаҳои ифо раҳам (1.2.3 ва ғайра) ва ба калимаҳои ҳамъаҳо/шарҳҳо ҳарф гузоред (а,б,в,г ва ғайра). Аз хонандагон ҳоҳиш намоед, ки калимаҳои тарафи чап ва рости тахтаи синфро мувофиқ гузонанд. Масалан, 1 – б. Пас аз ичрои машқ ҳар як калимаро хонед ва аз хонандагон ҳоҳиш намоед, ки калимаи мувофиқи онро аз тарафи рости тахтаи синф хонанд.
Бо ин калимаҳо аввал худатон ду ё се ҷумла гӯед, сипас аз аҳли синф ҳоҳиш намоед, ки бо ин калимаҳо ҷумла гӯянд.

Хондан. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо ҳоҳиш намоед, ки якҷоя матиро хонанд ва таҳлил кунанд. Дар вараҳ ҷадвали "Бовар намекунам!" ва "Бовар мекунам!" кашиданро ва онро дар асоси матн пур кунанд. Гурӯҳо натиҷаи корашонро ба аҳли синф муаррифӣ мекунанд. Матиро якчанд мӯҳлати ва таҳлил намоед. Пеш аз дарс матиро хонед ва 2 саволи ифлои *"Як ба як" (саволҳои одӣ, ки ҷавобашонро ба осонӣ аз матн ёфтан мумкин аст)*, 2 саволи *"Фикр кун, таҳҳақ намо"* (саволҳое, ки ҷавобаш дар қисмҳои гуногуни матн омадаанд) ва 2 саволи ифлои *"Муаллиф ва шумо"* тартиб диҳед.
Саволҳоро дар панҷ вараҳи алоҳида ифшоед. Аз хонандагон ҳоҳиш намоед, ки матиро мустақилона бори дигар хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)-нафара ҷудо намоед. Аз онҳо ҳоҳиш намоед, ки бори дигар матиро хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоби мувофиқ ёфта, онҳоро ифшонанд. Гурӯҳҳо вараҳҳоро бо ҷавобҳо ба шумо месупоранд. Натиҷаи кори гурӯҳҳоро санҷед.

Навиштан. Афсона. Идомаи дарсҳои пешин. Ва якчанд хонанда ҳоҳиш намоед, ки аввали афсонаи дарси пешин ифшиттаҳояшонро хонанд. Сипас ба онҳо гӯед, ки имрӯз якчанд давоми афсонаро менависед. Дар тахтаи синф калимаҳои *як рӯз, рӯзе, ногаҳон, аввал, баъд, сипас*-ро ифшоед. Ба хонандагон фаҳмонед, ки тавассути ин калимаҳо онҳо метавонанд ҳодисаро нақл кунанд. Барои ифшиттани афсона ин калимаҳо хеле зиёд истифода мешаванд. Онҳо эҳмоҳ ва тартиби ба яқҳуҳ омадани ҳодисаро мефаҳмонанд.
- Бисёр, давоми афсонаро менависем. Акнун мо боид гӯем, ки як рӯз бо Каҳрамони афсона чӣ ҳодиса рух дод. Акнун мо аз сарҳати ифо матиро идома медиҳем. Зеро акнун фикри ифо оғоз меёбад. Масалан,

Буд-набуд, як Кафшак буд. Вай дар кунҷи ҷевон буд. Вай суп-сурх ва ҳамлин буд. Зеро Кафшаки дуюм гум шуда буд.

Рӯзе Кафшак барои ҷустани ҷуфташ аз ҷевон берун баромад.
- Ногаҳон Ҳар як хонандаро рафта, ҷумлаҳояшонро санҷед ва ба онҳо барои дуруст ифшиттан ёрӣ расонед.
- Хонандагон оғози ҳодисаро менависанд. Аз калимаи "*ногаҳон*" истифода мебаранд.

Хонандагон ба саволи ногаҳон чӣ ҳодиса рух дод ё бо кӣ воқуъ ҷавоб меғӯянд. Масалан,

Буд-набуд, як Кафшак буд. Вай дар кунҷи ҷевон буд. Вай суп-сурх ва ҳамлин буд. Зеро Кафшаки дуюм гум шуда буд.

Рӯзе Кафшак барои ҷустани ҷуфташ аз ҷевон берун баромад. Ногаҳон аз пешаш гурбачае баромад.
- Ногаҳон Ҳар як хонандаро рафта, ҷумлаҳояшонро санҷед ва ба онҳо барои дуруст ифшиттан ёрӣ расонед.
- Баъд ба хонандагон фаҳмонед, ки акнун мо ҳодисаро шарҳ медиҳем. Ягане чӣ шуд? Чӣ гуфтанд? Мисол:

Буд-набуд, як Кафшак буд. Вай дар кунҷи ҷевон буд. Вай суп-сурх ва ҳамлин буд. Зеро Кафшаки дуюм гум шуда буд.

Рӯзе Кафшак барои ҷустани ҷуфташ аз ҷевон берун баромад. Ногаҳон аз пешаш гурбачае баромад.
- *Ту ба кӯҷо рафта истодай? – пурсид Гурбача.*
- *Ман ба ҷустуҷӯйи ҷуфтам рафта истодаам, – ҷавоб дод Кафшак.*
- Ин ҷумларо ифшиттаҳо, ба хонандагон тарзи ифшиттани мукоплмаро фаҳмонед. Ягане истифодаи тире ва феълҳои *пурсид* ва *ҷавоб дод*.

Акнун хонандагон ҳисси мукоплмаи афсонаҳояшонро менависанд. Ҳаҳди Ҳар як хонанда рафта, ҷумлаҳояшонро санҷед ва ба онҳо барои дуруст ифшиттан ёрӣ расонед.

Ичрои машқҳои китоби дарсӣ. Аз хонандагон ҳоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро ичро ҳамонанд.

Тавсиҳо барои кор бо хонандагони сустҳон. Дар эҳмоҳ ба китоби дарсӣ ифшиттаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки маҳаки сусти хондану ифшиттан доранд, оварда мешавад. Аз хонандагон ҳоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матиро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану ифшиттаро зиёдтар машқ кунед.

Ҷамъбаст ва хулоса. Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешаҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро ичро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда ояд ба беҳтар шудани корашон таҳсин диҳед.

Вазифаи хонагӣ. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё эҳмоҳро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки Ҳусни хатташон коста аст, машқи ҳат супоред.

Арзёбӣ. Аз эҳмоҳи роҳнамои маҳкур мувофиқи саҳоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

Дастури 2. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки нақшаи дарсии роҳнаморо пурра ва бодиққат хонанд. Чуноне ки мебинед, рақамҳои дарсҳо ба ҳам мувофиқат мекунанд.
Дастури 3. Таҳияи нақшаи дарс. Аз омӯзгорон хоҳиш намоед, ки мавзӯи дарсро аз китоби дарсӣ интихоб карда, нависанд.
Мавзӯъ: Сайёди Ҳарис
Дастури 4. Аз омӯзгорон хоҳиш намоед, ки рақами салоҳиятҳоро нависанд. *Салоҳиятҳо:* 2.1.3.; 2.2.3.; 2.3.3.; 2.4.3.
Дастури 5. Аз омӯзгорон хоҳиш намоед, ки нақшаи дарсро бори дигар хонанд. Оё ҳамаи ин фаъолиятҳои тавсияшавандаро истифода мебаранд ё не. Агар не, кадомашро. Сипас диққати омӯзгоронро ба мақсадҳои дарс равона кунед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки мақсадҳоро мувофиқи фаъолиятҳои таълимии интихобшуда, муйян карда, дар нақша нависанд.
Мақсадҳои дарс:
- қисми тахаюлӣ ва ҳақиқии матнро ҷудо карда тавонад;
- воқеаҳои ҳикоя (матн)-ро ба тартиби хронологӣ ҷобаҷо гузошта тавонад;
- матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
- андешаҳои худ ва дигаронро ба мақсадҳои гуногун (бовар кунонидан, ҳикоя кардани ҳодиса ё воқеа, дастур додан ва дар бораи чизе хабар додан) нависад;
- дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо ичро кунад.

Дастури 6. Аз омӯзгорон хоҳиш кунед, ки ҳар як қадами равиши дарсро хонда, ба таври мушаххас дар нақша нависанд. Мушаххас ё пурра навиштани нақшаи дарс вобаста ба омӯзгор аст. Мақсади асосӣ дуруст дар амал татбиқ кардани дарс аст.
- Пурсиши вазифаи хонагӣ. Курсии сеҳрнок.
- Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои дарс.
- Фаъолгардонии дониши заминавӣ. Саволҳо: Шумо дар бораи сайёд чӣ медонед? Ҳарис гуфта чӣ гуна шахсро мегӯянд?
- Кор бо луғат. Калимаҳо:
  1. маҷрӯҳ а) қапқон, асбоби шикор
  2. дом б) ресмон ё торе, ки аз рӯдаи хушконида сохта мешавад
  3. зеҳи камон в) захмӣ
- Ангезиши зеҳн. Хонандагон бо ин калимаҳо ҷумла мегӯянд.
- Кори гурӯҳӣ. Хонандагон матнро хонда, қисми тахайюлӣ[5] ва ҳақиқии онро аниқ месозанд. Дар ҷадвал менависанд.

Бовар мекунам	Бовар намекунам

[5] **ТАХАЙЮЛ** *а.* **تخيل** *кит.* хаёл, тасаввур; орзу.

– Муаррифии гурӯҳҳо. Аз ҳар гурӯҳ як нафар ба гурӯҳи дигар рафта, корашонро муаррифӣ мекунанд.
– Кор дар гурӯҳҳо. Хонандагон бо истифодаи калимаҳои саволии Кӣ? Чӣ? Дар куҷо? Барои чӣ? панҷ савол таҳия мекунанд. Саволҳо ба гурӯҳи дигар супорида мешавад. Хонандагон ба савол ҷавоб менависанд.
– Савол ба омӯзгор. Хонандагон дар бораи матн ба омӯзгор савол медиҳанд.
– Навиштан. Хонандагон идомаи афсонаи дарси аввал таҳиякардаашонро менависанд.
– Мушоҳидаи кори хонандагон ва расонидани ёрӣ.
– Таҳлили фаъолияти таълимӣ. Чӣ кор кардем? Чӣ мушкилот буд? Боз чӣ кор кардан зарур аст?
– Арзёбӣ ва ҷамъбаст.
– Супоридани вазифаи хонагӣ. Аз матн калимаҳои ҳарфӣ ӯ, й–дорро нависед. Матнро якчанд маротиба хонед ва барои нақл кардан омода шавед.

Чунин нақшаи дарс таҳия мешавад:

Мавзӯъ: Сайёди Ҳарис – 2 соат

Салоҳиятҳо: 2.1.3.; 2.2.3.; 2.3.3.; 2.4.3.

Мақсадҳои дарс:

– қисми тахаюлӣ ва ҳақиқии матнро ҷудо карда тавонад;
– воқеаҳои ҳикоя (матн)-ро ба тартиби хронологӣ ҷобаҷо гузошта тавонад;
– матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
– дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
– андешаҳои худ ва дигаронро ба мақсадҳои гуногун (бовар кунонидан, ҳикоя кардани ҳодиса ё воқеа, дастур додан ва дар бораи чизе хабар додан) нависад;
– дастурҳои шифоҳии ду-се амаларо иҷро кунад.

Равиши дарс:

– Пурсиши вазифаи хонагӣ. Курсии сеҳрнок.
– Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои дарс.
– Фаъолгардонии дониши заминавӣ. Саволҳо: Шумо дар бораи сайёд чӣ медонед? Ҳарис гуфта чӣ гуна шахсро мегӯянд?
– Кор бо луғат. Калимаҳо:
  1. маҷрӯҳ а) қапқон, асбоби шикор
  2. дом б) ресмон ё торе, ки аз рӯдаи хушконида сохта мешавад
  3. зеҳи камон в) захмӣ
– Ангезиши зеҳн. Хонандагон бо ин калимаҳо ҷумла мегӯянд.
– Кори гурӯҳӣ. Хонандагон матнро хонда, қисми тахаюлӣ ва ҳақиқии онро аниқ месозанд. Дар ҷадвал менависанд.

Бовар мекунам	Бовар намекунам

– Муаррифии гурӯҳҳо. Аз ҳар гурӯҳ як нафар ба гурӯҳи дигар рафта, корашонро муаррифӣ мекунанд.
– Кор дар гурӯҳҳо. Хонандагон бо истифодаи калимаҳои саволии Кӣ? Чӣ? Дар куҷо? Барои чӣ? панҷ савол таҳия мекунанд. Саволҳо ба гурӯҳи дигар супорида мешавад. Хонандагон ба савол ҷавоб менависанд.
– Савол ба омӯзгор. Хонандагон дар бораи матн ба омӯзгор савол медиҳанд.
– Навиштан. Хонандагон идомаи афсонаи дарси аввал таҳиякардаашонро менависанд.
– Мушоҳидаи кори хонандагон ва расонидани ёрӣ.
– Таҳлили фаъолияти таълимӣ. Чӣ кор кардем? Чӣ мушкилот буд? Боз чӣ кор кардан зарур аст?
– Арзёбӣ ва ҷамъбаст.
– Супоридани вазифаи хонагӣ. Аз матн калимаҳои ҳарфи ӯ, й–дорро нависед. Матнро якчанд маротиба хонед ва барои нақл кардан омода шавед.

Дастури 7. Ин амалро якчанд маротиба бо омӯзгорон такрор кунед. Боварӣ ҳосил намоед, ки онҳо мустақилона дарсро дар асоси роҳнамо ва китоби дарсиашон таҳия карда метавонанд.

Кори мустақилона

Вазифаи 1.Як дарсро аз роҳнамо ва китоби дарсӣ (математика, забони модарӣ, санъат ва меҳнат, суруд ва мусиқӣ, табиатшиносӣ) интихоб намоед.

Вазифаи 2. Дар асоси дастурҳои боло нақшаи дарс таҳия кунед.

Вазифаи 3. Кори дунафарӣ. Ба ҳамкоратон тарзи банақшагирии дарсро фаҳмонед. Ҳар як қадами иҷрокардаатонро шарҳ диҳед.

Вазифаи 4. Муайян кардани мушкилот ва ёфтани роҳҳои ҳалли он. Кадом қадами таҳияи нақшаи дарс мушкил буд? Чӣ тавр онро ҳал кардан мумкин аст?

Вазифаи 5. Ба қайд гирифтани мушкилот ва роҳҳои ҳалли он. Ҷадвали иборат аз ду сутун кашед. Дар сутуни тарафи чап мушкилот ва дар сутуни рост роҳҳои ҳал нависед. Мушкилотро муайян кунед ва аз ҳамкоронатон роҳи ҳалли ин мушкилотро пурсед. Роҳи мувофиқтари ҳалли мушкилотро нависед.

Мушкилот	Роҳҳои ҳал

2.3. Масъалаҳо оид ба нақшаи дарс ва ташкили раванди таълим

Дар поён ба якчанд саволу масъалаҳои пайдошуда дар шакли мухтасар посух дода мешавад.

Савол: Хусусиятҳои фарққунандаи таълими салоҳиятнокӣ аз таълими классикӣ дар чист?

Ҷавоб: Ҷиҳати асосии фарққунанда дар муносибат ба таълим ва натиҷаҳои он аст. Дар таълими салоҳиятнокӣ диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳо равона гардида, мавзӯъ яке аз воситаҳо ноил шудан ба малака мебошад. Дар муқоиса, агар пештар мо иҷроиши барномаи таълим гуфта, миқдори мавзӯъҳои муайянро дар назар медоштем, ҳоло бошад мо ба ташаккули малакаҳои асосии ҳаётӣ диққат медиҳем.

Савол: Дар сурати дастрас набудани замима ба китобҳои дарсӣ чӣ бояд кард?

Ҷавоб: Баъзе омӯзгорон чунин андеша доранд, ки ҳатман мавзӯи зикршуда гузашта шавад. Аммо таълими салоҳиятнокӣ талаб мекунад, ки диққати асосӣ ба инкишофи малакаҳои фаннӣ (масалан, аз фанни забони модарӣ: хондан, навиштан, гуфтану шунидан; аз фанни математика: донистани ададҳо ва рамзҳои математикӣ, иҷрои амалҳои арифметикӣ, коркарди маълумот ва истифодаи амалҳои зеҳнӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ) равона карда шавад. Яъне, омӯзгор мувофиқи шароит ва қобилияти хонандагон мавзӯъҳои мувофиқро барои ташаккули салоҳиятҳо интихоб ва истифода бурда метавонад. Масалан, агар шумо малакаи равону бурро хонданро омӯзонидан бошед, метавонед дилхоҳ матни китоби дарсӣ ё аз китобҳои бадеии бачагонаро истифода баред.

Савол: Дар таълими салоҳиятнокӣ тарзи пур кардани дафтари синф тағйир меёбад?

Ҷавоб: Не. Дафтари синф мувофиқи тартиботи қабулшуда пур када мешавад.

Савол: Барои арзёбии салоҳиятнокии хонандагон дар аввал (нимсола ва анҷом)–и соли таҳсил чор соат ҷудо карда шудааст, оё ба ҳамаи хонандагон дар дафтари синф баҳо гузорем?

Ҷавоб: Бале.

Савол: Стандарти фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ чист?

Ҷавоб: Стандарти фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар маҷмуъ салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии фанҳои алоҳидаро муайян намуда, консепсияи ташаккули салоҳиятҳоро пешниҳод менамоянд. Стандарти фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мувофиқи нақшаи таълим таҳия гаштааст.

Савол: Роҳнамои омӯзгор чӣ вазифаро иҷро мекунад?

Ҷавоб: Роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандарти фаннӣ алоқамандии салоҳиятҳои стандартҳо, мазмуну мундариҷаи барномаи таълим ва маводи китоби дарсиро таъмин менамояд. Роҳнамои омӯзгор барои ҳар як фан

мувофиқи синф таҳия шудааст. Дар роҳнамои омӯзгор тарзи банақшагирии раванди ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ ба таври пурра пешниҳод карда мешавад. Ҳар як соати дарсӣ пурра ба нақша гирифта шуда, дар онҳо салоҳиятҳои фаннӣ бо мазмун ва мундариҷаи барнома ва китобҳои дарсӣ мутобиқ гардонда шудаанд.

Савол: Замима ба китоби дарсӣ чӣ нақш дорад?

Ҷавоб: Замима ба китоби дарсӣ барои хонанда таҳия шудааст. Мақсади асосии таҳияи замима пурра гардондани мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ ва мутобиқ сохтани онҳо ба стандарти фаннии таълими салоҳиятнокӣ мебошад. Замима ҳамчун маводи иловагӣ барои ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ истифода мешавад. Замима якҷоя бо китоби дарсии амалкунанда истифода бурда мешавад.

Савол: Барои ташкил ва муаррифии корҳои гурӯҳӣ дар синфҳое, ки шумораи хонандагон аз 30 нафар зиёд аст, вақт намерасад. Чӣ бояд кард?

Ҷавоб: Мақсади асосии тавсия ва истифодаи корҳои гурӯҳӣ дар раванди таълим баробар тақсим намудани вақт ва имконияти таълим аст. Барои самаранок ба роҳ мондани корҳои гурӯҳӣ тавсия медиҳем, ки натиҷаи кори хонандагонро на дар шакли муаррифии гурӯҳ, балки тавассути мушоҳидаи омӯзгор ба роҳ монед. Нигаред қисмати методикаи таълими роҳнамои фаннӣ.

Савол: Барои иҷрои ҳамаи фаъолиятҳои таълимии тавсиявӣ вақт намерасад. Чӣ бояд кард?

Ҷавоб: Фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда хусусияти умумӣ дошта, шумо метавонед мувофиқи шароит ва қобилияти хонандагони синф онҳоро ихтисор намоед.

Савол: Модоме ки дар роҳнамо нақшаҳои ҳамаи соатҳои дарсӣ оварда шудаанд, бори дигар навиштани нақшаи дарс шарт аст?

Ҷавоб: Бале. Қатъиян тавсия медиҳем, ки нақшаҳои дарсии тавсияшударо бодиққат хонед, онро ба шароити муассиса ва қобилияти хонандагон мутобиқ сохта, нақшаи дарсии мухтасар нависед. Дарҷи салоҳиятҳо ва мақсадҳои таълимии дарс ҳатмӣ буда, мувофиқи нишондоди роҳнамо пур карда мешавад.

Худро месанҷем!

Проблема: Тасаввур кунед, ки шумо дар машварати методӣ иштирок доред ва омӯзгорон ба шумо саволҳои гуногун медиҳанд. Ба онҳо ба таври хаттӣ ҷавоб гардонед.

Вазифаи 1. Саволҳоро бодиққат хонед, мундаричаи дастурамали мазкурро аз назар гузаронед ва бо саволҳо алоқаманд кунед. Яъне, ба кадом савол аз кадом фасл ҷавоб ёфта метавонед.

Вазифаи 2. Саволҳоро ба варақи алоҳида кӯчонед. Ба ҳар як савол аз дастури мазкур ҷавоб ёфта нависед.

1) Муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим чист?
2) Муносибати салоҳиятнокӣ аз муносибати классикӣ (анъанавӣ) чӣ фарқ дорад?
3) Барномаҳои таълим дар муносибати салоҳиятнокӣ аз барномаи анъанавӣ чӣ фарқ доранд?
4) Дар муносибати салоҳиятнокӣ диққати асосӣ ба чӣ равона мегардад?
5) Банақшагирии спиралӣ чӣ маъно дорад?
6) Марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо кадомҳоянд ва ҳар як марҳала чӣ маъно дорад?
7) Салоҳиятҳо аз рӯйи кадом принсипҳо таҳия шудаанд, якчанд принсипро номбар кунед.
8) Салоҳиятҳои 3.2.1 ва 3.4.2 ро шарҳ диҳед. Онҳо чиро мефаҳмонанд?
9) Технологияи таълими фаъолро бо як сатр шарҳ диҳед.
10) Агар роҳнамо надошта бошем, дарсро чӣ хел банақша гирем? Қадамҳои асосиро номбар кунед.
11) Мо дар асоси роҳнамо ва китоби дарсӣ нақшаи дарсро таҳия карда наметавонем. Қадамҳои онро ба мо мухтасар шарҳ медодед. Чӣ кор кунем?

Вазифаи 3. Курсии сехрнок. Як нафар интихоб мешавад. Ӯ ба саволҳои боло, ки аз ҷониби иштирокчиён дода мешаванд, ҷавоб мегардонад.

Вазифаи 4. Имтиҳон. Ба гурӯҳҳои панҷнафара муттаҳид шавед. Саволҳоро дар варақаҳои алоҳида нависед. Варақаҳоро чаппа дар болои миз гузоред. Як нафар имтиҳонгиранда мешавад. Дигарон бо навбат варақаеро мегиранд ва ба саволҳо ҷавоб мегардонанд.

Рефлексия: Ба кадом савол ҷавоб додан мушкил буд? Барои ба ин савол ҷавоб гардондан, ба шумо чӣ гуна ёрӣ зарур аст?

III. Роҳбаладии омӯзгорон

Проблема: Омӯзгорон таҷрибаи чандинсолаи истифодаи муносибатҳои классисӣ дар таълимро доранд. Тағйир додани онҳо мушкил аммо иҷрошаванда аст. Корро дар самти тағйир додани рафтори омӯзгор аз чӣ оғоз мекунед.

Вазифаи 1. Матни зеринро мустақилона хонед.

Вазифаи 2. Кор дар гурӯҳҳои чорнафарӣ. Якҷоя роҳҳои ҳалли проблемаҳоро мувофиқи самтҳо муҳокима кунед ва нависед. Танҳо қисми "Чӣ бояд кард?"-ро пур кунед.

Самт	**Одат**	**Талаботи нав**	**Чӣ бояд кард?**
Банақшагирии дарс			
Маводи таълим			
Тарзи ташкили дарс			
Робитаи мутақобила			
Нақши омӯзгор дар дарс			

Вазифаи 3. Ҷадвали таҳиякардаатонро муаррифӣ кунед.

Вазифаи 4. Муҳокимаи умумӣ.

3.1. Консепсияи роҳбаладии омӯзгорон вобаста ба ислоҳот

Усутвории ҳама гуна ислоҳот аз дуруст ва ба таври самаранок ба роҳ мондани роҳнамоӣ/роҳбаладӣ вобастагии калон дорад. Барои дуруст ба роҳ мондани ислоҳот моҳияти онро амиқ дарк кардан лозим аст. Гузариш ба муносибати таълими салоҳиятнок раванди мураккаб ва ҳасос аст. Он нерӯ ва вақти зиёдро талаб мекунад.

Саравваал проблемаи асосиро муайян кардан лозим аст. Он ҳам одати таълимдиҳии омӯзгорон аст. Низоми таълими классикӣ аллакай ба одат табдил ёфтааст ва тағйир додани он хеле мушкил аст. Зиёда аз ин, ташкили ҷараёни таълими классикӣ дар муқоиса бо муносибати салоҳиятнокӣ ба маротиб сабуктар аст. Ин омил татбиқи ислоҳотро боз мураккабтар мегардонад.

Вобаста ба ин консепсияи асосии роҳбаладӣ – тағйири рафтори таълимдиҳии омӯзгорон мебошад. Пеш аз ҳама мо бояд муайян кунем, ки кадом рафтори таълимдиҳии омӯзгор тағйир дода шавад ва кадомаш такмил мехоҳад.

Самт	Одат	Талаботи нав
Банақшагирии дарс	Навъҳои нақшаи дарс маъмуланд. Омӯзгорон мувофиқи панҷ лаҳзаи дарс нақшаи дарс менависанд. Дарс пурра дар асоси китоби дарсӣ банақша гирифта мешавад.	Нақшаи дарс дар асоси рушди салоҳиятҳои хонандагон ва сатҳи азхудкунии онҳо таҳия карда мешавад. Навъи дарс ба марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо вобаста аст.
Маводи таълим	Омӯзгорон пурра ба китоби дарсӣ такя мекунанд. Ҳар як машқу супоришро бо хонандагон ичро мекунанд.	Китоби дарсӣ ҳамчун як воситаи таълим шинохта мешавад. Сарчашмаҳои дигар, аз чумла адабиёти бадеӣ, маҷаллаву рӯзномаҳо, маҷмӯи мисолу масъалаҳо, маводи дигари аёнӣ ва таҷрибаи хонанда ҳамчун маводди таълим истифода мешавад.
Тарзи ташкили дарс	Дар асоси китоби дарсӣ. Панҷ лаҳзаи дарс, дарсҳо ба ҳам монанд. Диққати асосӣ ба мавзӯи дарс дода мешавад.	Ҳама фаъолиятҳои таълимии дарс мақсаднок ба роҳ монда мешаванд ва ба ташаккули салоҳиятҳо равона мешаванд. Дарс метавонад тафриқавӣ бошад, яъне хонандагони гуногун вобаста ба қобилияташон вазифа ва маводи таълим мегиранд. Омӯзгор сатҳи ташаккули ҳар як хонандаро мушоҳида ва арзёбӣ мекунад. Ҳосил кардани таҷриба асоси таълими салоҳиятнокӣ аст.
Робитаи мутақобила	Асосан характери яктарафа дорад. Омӯзгор баҳо мегузорад. Ғалатҳоро муайян мекунад. Ба хонанда барои ислоҳ кардани ғалатҳо дастур медиҳад.	Дуҷониба ва сеҷониба ба роҳ монда мешавад. Омӯзгор роҳу воситаҳои гуногуни робитаи мутақобиларо истифода мебарад. Робитаи мутақобила характери созанда (мусбат) дорад. Омӯзгор бо хонанда ғалатҳоро муайян мекунанд ва роҳи ҳалли онҳоро банақша мегиранд. Ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда раванди ислоҳи ғалатҳоро назорат мекунанд ва барои ислоҳи онҳо масъулият ба душ мегиранд.
Нақши омӯзгор дар	Омӯзгор дар маркази диққат	Омӯзгор кӯшиш мекунад, ки

дарс	аст. Бештар фаъолият мекунад. Хусусияти авторитарӣ дорад.	хонандагон бештар фаъолият кунанд ва барои азхудкунии дониш ва малака масъулият ба дӯш гиранд ва барои таълим гирифтан ҳавасманд гарданд.

Аз ҷадвал аён мегардад, ки ин тағйирот барои аксари омӯзгорон мушкил аст. Аз ин лиҳоз, шумо ҳамчун мушовирон ин мушкилотро дарк карда, роҳи ҳалли онро ба нақша гиред ва мувофиқи он амал кунед. Дар боби мазкур мо оид ба тарзи самаранок ба роҳ мондани роҳбаладӣ ва устувор гардондани натиҷаҳои ислоҳот тавсияҳои методӣ пешниҳод менамоем.

3.2. Муайян кардани мушкилоти асосӣ

Тағйирот, махсусан тағйири рафтор диққати ҷиддиро талаб мекунад. Ин раванд ҳам аз шахсе, ки мехоҳад рафторашро тағйир диҳад ва ҳам аз шахсе, ки ин равандро роҳбаладӣ мекунад нерӯ ва тоқати зиёдро талаб мекунад.

Биёед, якчанд мисолҳои ҳаётиро таҳлил мекунем. Масалан мо мехоҳем, ки як дӯстамон тамокукаширо партояд. Оё як хоҳиши мо басанда аст? Не албатта, бояд шахси тамокукаш хоҳиши бас карданро дошта бошад. Мо дар ин ҳолат чӣ кор мекунем? Ба ӯ дар бораи зарари тамоку ба саломатӣ мегӯем, ба ӯ аз бемориҳое, ки дар натиҷаи тамокукашӣ сар мезананд, нақл мекунем ва ғайра. Ӯ низ ин чизҳоро дарк мекунад, аммо тамокукаширо қатъ намекунад. Ӯ бо ақлаш зарари тамокукаширо дарк мекунад, аммо ҳиссиёташро идора карда наметавонад. Барои ин мо бояд ҳам ба ақл (зарари тамокукашӣ, бемориҳо ва ғайра) ва ҳам ба ҳиссиёташ таъсир расонем. Чӣ тавр? Баъзан, як воқеаи хурду назарногир боиси тағйир додани рафтор мегардад. Ин воқеа ҳам ба ақл ва ҳам ба ҳиссиёт таъсир мерасонад. Маҳз ҳамин воқеаро “сари калоба” гуфтан мумкин аст.

Биёед дар мисоли тағйири рафтори Нодир (Нигаред ба матни “Муаммо”) ва Шодӣ (Матни “Дег хӯрдааст”) ин нуктаи асосии оғози тағйиротро баррасӣ мекунем. Дар мисоли Нодир вайрон шудани телевизор боиси тағйир ёфтани рафтори ӯ гаштааст, дар мисоли Шодӣ бошад, ҳилаи модар.

Шояд, шумо фикр кунед, ки чаро мисолҳоро оид ба қатъ кардани тамокукашӣ ва тағйири рафтори Нодиру Шодӣ овардем? Барои он ки аз ҷиҳати равонӣ ин мисолҳо решаи ягона доранд ва ин ҳам “тағйири рафтор” аст. Гузариш ба муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим аслан тағйири рафтори таълимдиҳии

омӯзгорро талаб мекунад. Яъне, ӯ бояд акнун ба таври дигар ба раванди таълим муносибат кунад.

Чуноне ки дар боло қайд шуд, шахс дар ҳолате рафторашро тағйир медиҳад (аз одаташ даст мекашад), агар ҳам ақлаш ва ҳам ҳиссиёташро ба як самт равона кунад.

Барои ба самти муайян равона кардани тафаккури омӯзгорон (дарки масъала) роҳнамои омӯзгор таҳия шуда, омӯзгорон аз омӯзиш гузаронда шуданд. Яъне, мо тавонистем самти ислоҳот (тағйирот)–ро муайян кунем. Аммо, барои дар амал татбиқ шудани ислоҳот ва тағйир ёфтани рафтори омӯзгорон мо бояд ба ҳиссиёти онҳо таъсир расонем.

Барои ин ёфтани "сари калоба" ба мо ёрӣ мерасонад. Тағйиротро бояд аз ягон амали мушаххаси на он қадар мураккаб оғоз кард. Дар мисоли Нодир, телевизор вайрон шуд, дар мисоли Шодӣ модараш ба ӯ хӯрок намонд. Аммо, барои омӯзгор чӣ кор кунем? Барномаро аз дасташ гирем? Китоби дарсиро? Не. Ба ӯ ичрои кори осон, вале таъсиррасонро ёд додан лозим аст. Амале, ки бо ичрои он якчанд самтҳои ислоҳот устувор мегарданд? Пас ин амал кадом аст? Банақшагирӣ!

Банақшагирии дарс рукни муҳимми гузариш ба муносибати салоҳиятнокӣ буда метавонад. Инчунин, он як навъ тарсу нобоварии омӯзгоронро рафъ мекунад. Агар сараввал диққати асосӣ ба нақшаи дарс: тарзи банақшагирӣ, навиштани нақшаи дарс ва ҳама амалҳое, ки ба таҳияи нақшаи дарс марбутанд, равона гардад, барои усутвории унсурҳои дигари гузариш заминаи мустаҳкам гузошта мешавад.

Агар мо дар аввали ислоҳот диққатамонро ба як амал равона кунем, ҳам тафаккур ва ҳам ҳиссиёти омӯзгоронро ба кор медарорем. Яъне тафаккури омӯзгор дарк мекунад, ки аз ӯ чӣ талаб карда мешавад (мушаххас), ҳиссиёти ӯ ҳис мекунад, ки ӯ аз уҳдаи кор мебарояд (ба ин кор қодир ҳаст). Ҳамин тавр "мошини" ислоҳот ба ҳаракат медарояд.

Дастурҳои зерин барои ба роҳ мондани банақшагирии дарс дар асоси муносибати салоҳиятнокӣ ба шумо ёрӣ мерасонанд:

Дастури 1. Фаслҳои 2.2.1 ва 2.2.2 дастурамали мазкурро нусха бардошта, пешакӣ ба муассисаҳои таълимӣ пешниҳод кунед. Ба муовинони директорон гӯед, ки пас аз як ҳафта барои дидани натиҷаҳои банақшагирии дарс меоед. Таъкид кунед, ки шумо барои расонидани ёрии методӣ меоед.

Дастури 2. Нақшаи ташриф ба муассисаҳои таълимро тартиб диҳед. Аввал ба ду ё се муассисае, ки ба фикри шумо пешсафанд, ташриф ored.

Дастури 3. Варақаи таҳлили нақшаи дарсро бодиққат хонед ва талаботи онро азхуд кунед.

1) Дар нақшаи дарс салоҳиятҳо аз стандарт (роҳнамо) гирифта шудаанд.	Шумо ба салоҳиятҳое, ки дар нақшаи дарс омадаанд, диққат диҳед. Оё онҳо аз стандарт гирифта шудаанд?
2) Мақсадҳои дарс нишон дода шудаанд ва онҳо ба салоҳиятҳо ва мавзӯи дарс мувофиқанд. Онҳо ба меъёрҳои таҳияи мақсади дарс мувофиқанд.	Мақсадҳои дарс бояд мушаххас, ченшаванда, ичрошаванда ва ба вақт мувофиқ бошанд. **Мушаххасанд:** Мақсади таълим бояд мушаххас муайян кунад, ки чиро ба даст меорем ва он набояд умумӣ бошад. **Қобили санҷиш:** Оё ба мақсади таълим ноил гаштанро санҷидан мумкин аст? Мо набояд мақсадҳои зиёдро бо феълҳои «донистан» ва «фаҳмидан/дарк кардан» истифода барем, зеро чен кардани «донистан» қариб номумкин аст. Барои ҳамин феълҳо бояд амалеро инъикос кунанд. **Ичрошаванда:** Мақсади таълимро хонандагони Шумо бо захираҳои (имконияти ҷисмонӣ, зеҳнӣ) дастрас, инчунин вақти мувофиқ азхуд карда метавонанд. Ҳадаферо, ки бо назардошти маҳдудияти вақт ба он ноил гаштан ғайриимкон аст, нанависед.
3) Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои дарс бо хонандагон пешбинӣ шудааст.	Дар нақшаи дарс бояд ин унсур дарҷ гардад. Яъне, мақсадҳои дарс ба хонандагон баён мегарданд ва хонандагон ба муҳокимаи онҳо ҷалб карда мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон дар оғози дарс аз натиҷаҳои чашмдошт огаҳ шаванд ва худро барои ноил шудан ба мақсадҳо омода намоянд.
4) Фаъолгардонии дониши заминавии хонандагон, яъне алоқаманд кардани донишҳои пешина бо донишҳои нав дар нақша пешбинӣ шудааст.	Яке аз рукнҳои дарс алоқаманд кардани донишу малакаҳои пешина бо донишҳои наве, ки хонандагон аз худ мекунанд, ба шумор меравад. Инчунин ин қисми дарс барои муайян кардани дониши хонандагон оид ба мавзӯи дарс ёрӣ мерасонад. Асосан ин марҳала тавассути усули ангезиши зеҳн ё муҳокимаи умумӣ гузаронда мешавад.
5) Хонандагон барои дарки проблемаи таълимӣ (чӣ кор карда наметавонанд ва зарурати аз худ кардани он)-водор карда мешаванд.	Дар ин марҳалаи дарс ба хонандагон ичрои амали асосии дарс супорида мешавад. Масалан, агар зарби ададҳои дурақама ба дурақама мақсади дарс бошад, ба хонандагон як мисол дода мешавад. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки онро ҳал кунанд. Дар ин ҳолат онҳо ба мушкилӣ дучор мешаванд ва барои ҳалли он мақсад мегузоранд. Ҳамин тавр проблемаи таълимии дарси

	мазкурро дарк мекунанд.
6) Муҳокима ва таҳлили тартиби иҷрои вазифаи таълимӣ бо хонандагон дар нақша инъикос ёфтааст.	Вазифа ё фаъолияти таълимӣ дарки зеҳниро талаб мекунад. Агар хонандагон ба муҳокима, таҳлили талабот ва тартиби иҷрои вазифаи таълим ҷалб шаванд, онҳо раванди иҷрои амалро азхуд мекунанд ва минбаъд дар иҷрои вазифаҳои монанд истифода мебаранд. Инчунин мустақилона иҷро кардани вазифаи таълимро машқ мекунанд.
7) Шаклҳои гуногуни кор (кор дар гурӯҳҳои дунафарӣ ва чор (панҷ)-нафарӣ) ба нақша гирифта шудааст.	Кор дар гурӯҳҳо яке аз нишонаи тақсими баробари вақт ва имкониятҳои таълимӣ аст. Инчунин кор дар гурӯҳҳо барои фаъол гаштани хонандагон ва машқи бештару муошират бевосита мусоидат мекунад.
8) Хонандагон барои таҳлили дастовардҳо ва мушкилот водор карда мешавад. (Чӣ корро иҷро карда метавонанд? Дар кучо мушкилӣ мекашанд?)	Асосан ин фаъолият пас аз иҷрои вазифаи таълимӣ гузаронда мешавад. Мақсади он дарки раванд ва тартиби иҷрои вазифа аст. Он ба хонандагон имконият медиҳад, ки мушкилоти худро муайян кунанд ва барои аз байн бурдани он кӯшиш кунанд.
9) Фаъолиятҳои ба худ ва ба ҳамдигар баҳо додан ба нақша гирифта шудаанд.	Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки кори худро санҷанд, ғалаҳоро ёбанд ва барои ислоҳи онҳо нақша кашанд. Аз дигарон ёрӣ талаб кунанд. Инчунин хонандагон барои арзёбии фаъолияти таълимии якдигар ҷалб карда мешаванд. Ин амал барои ташаккули салоҳиятҳо ёрӣ мерасонад.
10) Барои ташаккули салоҳиятҳои дар нақшаи дарс муайяншуда фаъолиятҳои таълимии мувофиқ ба нақша гирифта шудаанд.	Барои ҳар як салоҳияти муайяншуда як ё ду фаъолияти таълимӣ ба хонандагон пешниҳод карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки агар дар нақша салоҳияте нишон дода шуда бошад, ҳатман дар рафти дарс фаъолиятҳои таълимии мувофиқ пешниҳод карда шавад.

Дастури 4. Аз муовини директор ё роҳбари иттиҳодияи методӣ хоҳиш кунед, ки ҳангоми таҳлили нақшаҳои дарсии омӯзгорон шуморо ҳамроҳӣ кунанд.

Дастури 5. Ба омӯзгорон фаҳмонед, ки шумо барои расонидани ёрии методӣ доир ба банақшагирии дарс омадаед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки нақшаи дарси яксоатаашонро аз фани дилхоҳ ба шумо нишон диҳанд (Агар нақша надошта бошанд, якҷоя бо омӯзгор мувофиқи дастурҳои фаслҳои 2.2.1 ё 2.2.2. нақшаи дарс таҳия намоед).

Дастури 6. Намунаи варақаи таҳлили нақшаи дарсро (Нигаред ба Замима) ба омӯзгорон супоред. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки мувофиқи он нақшаи дарсашонро таҳлил кунанд.

Дастури 7. Якҷоя бо омӯзгор ва муовини директор ё роҳбари иттиҳодияи методӣ нақшаи дарсро дар асоси варақа таҳлил кунед. Муколамаро тарзе ба роҳ монед, ки созанда бошад. Омӯзгор ё дигаронро танбеҳ надиҳед! Оромона ва боэҳтиромона суҳбат кунед. Ҳангоми суҳбат, ибораҳои "Агар ман ин нақшаро тартиб медодам, чунин мекардам ..." истифода баред. Ё "Агар шумо ин нақшаро дубора менавиштед, чиро тағйир медодед?" гуфта ба омӯзгор муроҷиат кунед.

Дастури 8. Вобаста аз вазъият (Роҳнамо доранд ё не) яке аз фаслҳои дастури мазкурро оид ба банақшагирӣ (Фасли 2.2.1 ё 2.2.2.) истифода бурда, бо омӯзгорон барои ҳалли мушкилоти нақшаи дарс машварат гузаронед.

Дастури 9. Агар нақшаи дарс ба як ё ду талаботи варақаи таҳлили нақшаи дарс мувофиқат накунад, диққати омӯзгорро ба ин масъала равона кунед. Якҷоя онро дар нақша ислоҳот ворид намоед.

Кори мустақилона

Проблема: Тасаввур кунед, ки шумо ба муассисаи таълими ташриф овардед. Нақшаҳои дарсии омӯзгоронро ҷамъ овардед. Онҳоро таҳлил кунед.

Вазифаи 1. Як намунаи нақшаи дарсро аз замима интихоб намоед. Онро дар асоси варақаи таҳлили нақшаи дарс арзёбӣ кунед.

Вазифаи 2. Нақшофарӣ. Дар нақши роҳбалад ва омӯзгор бозӣ карда, тарзи ба омӯзгор фаҳмондани норасоии нақшаи дарсро намоиш диҳед.

Вазифаи 3. Саҳначаҳоро мушоҳида кунед. Рафтори роҳбаладро арзёбӣ кунед.

Вазифаи 4. Муҳокимаи мушкилоти истифодаи варақаи таҳлили нақшаи дарс ва ташкили робитаи мутақобила бо омӯзгорон.

3.3. Муносибат ба таґйирот

Проблема: Ба фикри шумо роҳбалад барои ба ислоҳот сарфаҳм рафтан ва ба татбиқи муносибати нав омода шудани омӯзгорон чӣ корҳоро бояд ба сомон расонад.

Вазифаи 1. Якчанд чорабиниро барои ҳалли проблемаи боло нависед. Дар гурӯҳ муҳокима карда, натиҷаи коратонро ба аҳли синф муаррифӣ намоед.
Вазифаи 2. Кори дунафарӣ. Барои ҳар як марҳалаи таҳияи нақшаи дарс барои омӯзгорон дастур нависед. Нигаред ба намуна:

Қадамҳо	Дастурҳо
Омодагӣ ба таҳияи нақшаи дарс	Намунаҳо: 1) Дарсе, ки нақшаашро таҳия карданиед аз роҳнамо пурра хонед. 2) Мавзӯи дарсро аз китоби дарсӣ ва супоришҳои онро пурра хонед.
Қайди мавзӯъ дар нақшаи дарс	
Муқаррар кардани салоҳиятҳо	
Муайян кардани мақсади таълимии дарс	
Тарзи ташкили дарс ва пурсиши вазифаи хонагӣ	
Тарзи банақшагирии муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳо	
Тарзи банақшагирии проблемагузорӣ (проблемаи таълим)	
Таҳияи фаъолиятҳои минбаъдаи дарс	
Таҳияи қисми ҷаъбастии дарс	
Таҳияи воситаҳои арзёбӣ	

Вазифаи 3. Дастурҳои таҳиякардаатонро бо намунаҳои матни зерин муқоиса кунед.
Вазифаи 4. Муҳокимаи умумии дастурҳо.

Ҳангоми ворид намудани тағйирот ба муносибатҳои таълимӣ омӯзгорон мушкилоти худро ба омилҳои гуногун нисбат медиҳад. Баъзан барои муайян кардани омили асосӣ роҳбалад мушкилӣ мекашад. Оё ин баҳона, тарс ё ноқобилӣ аст?

Ҳама гап дар сари тарс аст, на дар ноқобилии омӯзгорон! Мо фикр мекунем, ки омӯзгорон дониш, малака ва маҳорати кофиро барои татбиқи муносибати салоҳиятнокӣ надоранд, мутолиа намекунанд, худомӯзӣ намекунанд, тағйир намеёбанд ва ҳоказҳо. Шояд ин ҳама тарс бошад!? Андеша бошад!? Омӯзгор ба худ якчанд савол медиҳад: Оё ман метавониста бошам? Агар натавонам, аҳволи хонандагон чӣ мешавад? Обрӯ чӣ мешавад?

Барои ҳамин ба як унсури тағйирот (ислоҳот) диққати омӯзгорро равон кардан то андозае дарачаи тарсу андешаи онҳоро паст мекунад. Масалан, агар мо ба омӯзгорон гӯем, ки мо ҳоло “танҳо тарзи банақшагирии дарсро тағйир медиҳем” шояд онҳо чунин фикр кунанд: “Агар дар нақшаи дарс ғалат ҳам кунам, онро дар рафти дарс ислоҳ кардан осон.” Ба як масъалаи мушаххас равон кардани раванди тағйирот ва равшану возеҳ баён кардани мақсад, шубҳа ва нобоварии омӯзгоронро аз байн мебарад ва онҳоро барои гузоштани қадами аввал ба татбиқи ислоҳот ҳавасманд мегардонад.

Агар мо назари худро нисбат ба омӯзгорон иваз кунем ва бештар муносибати мусбат дошта бошем, ба муваффаққиятҳои назаррас ноил мегардем. Ҳамаи ташвиҳоямонро, аз чумла “омӯзгорон саводи кофӣ надоранд”, “малака ва тачрибаи омӯзгорӣ надоранд”, “худомӯзӣ намекунанд”, “маводи таълимиву методиро мутолиа намекунанд”, “ҳамкорӣ намекунанд” ва амсоли инро ба ақида “мо имконият дорем, омӯзгоронро роҳи беҳтар нишон диҳем” иваз кардан лозим аст.

Акнун дар назди роҳбалад вазифаҳои “ба омӯзгор оид ба раванди таълим чиро омӯзем”, “малака ва тачрибаи омӯзгорро чӣ тавр баланд бардорем”, “кадом роҳҳои худомӯзиро ба онҳо нишон диҳем”, “кадом маводи таълимию методиро таҳия кунем, то омӯзгорон бо камоли майл онро мутолиа ва дарк карда, истифода баранд”, меистад.

Ҳангоми роҳбаладӣ муносибати таълими салоҳиятнок нисбат ба омӯзгорон истифода мешавад. Роҳбалад ва омӯзгор якҷоя проблемаро муайян мекунанд ва роҳи ҳалли онро ба нақша мегиранд. Яъне, тарсу андешаро рафъ карда, қадамҳои аввалро барои татбиқи ислоҳот мегузоранд.

Хулоса, омӯзгорон “нодон, ноқобил ё бесаводу танбал нестанд” онҳо намедонанд, ки чӣ кор кунанд ва роҳ барояшон равшан нест.

3.3. Таҳия ва тавсияи дастурҳои мушаххас

Мушаххас дастур додан, яке аз малакаҳои асосии роҳбалад ба шумор меравад. Дастур бояд равшану возеҳ ва иҷрошаванда бошад. Масалан, “таҳияи нақшаи дарси яксоата” ба ҳамаи омӯзгорон фаҳмо ва иҷрошаванда аст. Яъне, ҳама медонанд, ки иҷрои кадом амал дар назар дошта шудааст.

Аммо ҳангоми татбиқи ислоҳот дастури мо чунин мешавад “таҳияи нақшаи дарс мувофиқи талаботи муносибати салоҳиятнок ба таълим”. Дастури дуюм

мушаххастар, аммо назар ба дастури пешин мураккабтар аст. Дар дастури дуюм “мувофиқи талаботи муносибати салоҳиятнок ба таълим” илова шудааст. Аз ин лиҳоз роҳбалад ва омӯзгор талаботи муносибати салоҳиятнокро ба таълим бояд донанд. Инчунин онҳо бояд мушаххасан тағйиротро дар сохтори нақшаи дарс донанд, аз марҳалаҳои нақшаи дарс ва дигар унсурҳои он огаҳӣ дошта бошанд.

Биёед, қадамҳо ва дастурҳоро ҳангоми банақшагирии дарс дида мебароем:

Қадамҳо	**Дастурҳо**	**Мавод**
Омодагӣ ба таҳияи нақшаи дарс	3) Дарсе, ки нақшаашро таҳия карданиед аз роҳнамо пурра хонед. 4) Мавзӯи дарсро аз китоби дарсӣ ва супоришҳои онро пурра хонед.	Роҳнамо Барнома Китоби дарсӣ Замима ба китоби дарсӣ
Қайди мавзӯъ дар нақшаи дарс	Мавзӯъро аз роҳнамои омӯзгор ё китоби дарсӣ муайян кунед.	Роҳнамо, барнома ва китоби дарсӣ. Замима ва адабиёти дигар.
Муайян кардани салоҳиятҳо	1) Салоҳиятҳоро аз стандарт ё роҳнамо аз назар гузаронед. 2) Маводи таълимии барои дарс (мавзӯъ) интихоб кардаатонро таҳлил кунед. 3) Муайян кунед, ки дар рафти дарс кадом салоҳиятҳои хонандагон ташаккул меёбанд. 4) Рақами салоҳиятҳо ё салоҳиятҳои интихобкардаатонро ба пуррагӣ дар нақшаи дарс нависед.	Стандартҳои фаннӣ: ҷадвали салоҳиятҳо. Роҳнамо. Барнома. Китоби дарсӣ
Мушаххас кардани мақсади таълимии дарс	1) Ба мақсадҳои таълимии дар роҳнамо пешниҳодшуда нигаред. Мақсадҳо ва мавзӯи интихобкардаатонро аз назар гузаронед. Ба саволи “Ин дарс хонандагон кадом малакаро аз худ мекунанд?” ҷавоб гардонед. 2) Мақсадҳои интихобкардаатонро дар	Роҳнамо Китоби дарсӣ

	нақша нависед.	
Тарзи ташкили дарс ва пурсиши вазифаи хонагӣ	1) Ба тавсияҳои роҳнамои омӯзгор оид ба тарзи ба роҳ мондани пурсиши вазифаи хонагӣ нигаред. 2) Вобаста ба вазифаи хонагӣ ва тавсияҳои роҳнамо тарзи пурсиши вазифаи хонагиро муайян кунед.	Роҳнамо
Тарзи банақшагирии муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳо	1) Чӣ гуна мақсадҳои дарсро ба хонандагон муаррифӣ мекунед, нависед. 2) Чӣ гуна хонандагон мақсадҳои дарсро муҳокима мекунанд (дунафарӣ, гурӯҳӣ, аҳли синф) нависед.	Роҳнамо
Тарзи банақшагирии проблемагузорӣ (проблемаи таълим)	1) Нигаред ба қисми "фаъолгардонии дониши заминавӣ", ки дар роҳнамо омадааст. Онро хонед ва ба мақсад ва мавзӯи дарсатон мутобиқ созед. 2) Агар дар роҳнамо набошад, он гоҳ ин фаъолияти таълимиро таҳия кунед. Яъне, проблемаи асосии дарс чист? Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки амали асосии дасро иҷро кунанд. Агар мақсади дарси шумо тарҳи ададҳои дурақама бошад, он гоҳ дар аввали дарс аз хонандагон хоҳиш кунед, ки як мисолро кор кунанд. Онҳо ғалат мекунанд, проблема пайдо мешавад.	Роҳнамо Китоби дарсӣ Нақшаи дарсҳои пешин Сарчашмаҳои дигар
Таҳияи фаъолиятҳои минбаъдаи дарс	1) Роҳнамои омӯзгорро барои дарси интихобкардаатон бори дигар хонед. 2) Қадамҳои минбаъдаи дасро хаёлан тасаввур кунед. 3) Кадом фаъолиятҳои таълимиро истифода мебаред? Интихоб кунед. Ба	Роҳнамо Китоби дарсӣ

	вақти ҷудошуда мувофиқанд? Ҳамаи хонандагонро фаро мегиранд? 4) Фаъолиятҳои интихобкардаатонро ба таври мушаххас дар нақша нависед. 5) Бори дигар нақшаи дарси таҳиякардаатонро то ин марҳала хонед. Ҳар як фаъолияти таълимро таҳил кунед.	
Таҳияи қисми ҷаъбастии дарс	1) Робитаи мутақобила: диққати хонандагонро ба мақсадҳои дарс равона кунед. Кадом мақсадҳоро ноил гаштед? Чӣ мушкилӣ доштед? Чӣ гуна мушкилиро ҳал кардед? Боз чиро донистан мехоҳед?	Роҳнамо
Таҳияи воситаҳои арзёбӣ	1) Асосан воситаҳои арзёбиро баъд аз муайян кардани мақсадҳои дарс аниқ месозанд. Аммо, воситаҳо аллакай пешакӣ дар роҳнамо оварда шудаанд. 2) Қисми арзёбии нақшаи дарси роҳнаморо бодиққат хонед. Шояд таҳияи ягон восита ё машқ аз шумо талаб карда шавад, масалан, таҳияи ҷадвал, тест ва саволҳо. Онро таҳия намоед ва ба нақшаи дарс нависед.	Роҳнамо

3.4. Муайян кардани натиҷаи чашмдошт ва самти инкишоф

Проблема. Ба мақсади татбиқи самараноки муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим маъмурияти раёсати маориф аз шумо талаб мекунад, ки нақшаи корӣ тартиб диҳед.

Вазифаи 1. Кори мустақилона. Дар асоси нақшаи дар матни зерин омада нақшаи корӣ тартиб диҳед. Онро дар гурӯҳҳои чорнафарӣ муҳокима карда, намунаи ниҳоии нақшаро ба аҳли синф муаррифӣ намоед.

Натиҷаи чашмдошт (мақсади ниҳоӣ) нуқтаи ниҳоии самти ҳаракат мебошад. Яъне, мо то куҷо меравем ва чӣ корро карда метавонем. Роҳбалад натиҷаи чашмдошти раванди роҳбаладиро муайян карда, онро ба омӯзгорон муаррифӣ ва роҳи расидан ба натиҷаро бо онҳо муҳкоима мекунад.

Дар мисоли консепсияи роҳбаладии мо чунин натиҷаи чашмдоштро муқарра кардан мумкин аст: ***"То 20–уми апрели соли 2017 ҳамаи омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаи таълимии мо мувофиқи талаботи муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим нақшаи дарс тартиб дода метавонанд".***

Вақти ноилшавии натиҷаи чашмдошт аниқ аст: то 20–уми апрели соли 2017. Адресант аниқ аст: ҳамаи омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаи таълимии мо. Талабот аниқ аст: мувофиқи талаботи муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим нақшаи дарс тартиб дода метавонанд.

Пас аз муқаррар кардани натиҷаи чашмдошт роҳбалад бояд нақшаи расидан ба ин ҳадафро тартиб диҳад. Яъне, аз ин рӯз то 20–уми апрел чӣ корҳоро бояд ба анҷом расонд?

Биёед, як намунаи нақшаро дида мебароем

1) Нақшаи намунавии мушовири шуъбаи маориф

№	Фаъолият	Таърих	Масъул
1.	Таҳлили вазъи таъминоти омӯзгорон бо роҳнамо ва стандартҳои фаннӣ		
2.	Гузаронидани семинар–машварат бо муовинони директорон ва роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ оид ба банақшагирӣ.		
3.	Тартиб додани нақшаи ташриф ба муассисаҳои таълимӣ ба мақсади расонидани ёрӣ оид ба банақшагирӣ.		
4.	Муайян кардани ҳайати гурӯҳи ёрирасон аз ҳисоби омӯзгороне, ки дар масъалаи банақшагирӣ пешсафанд (Нигаред ба фасли 4.1.)		
5.	Гузаронидани машварат бо гурӯҳи		

	ёрирасон ва тақсими муассисаҳои “такягоҳ” (Нигаред ба фасли 4.1.) ва муайян кардани вазифаҳо.		
6.	Ташкили вохӯрӣ бо намояндагони гурӯҳи ёрирасон ва ҳалли масъалаҳои пайдошуда.		
7.	Ташрифи санҷишиву методӣ ба муассисаҳои интихобӣ		
8.	Ташкил намудани конференсияи методӣ оид ба натиҷаҳои роҳбаладӣ: дастовардҳо	19 апрели соли 2017	

2) Нақшаи намунавии роҳбари иттиҳодияи методӣ

№	Фаъолият	Таърих	Масъул
1.	Мусоидат намудан ба таъминоти омӯзгорон ба нусхаҳои роҳнамо ва гунаи электронии он		
2.	Гузарондани машварати методӣ бо омӯзгорон оид ба масъалаи банақшагирӣ (дар асоси дастурҳои дастури мазкур)		
3.	Кори фардӣ бо омӯзгорон		
4.	Муайян кардани омӯзгороне, ки ба ёрии бештар ниёз доранд. Таъин кардани роҳбалад ба омӯзгорони ниёзманд.		
5.	Мушоҳидаи раванди роҳбаладӣ, таҳлили нақшаҳои дарс ва расонидани ёрӣ		
6.	Таъсиси додани банақшагирии дастаҷамъона (Нигаред ба фасли 4.2.)		
7.	Санҷишу таҳлили доимии нақшаҳои дарсҳо ба мақсади муайян кардани мутобиқати онҳо ба талаботи муносибати салоҳиятнок		
8.	Иштирок ва маърӯза дар конференсияи методӣ оид ба натиҷаҳои роҳбаладӣ: дастовардҳо	19 апрели соли 2017	

3.5. Фарҳанги роҳбаладӣ

Проблема: Раёсати маориф барои такмили ихтисоси шумо мутахассисонро даъват карданист. Сардори раёсат аз шумо хоҳиш мекунад, ки сифатҳои шахсӣ ва

сифатҳои касбии мутахассисро нависед. То раёсат барои шумо шахси мувофиқро ҳамчун устод ҷалб кунад.

Вазифаи 1. Дар гурӯҳҳои чорнафарӣ кор карда, хусусиятҳои шахсӣ ва касбии мутахассисро таҳия намоед.

Сифатҳои шахсӣ	**Сифатҳои касбӣ**
Намуна: масъулиятшиносӣ дар иҷрои вазифа	**Намуна:** қонуният ва принсипҳои илмҳои педагогика ва равоншиносиро донад.

Вазифаи 2. Натиҷаи коратонро бо мазмуни матни зери муқоиса карда, ба сифатҳои навиштаатон иловаҳо ворид намоед.

Вазифаи 3. Кори мустақилона. Вазифаҳои таҳиякардаатонро аз назар гузаронед. Кадоме аз ин сифатҳоро доред? Барои ташаккул додани сифатҳои дигар чӣ корҳоро бояд анҷом диҳед?

Вазифаи 4. Кори мустақилона. Таҳияи нақшаи рушди касбӣ. Дар асоси мушкилоти дар қадами 3 муайянкардаатон нақшаи рушд тартиб диҳед.
Намуна:

Проблема	***Роҳи ҳал***
Доир ба қобилиятҳои педагогӣ (коммуникативӣ, персептивӣ, худидоракунӣ ва ғайраҳо) маълумоти кофӣ надорам.	Мутолиа кардани адабиёт оид ба қобилиятҳои педагогӣ то 28 марти соли 2017.

Вазифаи 5. Кадом вазифаи болоро ба осонӣ иҷро карда тавонистед. Дар иҷрои кадом вазифа мушкилӣ кашидед? Мушкилотро ҳал карда тавонистед? Чӣ тавр? Агар ҳал нашуда бошад, боз кадом донишҳо ба шумо лозим аст? Мо ба шумо чӣ гуна ёрӣ расонда метавонем?

Роҳнамоӣ чист? Роҳнамоӣ – шахсе (гурӯҳе)-ро ба коре ҳидоят кардан, барои ба мақсад расидан ёрӣ расондан аст. Аз қадимулайём мардуми мо барои ифодаи мафҳуми «роҳнамоӣ» калимаҳои «роҳбалад», «ҳидояткунанда», «устод», «мураббӣ»-ро истифода мебарад. Вобаста ба ҷараёни таълиму тарбия «роҳнамоӣ» ҷараёни мақсадноки маҷмӯи фаъолиятҳоест, ки тавассути он натиҷаҳои зерин ба даст меоянд:

– таъмини фазои ҳамкорӣ байни мушовири шӯъбаи маориф, ҷонишини директор оид ба корҳои таълим, роҳбари иттиҳодияи методӣ ва омӯзгорон (боварӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, маслиҳату машварат, расондани ёрӣ);
– ҳавасманд гардидани омӯзгорон аз рӯйи натиҷаи таълим;
– баландбардории шавқи фаъолияти педагогии омӯзгорон, фароҳамоварии муҳити солим дар муассиса;
– такони раванди тайёркунии мутахассиси соҳибкасби соҳа, инкишофи маҳорати мустақилият;
– мутобиқшавӣ ба муассиса, аз худ намудани анъанаҳои беҳтарин ва қоидаҳои коллективи муассисаи таълимӣ, муносибати бошуурона ва эҷодкорона ба вазифаҳои омӯзгорӣ.

Роҳнамоӣ фаъолияти доманадор аст, шабеҳи пӯст кардани пиёз. Чун як қабат гирифта шавад, қабати дигаре пайдо хоҳад шуд.

Роҳнамо кист?

Сифатҳои шахсии роҳнамо:

– масъулитшиносӣ дар иҷрои вазифа;
– таҳаммулпазирӣ (гӯш карда тавонистани фикри дигарон, танқидро қабул карда тавонистан);
– маҳорати суханварӣ доштан (хушмуомила, баёни роҳнамо бояд тавре сурат гирад, ки қалби омӯзгорро тасхир созад, дар дили онҳо ҳиссиёти боварию ҳамдигарфаҳмиро ба вуҷуд орад);
– ақидаи шахсии худро бо далелҳо ҳимоя карда тавонад;
– доимо омодаи расондани ёрӣ ба дигарон будан;
– фаъолияти худро ба танзим дароварда тавонад;
– дар байни ҳамкорон соҳиби обрӯю эътибор бошад;
– маҳорати ҳавасмандгардонӣ дошта, дигаронро аз пасаш бурда тавонад...

Сифатҳои касбии роҳнамо

1. Донишҳои назариявӣ:
   – мазмун ва мӯҳтавои фан;
   – қонуният ва принсипҳои илмҳои педагогика ва равоншиносӣ;
   – санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф;
2. Салоҳиятнокии касбӣ
   – банақшагирӣ ва амалӣ карда тавонистани ҷараёни таълиму тарбия;
   – донистани методикаи умумии таълим;
   – донистани методикаи хусусии таълими фан;
   – бархурдорӣ аз усул ва шеваҳои классикӣ ва муосири таълим;

– доштани нуқтаи назар (консепсияи)-и худ доир ба беҳтар шудани сифати таълим;
– қобилиятҳои педагогӣ (коммуникативӣ, персептивӣ, худидоракунӣ ва ғайраҳо).

3.6. Одоби муошираті роҳнамо

Ором ва фаҳмо сухан ронед. Суханварӣ бо каломи зебо ва лаҳни шево баён кардани мақсад, ҷалб намудани таваҷҷӯҳи шунавандагон ва ҳунари суханвариро омӯхтан аст. Фикру андешаи роҳнамо дар қолаби калима, ибора ва ҷумлаҳои дилнишин ифода меёбад. Ҳадафи асосии он ба дили шунаванда раҳ ёфтан аст. Баёни роҳнамо бояд тавре сурат гирад, ки шунавандагонро тасхир созад, дар дили онҳо ҳиссиёти шодию хурсандӣ, бовариро барангезад.

Шунаванда кист ва ҳадафи ӯ чист? Инсон дар иртибот бо дигарон ҳамеша ду нақшро иҷро мекунад. Яке сухангӯй ва дигаре шунаванда. Шахс дар баробари он ки бо мусоҳиб сухан мегӯяд, ҳарфи дигаронро низ бояд шунавад. Ҳар яки ин нақшҳо ҳадду ҳудуди худро дорад. Ба қавли мардум «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад».

Касе, ки битвонад мақсади худро мушаххасу дуруст баён кунад, оҳанги садоро ба таносуби мавзӯъ мутобиқ созад, бешак суханвар аст.

Бояд донист, ки суханвар аз сухангӯй бо се хусусият фарқ дорад:

1. Қонеъ (қаноатманд гардондани шунавандагон бо сухани худ).
2. Ҳусни тафоҳум (яъне шунавандагон ба ҳарфҳои суханвар таввaҷҷӯҳ зоҳир намоянд ва бовар кунанд).

Ҳангоми муҳокимаи ягон масъала байни сухангӯй ва шунавандаҳо метавонад ихтилоф ба вуҷуд ояд. Якравӣ накунед. Дар хотир доред, ки калонсолон андешаҳои худро ба зудӣ тағйир додан намехоҳанд ё наметавонанд.

Иштирокчиёнро ба он водор созед, ки якбора дар бораи ин ё он андеша хулосаи сарсарӣ набароварда, атрофи ҷанбаҳои мусбат ва манфии он фикр кунанд. Агар онро қабул кунем, чӣ ташвиш меорад? Чӣ бояд кард, ки ин ё он андеша ба каҷфаҳмӣ бурда нарасонад. Агар онро дар оянда дар таҷриба истифода барем кадом имкониятҳо пеш меоянд?

Ҳангоми муҳокимаронихо «якканавозӣ» накунед. Дар дарс чунин муҳитеро фароҳам ored, ки дар он иштирокчиён аз шумо бештар андеша кунанд ва сухан ронанд.

3. Барангехтани хотирҳо ва таъсир дар дили шунавандагон.

Қаноатманд гардондани шунаванда бо далелу санадҳо вобаста аст. Агар ҳарфи суханвар бидуни далелу санад бошад, шунаванда ба он бовар нахоҳад кард.

Дар ҷараёни суханварӣ бо мақсади рафъи хастаги шунавандагон латифа, ҳикоёт, саргузаштҳои аҷибро метавонем истифода барем. Овардани латифа шарти қатъӣ надорад. Агар шумо ҳис кунед, ки иштирокчиён монда шудаанд, ё диққати онҳо парешон гаштааст, метавонед латифа, саргузаштҳои аҷибро ҳикоя кунед.

Бо овози баланд ё бадқаҳр ҳарф назанед. Баъзеҳо бар он андешаанд, ки таъсири овози баланд, бадқаҳрона сухан гуфтан, дар дили одамон тарсу ҳаросро ба миён меорад ва онҳо аз рӯйи тарс корро иҷро мекунанд. Дар асл ин тавр нест. Чаро? Якум вақте шумо бадқаҳрона сухан мегӯед он дар чеҳраи шумо инъикос меёбад. Аз нигоҳи равонӣ одамон бештар ба чизи моддӣ яъне, аввал ба симои шумо диққат медиҳанд. Дар ин сурат таъсири чеҳраи ғазаболуди шумо аз таъсири суханҳои шумо бештар хоҳад буд. Амир Хусрави Деҳлавӣ дар ин масъала фармудааст:

Кас накунад аз сухани нарм бим
В-аз сухани сахт битарсад салим

Аксари нотиқон зимни суханронӣ сари хешро поин андохта ба шунавандагон таваҷҷӯҳе зоҳир намекунанд. Ин тартиб дар суханронӣ манфист ва қобили қабул нест.

Ҳангоми сӯҳбат кардан чӣ тавр бояд нишаст?

Баъзеҳо бар он андешаанд, рӯ ба рӯ нишастан беҳтарин тарзи нишасти мусоҳибон аст. Аммо равоншиносон тарзи нишасти рӯбарӯро қабул надоранд. Ва онро ба он асоснок менамоянд, ки таъсири нигоҳ метавонад диққати касро парешон намояд, тарсу воҳима ё шарму ҳаёро ба вуҷуд орад. Аз ин рӯ ҳангоми сӯҳбати дунафарӣ тарзи нишасти зеро тавсия медиҳем.

IV. Роҳбаладӣ дар сатҳи ноҳия ва муассисаҳои таълим

4.1. Таъсис додани гурӯҳи ёрирасони татбиқи ислоҳот дар сатҳи ноҳия

Проблема: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати маорифи ноҳия фармоиш содир кард, ки мувофиқи он Шумо бояд ба тамоми муассисаҳои таълимиатонро ташриф оварда, ёрии методӣ расонед. Шумо чӣ кор мекунед?

Вазифаи 1. Кор дар гурӯҳҳои чорнафарӣ. Якҷоя проблемаро муҳокима карда, роҳи ҳалли онро аниқ созед. Ақдиаатонро ба аҳли синф муаррифӣ кунед.

Вазифаи 2. Тавсияҳоро оид ба таъсис додани гурӯҳи ёрирасони татбиқи ислоҳот хонда, бо тавсияҳои худ муқоиса кунед. Кадом тавсияҳоро барои татбиқи ислоҳот истифода мебаред, чаро?

Татбиқи ислоҳот, чуноне ки борҳо дар саҳифаҳои дастури мазкур таъкид шуда буд, хеле мураккаб аст ва нерӯи зиёдро талаб мекунад. Оё мо чунин нерӯро дорем? Баъзеҳо дар он ақидаанд, ки мутаххасисони зиёд ҷалб карда шаванд, хадамоти методии нав ба роҳ монда шаванд ва амсоли он. Мо низ инро мехоҳем, аммо мо бояд дар доираи имкониятҳои мавҷуда амал карда, онро ба таври самаранок истифода барем. Яке аз имконияти мавҷуда хадамоти методии раёсатҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ мебошад. Пас чӣ тавр онро барои татбиқи самараноки муносибати салоҳиятнок истифода барем?

Мушовири раёсати маориф метавонад гурӯҳи ёрирасонро аз ҳисоби омӯзгороне, ки оид ба банақшагирӣ ва муносибати таълими салоҳиятнок дониш ва таҷрибаи пешбаранда доранд, таъсис диҳад. Масалан, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафурови Вилояти Суғд мушовири шуъбаи маориф Эҳсонова Матлуба аз ҳисоби омӯзгорони муассисаҳои таълимии озмоишӣ ва омӯзгороне, ки ба ҳайси тренерон ҷалб шуда буданд, гурӯҳи корӣ таъсис дода, масъалаи татбиқи муносибати салоҳиятнокиро ба таври самаранок ба роҳ монда истодаанд. Инчунин дар ноҳияи мазкур семинар-машваратҳои зиёд оид ба масъалаи муносибати таълими салоҳиятнок гузаронда мешаванд.

Чӣ тавр омӯзгоронро интихоб кард? Барои интихоби гурӯҳи ёрирасон як қатор меъёрҳоро ба эътибор гирифтан зарур аст. Аз ҷумла:

- ихтисоси омӯзгорӣ синфҳои ибтидоиро дошта бошад;
- зиёда аз 5 соли таҷрибаи педагогӣ дошта бошад;
- хонандагони синфаш дастовардҳои назарраси таълимӣ доранд;

– доир ба муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим дониш ва таҷрибаи кофӣ дорад;
– малакаи хуби муошират дошта бошад;
– моҳияти банақшагирӣ ва талаботи муносибати салоҳиятнокиро дар нақшаи дарс донад;
– маҳорати тренерӣ дошта бошад;
– хусусиятҳои таълими калонсолонро донад;
– хоҳиши ба ҳайси намояндаи гурӯҳи ёрирасон ба таври ихтиёрӣ кор карданро дошта бошад;
– дон воситаҳои электронии муошират, аз ҷумла интернет ва нармафзорҳои фаннӣ (Скайп, вайбер)-донад ва истифода барад.

Пас аз он ки гурӯҳи ёрирасонро интихоб мегардад, вазифаҳои онҳо муайян карда мешаванд. Дар мисоли поён якчанд вазифаҳое, ки гурӯҳи ёрирасон барои татбиқи муносибати салоҳиятнок ба анҷом расонида метавонад, оварда мешаванд:

– тартиб додани нақшаи расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони муассисаҳои таълимии такягоҳ (на зиёда аз панҷ муассисаи таълим ё дар сатҳи ҳар як ҷамоат);
– таҳияи рӯйихати роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ё омӯзгорони муассисаҳои такягоҳ ба мақсади расонидани ёрии методӣ;
– таъсис додани алоқа байни роҳбаладон (ҳайати гурӯҳи ёрирасон) ва роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ё омӯзгорони муассисаҳои таълимии такягоҳ (рақами телефонҳо, суроғаи электронӣ);
– ташкил ва гузаронидани машваратҳо бо роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва муассисаҳои таълимии такягоҳ;
– муайян кардани мушкилоти омӯзгорон дар самти таҳияи нақшаи дарс мувофиқи талаботи таълими салоҳиятнок;
– навиштани ҳисоботи мухтасар оид ба рафти иҷроиши фаъолияти роҳбаладӣ.

Азбаски ҳайати гурӯҳи ёрирасон ба таври ихтиёрӣ (бе маблағ) фаъолият мекунанд, роҳу воситаҳои ҳавасмандгардонии ҳайати гурӯҳ аз ҷониби раёсатҳои маориф муайян карда мешавад. Дар поён якчанд намунаи ҳавасмандгардонии ҳайати гурӯҳи ёрирасон пешниҳод мегарданд. Аз ҷумла:

– ҳангоми гузаштани аттестатсия ба ҳайати гурӯҳи ёрирасон баъзе имтиёзҳо дода шавад;
– фаъолияти мазкур ҳангоми додани тахассус ба эътибор гирифта шавад;
– бо сипосномаҳои мақомоти дахлдор сарфароз гардонда шаванд;

– барои таҳия ва нашри мақолаҳо дар рӯзномаҳои ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ имтиёз дода шавад;
– ба аъзоёни гурӯҳи ёрирасон барои фиристодан ба семинару машвратҳои ҷумҳуриявӣ, лоиҳаҳои соҳавӣ бартарӣ дода шавад.

4.2. Нақши иттиҳодияи методӣ дар татбиқи ислоҳот

Проблема: Раёсати маориф аз Шумо талаб мекунад ки ба вазифаномаи Иттиҳодияи методии муассисаҳои таълимӣ вобаста ба талаботи ислоҳот тағйирот ворид намоед. Шумо ба вазифанома чиро илова мекардед? Чаро?

Вазифаи 1. Вазифаномаи ҳозираи иттиҳодияи методиро таҳлил кунед.

Вазифаи 2. Кор дар гурӯҳҳои чорнафарӣ. Якҷоя муҳокима карда, ба фазифаномаи Иттиҳодияи методии синфҳои ибтидоӣ тағйиру иловаҳо ворид намоед.

Иттиҳодияи методӣ яке аз унсури хадамоти методии низоми таълим аст. Дар раванди татбиқи ислоҳот аз ин унсури басо муҳим ба таври самаранок бояд истифода бурд. Тибқи низомномаи иттиҳодияи методӣ дар ду моҳ як маротиба ҷаласа гузаронда мешавад. Инчунин ҳар ҳафта рӯзи шанбе барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ машварати методӣ гузаронида мешавад. Ин имкон медиҳад, ки масъалаи банақшагирӣ ҳар ҳафта баррасӣ шавад.

Яке аз тавсияҳои методие, ки мо барои татбиқи ислоҳот пешниҳод карданием банақшагирии дастаҷамъонаи дарс аст. Масалан, омӯзгорони як синф (синфи ду) якҷоя нақшаҳои дарсиро барои як ҳафта тартиб медиҳанд. Нақшаҳои тартибдодаашонро муҳокима ва баррасӣ карда, такмил медиҳанд.

Барои таҳлили нақшаҳои таҳиякардаи омӯзгорон роҳбари иттиҳодияи методӣ аз варақаи таҳлили нақшаи дарс истифода мебаранд (Нигаред ба замимаи 3).

Замимаҳо

Замимаи 1. Салоҳиятҳои фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ

Намунаи салоҳиятҳои фанни забони модарӣ барои синфҳои 1–4

Синфи 1 (Марҳилаи таълими савод)	Синфи 1 (Марҳилаи «Забони модарӣ»)	Синфи 2	Синфи 3	Синфи 4
Хондан				
А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.	1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.	2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.	3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.	4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.

А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

- тарзҳои хондан (бо овоз, дунафарӣ, якҷоя)-ро истифода бурда, ҷумлаҳои матнро мехонад;
- ҳангоми хондан калимаҳоро пешгӯйӣ карда метавонад;
- якҷоя бо аҳли синф ҳамовоз китоб мехонад ва якҷоя хонданро машқ мекунад;
- ҳангоми хондан нақши расмро барои пурра кардани мазмуни матн шарҳ медиҳад;
- навиштаи худ ва расмҳои калимадорро хонда, нақли кӯтоҳ мекунад;
- бо суръати мувофиқ хонда, мазмуни матнро дарк мекунад.

1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

- тарзҳои хондан (бо овоз, дунафарӣ, якҷоя, аз рӯйи нақшҳо)-ро истифода карда, матнро мехонад;
- стратегияҳои гуногунро истифода бурда, унсурҳои матн (муаллиф, сарлавҳа, расм, симо (ҳо), замон ва макони баргузори воқеаҳо)-ро муайян карда метавонад;

- матнҳои назмӣ ва насриро фарқ карда метавонад;
- ба саволҳои пеш аз хондан, дар ҷараёни хондан ва пас аз хондан ҷавоб мегӯяд;
- мазмуни матнҳои ҳикоягиро пешгӯйӣ мекунад;
- оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми матнро муайян мекунад;
- маънои калимаҳоро аз сарчашмаҳои гуногун (луғати зери матн, ҳамсинф, омӯзгор) муайян мекунад;
- аз рӯйи майлу хоҳиш ва шавқу ҳавас рӯзномаву маҷалла ва китобҳои бачагонаро мунтазам мутолиа мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

- равон (бо суръати муътадил 40-50 калима дар як дақиқа) мехонад;
- тарзҳои хондан (тасаввур кардан, такроран хондан, муайян кардани маънои калимаҳое, ки ба ҳайси луғат омадаанд)-ро истифода карда, матнро мехонад;
- стратегияҳои гуногунро истифода бурда унсурҳои матн (муаллиф, сарлавҳа, расм, симо(ҳо), замон ва макони баргузори воқеаҳо)-ро муайян карда метавонад;
- матнҳоро аз рӯйи навъ (назмӣ, насрӣ) фарқ карда метавонад;
- матнҳои ба синфи дуюм мувофиқро бо мақсадҳои гуногун (шиносоӣ, дарёфти ахбори зарурӣ, дарки маънӣ) мехонад.
- ба саволҳои пеш аз хондан, дар ҷараёни хондан ва пас аз хондан ҷавоб мегӯяд;
- мазмуни матнҳои ҳикоягиро пешгӯйӣ мекунад;
- мустақилона бо овози баланд хонда, ба саволҳо ҷавоб меёбад;
- оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми матнро муайян мекунад;
- маънои калимаҳоро аз сарчашмаҳои гуногун (луғати зери матн, ҳамсинф, омӯзгор) муайян мекунад;
- ҷадвал, нақша, диаграммаҳои хеле содаро мехонад;
- аз рӯйи майлу хоҳиш ва шавқу ҳавас рӯзномаву маҷалла ва китобҳои бачагонаро мунтазам мутолиа мекунад.

3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

- нутқи худро пешакӣ ба нақша мегирад;
- ба кӣ нигаронда шудани суханро муайян мекунад;
- андеша мекунад, чӣ ва барои чӣ мегӯяд;
- оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми суханро муайян мекунад;
- барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода мебарад;

– ҳангоми муошират суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда метавонад.

4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

– равон (бо суръати муътадил 80-90 калима дар як дақиқа) мехонад;
– тарзҳои хондан (тасаввур кардан, такроран хондан, муайян кардани маънои калимаҳое, ки ба ҳайси луғат омадаанд)-ро истифода карда, матнро мехонад;
– стратегияҳои гуногунро истифода бурда унсурҳои матн (муаллиф, сарлавҳа, расм, симо (ҳо), замон ва макони баргузори воқеаҳо)-ро муайян карда метавонад;
– матнҳоро аз рӯйи навъ ва жанр (назмӣ, насрӣ; ҳикоя, афсона, матнҳои маърифатӣ ва илмӣ-оммавӣ)-ро фарқ карда, хусусиятҳои умдатарини онҳоро муайян карда метавонад;
– матнҳои ҳикоягӣ, тасвирӣ, бо унсурҳои мулоҳизарониро муқоиса карда фарқи онҳоро муайян карда метавонад;
– матнҳои ба синфи чорум мувофиқро бо мақсадҳои гуногун (шиносоӣ, дарёфти ахбори зарурӣ, дарки маънӣ) мехонад.
– ба саволҳои пеш аз хондан, дар ҷараёни хондан ва пас аз хондан ҷавоб мегӯяд;
– мазмуни матнҳои ҳикоягиро пешгӯйӣ карда, бо мазмуни матн муқоиса мекунад;
– мустақилона бо овози баланд ва хомӯшона хонда, ба саволҳо ҷавоб меёбад;
– оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми матнҳои нисбатан калонтарро муайян мекунад;
– маънои калимаҳоро аз сарчашмаҳои гуногун (луғат,фарҳанг, ҳамсинф, омӯзгор) муайян мекунад;
– ҷадвал, нақша, диаграммаҳоро мехонад;
– аз рӯйи майлу хоҳиш ва шавқу ҳавас рӯзномаву маҷалла ва китобҳои бачагонаро мунтазам мутолиа мекунад.

Намунаи салоҳиятҳои фанни математика барои синфҳои 1–4

Синфи 1	Синфи 2	Синфи 3	Синфи 4
Донистани ададҳо ва рамзҳои математикӣ			
1.1.1. Ададҳоро аз 1 то 20 мехонад, менависад ва муқоиса мекунад; разрядҳои воҳид ва даҳиро муайян карда метавонад.	2.1.1. Ададҳоро аз 21 то 100 мехонад, менависад ва муқоиса мекунад; разрядҳои воҳид, даҳӣ ва садиро муайян карда метавонад.	3.1.1. Ададҳоро аз 100 то 100000 мехонад, менависад ва муқоиса мекунад; разрядҳои воҳид, даҳӣ, садӣ, ҳазорӣ, даҳҳазорӣ ва садҳазориро муайян карда метавонад.	4.1.1. Ададҳоро аз 100000 то 1000 000 мехонад, менависад ва муқоиса мекунад; ададҳоро ба разрядҳо ва синфҳо ҷудо карда метавонад.

1.1.1. Ададҳоро аз 1 то 20 мехонад, менависад ва муқоиса мекунад; разрядҳои воҳид ва даҳиро муайян карда метавонад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

- ададҳои аз 1 то 20- ро хонда ва навишта метавонад;
- рақамҳоро дар катакҳо дуруст навишта метавонад;
- қатори ададҳои аз 1 то 18 – ро бо дигар ададҳо ҷамъ карда метавонад;
- якто зиёдатӣ, якто ва ягонто ҳам нестро фаҳмида метавонад;
- ададҳои як ва якчандторо фарқ карда метавонад;
- дар вақти ҷамъ ва тарҳ аз чӯбчаҳо истифода бурда метавонад;
- қатори ададҳоро бо тартиби зиёдшавӣ ва камшавиашон дуруст ҳисоб карда метавонад;
- ададҳои пешоянд ва пасояндро ҳосил карда метавонад;
- даҳиҳо ва воҳидҳоро фарқ карда метавонад;
- ададҳои ҷуфт ватоқро фарқ карда метавонад;
- даҳиро ба воҳидҳо ҷудо карда метавонад;
- бо мисолҳо ҷамъи ду ададӣ тоқ ададӣ ҷуфт ҳосил шуданашро нишон дода метавонад.

2.1.1. Ададҳоро аз 21 то 100 мехонад, менависад ва муқоиса мекунад; разрядҳои воҳид, даҳӣ ва садиро муайян карда метавонад.

- *<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:</u>*
  - ададҳоро аз 21 то 100 мехонад;
  - ададҳоро аз 21 то 100 менависад;
  - ададҳоро аз 21то 100 муқоиса мекунад;
  - ишораи аломатҳои калон, хурд, зарб ва тақсимро мешиносад ва дуруст истифода мебарад;
  - баробарӣ ва нобаробариҳои ададиро муқоиса ва фарқ мекунад;
  - қимати суммаро бо сумма ва фарқро бо фарқ муқоиса мекунад;
  - ададҳои дурақамаро ба ададӣ якрақама муқоиса мекунад;
  - ададҳои дурақамаро ба ададӣ дурақама муқоиса мекунад;
  - тартиби разрядҳои воҳид, даҳӣ ва садиро фарқ карда, хонда ва навишта метавонад;
  - дар доираи 100 ададҳоро хонда, шумурида ва навишта метавонад;
  - ададҳоро ба суммаи ҷамъшавандаи разрядӣ ҷудо мекунад;
  - ададҳоро дар доираи 100 бо тартиби зиёдшавӣ ва камшавӣ мехонад ва менависад;
  - ададҳои серақамаро ба ҷамъшавандаҳои разрядӣ ҷудо карда метавонад.

3.1.1. Ададҳоро аз 100 то 100000 мехонад, менависад ва муқоиса мекунад; разрядҳои воҳид, даҳӣ, садӣ, ҳазорӣ, даҳҳазорӣ ва садҳазориро муайян карда метавонад.

<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:</u>

- ададҳоро дар доираи 100000 мешиносад ва хондаву навишта метавонад;
- таркиби ададҳоро дар доираи 100000 медонад ва онҳоро ҷамъу тарҳ карда метавонад;
- аз ҷадвали ҷамъ ва тарҳ истифода бурда метавонад;
- ададҳоро ба разрядҳои воҳид, даҳӣ ва садӣ ҷудо карда метавонад;
- ададҳои серақамаро ба суммаи ҷамъшавандаҳои разрядӣ иваз карда метавонад.
- бо истифода аз даҳиҳо масъалаҳо тартиб дода ҳал карда метавонад;
- аз расмҳо истифода бурда, даҳиҳоро ҷудо карда метавонад.
- разрядҳои воҳид, даҳиҳо, садиҳо ҳазорӣ, даҳҳазорӣ ва садҳазориро фарқ карда метавонад;
- разрядҳоро хонда бо адад навишта метавонад;
- ададҳоро пай дар пай ба 1 даҳӣ зиёд карда метавонад;
- аз рӯйи расмҳо шумораи ашёҳоро муайян карда, аз чанд садӣ, даҳӣ ва воҳид иборат буданашонро медонад.
- садиҳоро ҷамъ, тарҳ ва муқоиса карда метавонад;
- адади 100-и яклухт ҳосил карда метавонад;
- ададҳоро ба таври зиёдшавӣ ва камшавӣ хонда ва навишта метавонад;
- ададҳои ҷуфт ва тоқро мешиносад ва фарқ карда метавонад;
- тартиби иҷрои амалҳои беқавс ва қавсдорро бо аломатҳои ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсимро медонад ва иҷро карда метавонад;
- ҷадвали зарб ва тақсимро дар доираи 100 медонад.

4.1.1. Ададҳоро аз 100000 то 1000 000 мехонад, менависад ва муқоиса мекунад; ададҳоро ба разрядҳо ва синфҳо ҷудо карда метавонад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

- ададҳоро дар доираи 1000 000 000 мехонад ва навишта метавонад;
- таркиби ададҳоро дар доираи 1000 000 000 медонад ва онҳоро ҷамъу тарҳ карда метавонад;
- аз ҷадвали ҷамъ ва тарҳ истифода бурда метавонад;
- ададҳоро ба синфҳо ва разрядҳои воҳид, даҳӣ ва садӣ ҷудо карда метавонад;
- ададҳои бисёррақамаро ба суммаи ҷамъшавндаҳои разрядӣ иваз карда метавонад;
- аз садиҳо истифода карда, масъалаҳо тартиб дода ҳал карда метавонад;
- синфҳо разрдҳо ваҳид, даҳиҳо ва садиҳоро фарқ карда метавонад;
- разрдҳоро хонда бо адад навишта метавонад;
- ададҳоро пай дар пай ба 1 садӣ зиёд карда метавонад;
- ададҳоро дар доираи миллиард хонда ва навишта метавонад;
- ададҳоро ба таври зиёдшавӣ ва камшавӣ хонда ва навишта метавонад;

– ададҳои ҷуфт ва тоқро мешиносад ва фарқ карда метавонад;
– тартиби иҷрои амалҳои беқавс бо аломатҳои ҷамъ ва тарҳро медонад ва иҷро карда метавонад;
– тартиби иҷрои амалҳои беқавс бо аломатҳои зарб ва тақсимро медонад ва иҷро карда метавонад;
– ҷадвали зарб ва тақсимро дар доираи 100 медонад;
– тартиби иҷрои амалҳои қавсдоро медонад ва иҷро карда метавонад.

Намунаи салоҳиятҳои фанни табиатшиносӣ барои синфҳои 1–4

Синфи 1	Синфи 2	Синфи 3	Синфи 4
Инсон ва табиат			
1.1.1. Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.	2.1.1. Хусусияти унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғайримаъмулро муқоиса мекунад.	3.1.1. Хусусияти як қатор унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.	4.1.1. Хусусияти як қатор унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи Тоҷикистон ва ҷаҳонро муқоиса ва таҳлил мекунад.

1.1.1. Хусусияти одии унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмулро муайян мекунад ва шарҳ медиҳад.
Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:
– мафҳуми табиат ва олами атрофро шарҳ дода метавонад;
– ҳайвонот ва ҳашароти маъмули маҳали зисташонро номбар карда метавонад;
– растанӣ ва дарахтони маъмули маҳали зисташро номбар карда метавонад;
– мушоҳидаҳои ҳаётии худро оид ба ашёи атроф нақл карда метавонад;
– вобаста ба мазмуни омӯхташаванда аз расму тасвирҳо мувофиқи мақсад истифода бурда метавонад.

2.1.1. Хусусияти унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғайримаъмулро муқоиса мекунад.
Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:
– аз рӯи хусусиятҳо қисмҳои табиати зиндаро аз ғайризинда фарқ мекунад;
– ҳайвонот ва ҳашароти дидаашро номбар карда метавонад;
– дарахтони мевадори маҳалашро муайян ва муқоиса мекунад;

- номи кӯлҳо, кӯҳҳо, дарёҳо, водиҳоро номбар мекунад ва онҳоро ба таври сода муқоиса менамояд;
- оид ба хусусияти баамалоии ҳодисаҳои оддии табиати зинда ва ғайризинда дар фаслҳои сол маълумот медиҳад;
- оид ба унсурҳо ва ҳодисаҳои табиӣ иншои хурд (эссе) менависад.

3.1.1. Хусусияти як қатор унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи муҳити атрофи худро муқоиса ва таҳлил мекунад.
Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

- хусусияти олами зинда ва ғайризиндаро фаҳмонда метавонад;
- ҳайвоноти муқими Тоҷикистонро аз рӯйи шакл, андоза, хусусият ва манфиати онҳо ба инсон шарҳ дода метавонад;
- номҳои кӯҳҳо ва дарёҳои калонтарини Тоҷикистонро номбар карда, онҳоро аз харита нишон дода метавонад;
- роҳҳои истифодаи об, ҳаво ва хокро нишон дода метавонад;
- шаклҳои алоқамандии инсон ва табиатро бо мисолҳо асоснок карда метавонад;
- сохти умумии бадан ва вазифаи узвҳои инсонро фаҳмонда, ҳамбастагии узвҳои организми одамро нишон дода метавонад.

4.1.1. Хусусияти як қатор унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи Тоҷикистон ва ҷаҳонро муқоиса ва таҳлил мекунад.
Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

- истифодаи растаниҳоро дар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ва тиб шарҳ медиҳад;
- муайян карда метавонад, ки кадом ҳайвон танҳо муқими Тоҷикистон аст ва кадом ҳайвонотро дар дигар минтақаҳои ҷаҳон дидан мумкин аст;
- маҳали зисташонро таҳқиқ карда, таъсири омилҳои гуногуни табииро ба гуногунии наботот ва ҳайвонот мегӯяд;
- нақши унсурҳои табиати ғайризинда ва зиндаро барои ҳаёт ва фаъолияти инсон шарҳ медиҳад;
- ҷирмҳои осмониро номбар карда, хусусияти баамалоии баъзе ҳодисаҳои кайҳониро шарҳ медиҳад;
- воситаҳои муайян кардани самтҳои уфукро номбар мекунад ва аз рӯи онҳо самтҳоро дар маҳал муайян карда метавонад;
- баъзе унсурҳои табиати Тоҷикистонро аз харита нишон медиҳад ва ба харитаи тарҳӣ мегузаронад.

Намунаи салоҳиятҳои фанни санъат ва меҳнат

Синфи 1	Синфи 2	Синфи 3	Синфи 4
Ичрои амалҳо			
1.1.1. Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад.	2.1.1. Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.	3.1.1. Воситаҳои бештари санъати тасвириро истифода бурда метавонад.	4.1.1. Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.

1.1.1. Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

- қалам ва мӯқаламро идора карда метавонад;
- хатҳои гуногуншакли сода(мавҷмонанд, хатҳои рост, секунҷа, чоркунҷа ва давра)-ро тасвир карда метавонад;
- ҷадвал, қаламҳои ранга, одӣ, фломастер ва ранг(краска) –и акварелро ба таври сода истифода бурда метавонад;
- рангҳоро номбар карда метавонад;
- расмҳои тайёрро (дафтари расмҳо барои рангкунӣ) мувофиқи намуна дуруст ранг карда метавонад;
- дар асоси намуна расмҳои хеле одиро ба монанди миз, курсӣ, себ ва амсоли онҳоро ба таври хеле сода тасвир карда метавонад;
- қолаби расми ашёро бо фломастер ҷудо карда метавонад;
- расми тасвиркардаашро бо қаламҳои ранга ранг карда метавонад;
- бо мӯқалам ранг карданро машқ мекунад;
- аз гил ва пластилин шаклҳои сода (секунҷа, чоркунҷа ва давра)-ро сохта метавонад;
- аз маснуоти табиӣ ва ашёҳои гуногун (тугма, чормағз, лубиё, баргҳо, сангчаҳои гуногун) қолаб ва шаклҳои гуногун сохта метавонад;
- аз коғаз ва картон табрикномаҳои хеле сода омода карда метавонад;
- ширешро истифода бурда метавонад;
- қайчиро ба таври хеле сода истифода бурда метавонад (матоъ, ришта, коғаз ва картонро бурида тавонад);
- коғаз, картон, гил, пластилин, матоъ, ришта, маснуоти табиӣ ва дигар ашёҳоро ҳамчун воситаи ородиҳӣ ба таври сода истифода бурда метавонад;
- ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарии одитарин ҳангоми кор бо асбобҳо ва воситаҳои санъати тасвириву ородиҳӣ риоя карда метавонад;
- мафҳумҳои содаи фан (қалам, омехтан, ранг, мӯқалам, ширеш)-ро дарк мекунад ва ҳангоми ичрои супориш ва баёни фикр дуруст истифода бурда метавонад.

2.1.1. Якчанд воситаи санъати тасвириро ба таври сода истифода бурда метавонад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

- қалам ва мӯқаламро идора карда метавонад;
- шаклҳои гуногуни геометриро тасвир карда метавонад;
- ҷадвал, қаламҳои ранга, одӣ, фломастер ва ранг (краска)–и гуашро истифода бурда, вазифаҳои онро фарқ карда метавонад;
- рангҳоро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- дар асоси намуна расмҳои одиро ба монанди гул, ҳайвонот, меваҳои гуногун ва амсоли онро тасвир карда метавонад;
- расми тасвиркардаашро бо қаламҳои ранга ва мӯқалам ранг карда метавонад;
- аз гил ва пластилин ашёҳои гуногуни сода (меваҳо, ҳайвонот, одам ва амсоли онҳо)-ро сохта метавонад;
- аз маснуоти табиӣ ва ашёҳои гуногун (тугма, чормағз, лубиё, баргҳо, сангчаҳои гуногун) бозичаҳои гуногуни сода сохта метавонад;
- аз коғаз ва картон табрикномаҳо ва манзараҳои сода сохта метавонад
- ширешро дуруст истифода бурда метавонад;
- қайчиро истифода бурда метавонад (аз матоъ, ришта, коғаз ва картон қолабҳои гуногуни сода бурида метавонад);
- коғаз, картон, гил, пластилин, матоъ, ришта, маснуоти табиӣ ва дигар ашёҳоро ҳамчун воситаи ородиҳӣ ба таври маҳдуд истифода бурда метавонад.
- ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарии маъмул ҳангоми кор бо асбобҳо ва воситаҳои санъати тасвириву ородиҳӣ риоя мекунад;
- мафҳумҳои фан (тасвир, симо, қолаб, манзара, макет ва ғ.)-ро дарк мекунад ва ҳангоми иҷрои супориш ва баёни фикр дуруст истифода мебарад.

3.1.1. Воситаҳои бештари санъати тасвириро истифода бурда метавонад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

- шаклҳои гуногуни геометриро тасвир ва сохта метавонад;
- ҷадвал, қаламҳои ранга, одӣ, фломастер ва ранг (краска)–и гуашро дуруст ва бо боварии бештар истифода бурда метавонад;
- 1-2 рангро омехта карда, ранги нав ҳосил карда метавонад;
- бо мӯқалам манзараҳои содаи табиатро тасвир карда метавонад;
- расмҳои ҳайвонот, манзараҳо ва олами обиро тасвир карда метавонад;
- ҳиссиёташро ба таври сода ба воситаи тасвирнамоӣ иброз карда метавонад;
- расми тасвиркардаашро бо қаламҳои ранга ва мӯқалам бомаврид ранг карда метавонад;
- расмҳоро бо қалами сиёҳ бо усули штрих ба таври сода тасвир карда метавонад;
- аз гил ва пластилин, коғаз, картон ва маснуоти табиӣ ашёҳои гуногунро моделсозӣ карда метавонад;
- бо коғаз ва картон усули оригамӣ ва апликатсияро истифода бурда метавонад
- намудҳои гуногуни ширешро истифода бурда метавонад;

- қайчиро дуруст истифода бурда метавонад (аз матоъ, ришта, коғаз ва картон қолабҳои гуногунро сарфакорона бурида метавонад);
- коғаз, картон, гил, пластилин, матоъ, ришта, маснуоти табиӣ ва дигар ашёҳоро ҳамчун воситаи ородиҳӣ истифода бурда метавонад.
- сӯзанро ба таври сода (риштаро ба сӯзан гузаронидан, бо усули одӣ дӯхтан, тугмаро ба матоъ дӯхтан ва ғ.) истифода бурда метавонад;
- амалҳояшро пешакӣ ба нақша мегирад;
- намунаҳои кори худро такроран монанд ҳосил карда метавонад;
- ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ ҳангоми кор бо асбобҳои тез ва воситаҳои санъати тасвириву ородиҳӣ риоя мекунад;
- мафҳумҳои фан (сюжа, натюрморт, қолаб, штрих, модел ва ғ.)-ро дарк мекунад ва ҳангоми иҷрои супориш ва баёни фикр дуруст истифода мебарад.

4.1.1. Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

- ҷадвал, қаламҳои ранга, одӣ, фломастер ва ранг (краска) –и гуаш, мӯқаламро дуруст, бомаврид ва бо боварии комил истифода бурда метавонад;
- 2-3 рангро омехта карда, ранги нав ҳосил менамояд;
- расмҳои ҳайвонот, олами обӣ ва манзараҳои мураккабро бо мӯқалам тасвир карда метавонад;
- ҳиссиёташро ба воситаи тасвирнамоӣ иброз карда метавонад;
- расми тасвиркардаашро бо қаламҳои ранга ва мӯқалам бо тобиши рӯшноӣ ва соя аф канӣ ранг карда метавонад;
- расмҳоро бо қалами сиёҳ бо усули штрих тасвир карда метавонад;
- аз гил пластилин, коғаз, картон ва маснуоти табиӣ ашёҳои гуногуни мураккабро моделсозӣ менамояд;
- бо коғаз ва картон усули оригамӣ ва апликатсияро ба таври васеъ истифода бурда метавонад;
- намудҳои гуногуни ширешро дуруст истифода бурда метавонад;
- қайчиро дуруст истифода бурда метавонад (аз матоъ, ришта, коғаз ва картон қолабҳои мураккабро сарфакорона бурида метавонад);
- коғаз, картон, гил, пластилин, матоъ, ришта, маснуоти табиӣ ва дигар ашёҳоро ҳамчун воситаи ородиҳӣ ба таври васеъ истифода бурда метавонад;
- сӯзанро бо усулҳои гуногун (бо риштаҳои гуногун дӯхтан, гулдӯзӣ кардан, порчаҳои матоъро бо ҳам дӯхтан ва ғ.) истифода бурда метавонад;
- амалҳояшро пешакӣ бо дарназрдошти вақт ба нақша мегирад;
- намунаҳои кори худро такроран айнан ҳосил карда метавонад;
- ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ ҳангоми кор бо асбобҳои тез ва воситаҳои санъати тасвириву ородиҳӣ риоя мекунад;
- мафҳумҳои фан (фон, эскиз, этюд, штрих, модел ва ғ.)-ро дарк кунад ва ҳангоми иҷрои супориш ва баёни фикр дуруст истифода мебарад.

Намунаи салоҳиятҳои фанни суруд ва мусиқӣ

1.1.1.Қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

- тарзи рост истода суруданро медонад ва иҷро менамояд;
- тарзи нишаста суруданро медонад ва иҷро менамояд;
- қоидаҳои нафасгириро дуруст иҷро менамояд;
- тарзи нафаси кӯтоҳ гирифтан ва сарфаи онро медонад ва иҷро менамояд;
- тарзи талаффузи ҳиҷоҳо ва ҷумлаҳои мусиқиро иҷро менамояд.
- ҳарфҳою овозҳоро бурро ва пурра талаффуз менамояд;
- ҳиҷоҳоро бошиддат, тез ва мулоим иҷро менамояд;
- ҳангоми сароидан якдигарро гӯш карда метавонад;
- овозҳои мусиқӣ (до,ре,ми,фа)-ро бо як нафас ва сол, ля, си, до-ро бо нафаси дуюм аз поён ба боло ва аз боло ба поён сароида метавонад.

2.1.1.Қоидаҳои дурусти сурудан (форам ва ҷӯр)-ро иҷро карда тавонад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

- дар ҳамсароӣ ба овози якдигар диққат дода, овозашро ба садои сози мусиқӣ ҷӯр карда метавонад;
- ҳангоми сароидан овозашонро ба оҳанги мусиқӣ ҷӯр менамояд;
- тарзи нафаси чуқур ё занҷирмонандро истифода мебарад;
- шаклҳои гуногуни нафасгириро истифода бурда метавонад;
- талаффузи дурусти ҳиҷо, калимаро мувофиқи оҳанг (нотаҳо)-и суруд иҷро карда метавонад;
- оҳанги сурудро аз худ карда, фосилаҳои содаро ба тарзи мелодӣ иҷро менамояд;
- матни сурудро бурро талаффуз карда, аз рӯи нота месарояд.

3.1.1. Ҳангоми сурудан нафаси мусиқӣ ва сарфи он, тағании нарм, гуворо ва пайвастро дуруст иҷро карда тавонад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

Синфи 1	**Синфи 2**	**Синфи 3**	**Синфи 4**
Сурудан ё иҷро кардан			
1.1.1.Қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад.	2.1.1.Қоидаҳои дурусти сурудан (форам ва ҷӯр)-ро иҷро карда тавонад.	3.1.1. Ҳангоми сурудан нафаси мусиқӣ ва сарфи он, тағании нарм, гуворо ва пайвастро дуруст иҷро карда тавонад.	4.1.1. Бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда тавонад.

- қоидаҳои нафасгирӣ ва сарфи онро дуруст иҷро менамояд;
- қаторовоз (до, ре, ми, фа, сол, ля, си)-ро гуворо сароида метавонад;

– се овози асосии гаммаи до-мажор(до, ми, сол)-ро ба таври мелодикӣмесарояд;
– аломати легаторо ҳангоми сурудан дуруст иҷро намуда метавонад;
– матни сурудро вобаста ба аломатҳои динамикии он дуруст иҷро менамояд.

4.1.1. Бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда тавонад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

– сурудро вобаста ба жанрҳои гуногун иҷро карда, фарқи онҳоро номбар менамояд;
– доир ба ҳамсароӣ (хор) ва яккасаро маълумот медорад;
– машқҳои дуовозаро ба таври мелодикӣ иҷро менамояд;
– машқҳои дуовозаро иҷро карда, таркиби онҳоро ҷудо карда метавонад;
– сурудҳои дуовозаро вобаста ба партитура дуруст иҷро карда метавонад.

Намунаи салоҳиятҳои фанни тарбияи ҷисмонӣ

Синфи 1	Синфи 2	Синфи 3	Синфи 4
Ҳаракат			
1.2.1. Ҳаракатҳои худро дар сатҳи ҳадди ақал дар шумораи маҳдуди бозиҳои варзишӣ ва машқҳои ҷисмонии сода идора менамояд.	2.2.1. Ҳаракатҳои худро дар сатҳи минималӣ дар шумораи маҳдуди бозиҳои варзишӣ ва машқҳои ҷисмонии сода идора менамояд. Саф меорояд.	3.2.1. Ҳаракатҳои худро дар сатҳи минималӣ дар бозиҳои варзишӣ ва машқҳои ҷисмонии одӣ идора менамояд. Саф ороста, худро дар саф идора менамояд.	4.2.1. Ҳаракатҳои худро дар сатҳи минималӣ дар як қатор бозиҳои варзишӣ ва машқҳои ҷисмонии миёна идора менамояд. Саф ороста, худро дар саф пурра идора менамояд.

1.2.1. Ҳаракатҳои худро дар сатҳи ҳадди ақал дар шумораи маҳдуди бозиҳои варзишӣ ва машқҳои ҷисмонии сода идора менамояд.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

– ҳаракатҳои содаи қаториро мувофиқи амрҳо иҷро менамояд;
– радифу қаторро аз якдигар фарқ менамояд;
– амри сафороии «Ба як қатор саф-ОРО!»-ро иҷро менамояд;
– амри сафороии «Ба як радиф саф-ОРО!»-ро иҷро менамояд;
– дар қатор ҷои худро дуруст ва бе саросемагӣ гирифта метавонад;
– дар радиф ҷои худро дуруст ва бе саросемагӣ гирифта метавонад;
– харакатҳои одии гимнастикиро иҷро менамояд.

2.2.1. Ҳаракатҳои худро дар сатҳи минималӣ дар шумораи маҳдуди бозиҳои варзишӣ ва машқҳои ҷисмонии сода идора менамояд. Саф меорояд.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

- ҳаракатҳои содаи сафиро мувофиқи амрҳо иҷро менамояд;
- радифу қаторро аз якдигар фарқ менамояд;
- амри сафороии «Ба як қатор саф-ОРО!»-ро иҷро менамояд;
- амри сафороии «Ба як радиф саф-ОРО!»-ро иҷро менамояд;
- дар қатор ҷои худро дуруст ва бе саросемагӣ гирифта метавонад;
- дар радиф ҷои худро дуруст ва бе саросемагӣ гирифта тавонад;
- харакатҳои одии гимнастикиро иҷро менамояд;
- машқҳои рақсии одии акробатикиро иҷро менамояд.

3.2.1. Ҳаракатҳои худро дар сатҳи минималӣ дар бозиҳои варзишӣ ва машқҳои ҷисмонии одӣ идора менамояд. Саф ороста, худро дар саф идора менамояд.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

- гимнастикиро иҷро менамояд;
- ҳаракатҳои сафиро мувофиқи амрҳо иҷро менамояд;
- амри сафороии «Ба як қатор саф-ОРО!»-ро иҷро менамояд;
- амри сафороии «Ба як радиф саф-ОРО!»-ро иҷро менамояд;
- унсурҳои саф: радиф, қатор, фосила, масофаро медонад;
- дар қатор ҷои худро дуруст ва бе саросемагӣ гирифта тавонад;
- дар радиф ҷои худро дуруст ва бе саросемагӣ гирифта метавонад;
- амрҳои «Рост-ГАРД!», «Чап-ГАРД!» ва «Ақиб-ГАРД!»-ро иҷро менамояд;
- амрҳои «Баробар-ШАВ!», «Бо қадам-МАРШ!», «Дар ҷои ист-МАРШ!» ва «ИСТ!»-ро иҷро менамояд;
- харакатҳои одии гимнастикиро иҷро менамояд;
- машқҳои рақсии одии акробатикиро дуруст иҷро менамояд;
- машқҳо барои мувозинатро иҷро менамояд.

4.2.1. Ҳаракатҳои худро дар сатҳи минималӣ дар як қатор бозиҳои варзишӣ ва машқҳои ҷисмонии миёна идора менамояд. Саф ороста, худро дар саф пурра идора менамояд.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

- ҳаракатҳои сафиро мувофиқи амрҳо иҷро менамояд;
- амри сафороии «Ба як қатор саф-ОРО!»-ро иҷро менамояд;
- амри сафороии «Ба як радиф саф-ОРО!»-ро иҷро менамояд;
- унсурҳои саф: радиф, қатор, фосила, масофа, пешгард, пасгардро медонад;
- дар қатор ҷои худро дуруст ва бе саросемагӣ гирифта метавонад;
- дар радиф ҷои худро дуруст ва бе саросемагӣ гирифта метавонад;
- амрҳои «Рост-ГАРД!», «Чап-ГАРД!» ва «Ақиб-ГАРД!»-ро иҷро намояд;

– амрҳои «Баробар-ШАВ!», «Бо қадам-МАРШ!», «Дар ҷои ист-МАРШ!» ва «ИСТ!»-ро иҷро менамояд.
– тарзи дурусти иҷрои машқҳои гимнастикию акробатикӣ ва аҳамияти иҷрои онҳо баҳри солимии ҷисм дуруст дарк менамояд;
– одитарин машқҳои гимнастикии шишту хез, хаму рост намудани дастҳою қоматро дуруст иҷро менамояд;
– машқҳо барои мувозинатро дуруст иҷро менамояд.

Замимаи 2. Матнҳо

Муаммо

Ҳамсинфамон Нодир яку якбора тағйир ёфт. Қариб як моҳ боз баҳои «2» намегирифт. Аз дарсҳо дер намемонд. Сару либосаш тозаву озода буд. Мӯйҳояш шона кардагӣ. Ҳама дар ҳайрат мондем. Сабаби якбора тағйир ёфтанаш дар чӣ бошад? Охир, ба ӯ на гапи падару модараш таъсир мекарду на гапи мо.

Борҳо дар маҷлиси синф танқид кардем, ба воситаи радиои мактаб дар бораш ҳаҷвия шунавондем. Аммо ҳамааш бефоида буд…

Мо чанд нафар ҷамъ шуда, сабаби ислоҳ шудани Нодирро донистан хостем. Нодир ба саволи мо табассумкунон «намедонам» гуфт. Баҳс сар шуд. Яке гуфт, ки сабаби пешқадам шудани Нодир ӯро ба роҳбарӣ гирифтани Олим мебошад. Дигаре радкунон гуфт, ки агар ба роҳбарӣ гирифтани Олим фоида мекард, Нодир панҷ моҳ пеш аълочӣ мешуд. Баҳси мо хеле давом кард, аммо ба хулосае наомадем.

Бегоҳирӯзӣ маҷбур шудам, ки назди модари Нодир Сайрамхола равам. Аз он кас сирри пешравии Нодирро фаҳмам. Сайрамхола маро бо мехрубонӣ пешвоз гирифт. Мақсадамро баён кардам.

Намедонам. Шояд насиҳатҳои падараш таъсир карда бошад? – гуфт ӯ. Ман китф дар ҳам кашидам. Мумкин ҳамин тавр бошад. Чӣ кор кунам? Ба назди падарони бачагони духон рафта гӯям, ки аз падари Нодир ибрат гиранд? Не, ин гапи намешудагӣ. Нохост ба ёдам расид, ки дар телевизор озмун сар шудааст.

– Холаҷон, Нодир куҷост? Мумкин, вай телевизор тамошо мекунад.

– Телевизорамон як моҳ боз вайрон. Нодир дар дарун дарс тайёр карда нишастааст, – гуфт Сайрамхола.

Ман аз хурсандӣ намедонистам чӣ кор кунам. Охир, муаммои сарбаста ҳам ҳал шуд. Телевизор як моҳ боз вайрон, як моҳ боз Нодир ҳам баҳои «2» намегирад.

Маҳбуба Неъматзода

Дег “хӯрдааст”

Зимистон ин тавр набуд. Лекин чӣ мегӯед, ки тобистон омаду Шодӣ қоидаи хӯрокхӯриашро вайрон мекардагӣ шуд. Акнун вай гоҳ бо регбозӣ, гоҳ бо оббозӣ машғул шуда, хӯроки нисфирӯзии худро тамоман фаромӯш мекард. Модараш соатҳои дароз ӯро интизор мешуд. Хеле оташин шуда, ба кӯча мебаромад, Шодиро ҷустуҷӯ мекард. Баъзан меёфт, баъзан танҳо бармегашт.

Боре шиками Шодӣ сахт дард кард. Вай баъд аз ҳамин фаҳмид, ки рӯз аз пешин гузаштаасту ҳанӯз луқмае ба даҳон набурдааст. Шодӣ саросемавор аз об баромада, либосҳояшро пӯшид. Давон-давон ба хона омад, ки хӯроки хушмазаи модараш пухта мондагиро хӯрад. Вай аз рӯйи одати ҳаррӯзааш рост ба сари оташдон омаду сарпӯши дегро бардошта дид, ки дег равғанину ошаш нест.

– Оча! Оча! Оши маро кӣ хӯрд? – пурсид Шодӣ.

– Ошат дар дег, писарам, – худро ба нодонӣ зада гуфт модар. – Табақчаро гиру кашида хӯр.

– Канӣ? Канӣ, охир? – боз пурсид Шодӣ. – дар дег ош нест-ку?

Модар ба оташдон наздик омаду аз ростӣ ҳам дилаш сӯхтагӣ барин:

– Э, – гуфта афсӯс хӯрд, – дар вақташ, ки наомадӣ, ошатро дег хӯрдааст.

Ин воқеа рӯзи дигар ҳам такрор шуд. Шодӣ давон-давон омада сарпӯшро бардошт, ки оши ӯро боз дег “хӯрдааст”. Вай ин дафъа ба модараш чизе нагуфту ба роҳи омадагиаш баргашт. Рӯзи сеюм бошад, ҳанӯз пешин нашуда аз ҷӯраҳояш ҷудо шуд.

– Ба куҷо меравӣ, Шодӣ? – пурсиданд аз вай рафиқонаш.

– Ба хона.

– Ҳоло барвақт-ку, – гуфтанд онҳо. – Камтар бозӣ кунем баъд меравӣ.

– Не-е ..., – гуфт гарданашро каҷ карда Шодӣ. – Камтари дигар бозӣ кунам, боз дег ошамро мехӯрад.

Замимаи 3. Варақаи таҳлили нақшаи дарс

1) Дар нақшаи дарс салоҳиятҳо аз стандарт (роҳнамо) гирифта шудаанд.

а. ❑ Ҳа б. ❑Не в. ❑Қисман

2) Мақсадҳои дарс нишон дода шудаанд ва онҳо ба салоҳиятҳо ва мавзӯи дарс мувофиқанд. Онҳо ба меъёрҳои таҳияи мақсади дарс мувофиқанд.

а. ❑ Ҳа б. ❑Не в. ❑Қисман

3) Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои дарс бо хонандагон пешбинӣ шудааст.

а. ❑ Ҳа б. ❑Не в. ❑Қисман

4) Фаъолгардонии дониши заминавии хонандагон, яъне алоқаманд кардани донишҳои пешина бо донишҳои нав дар нақша пешбинӣ шудааст.

а. ❑ Ҳа б. ❑Не в. ❑Қисман

5) Хонандагон барои дарки проблемаи таълимӣ (чӣ кор карда наметавонанд ва зарурати аз худ кардани он)водор карда мешаванд.

а. ❑ Ҳа б. ❑Не в. ❑Қисман

6) Муҳокима ва таҳлили тартиби иҷрои вазифаи таълимӣ бо хонандагон дар нақша инъикос ёфтааст.

а. ❑ Ҳа б. ❑Не в. ❑Қисман

7) Шаклҳои гуногуни кор (дунафарӣ, гурӯҳӣ) ба нақша гирифта шудааст.

а. ❑ Ҳа б. ❑Не в. ❑Қисман

8) Хонандагон барои таҳлили дастовардҳо ва мушкилот водор карда мешавад. (Чӣ корро иҷро карда метавонанд? Дар куҷо мушкилӣ мекашанд?)

а. ❑ Ҳа б. ❑Не в. ❑Қисман

9) Фаъолиятҳои ба худ ва ба ҳамдигар баҳо додан ба нақша гирифта шудаанд.

а. ❑ Ҳа б. ❑Не в. ❑Қисман

10) Барои ташаккули салоҳиятҳои дар нақшаи дарс муайяншуда фаъолиятҳои таълимии мувофиқ ба нақша гирифта шудаанд.

а. ❑ Ҳа б. ❑Не в. ❑Қисман

Замимаи 4. Намунаҳои салоҳиятҳои умумитаълимӣ

- Қобилияти дарки мақсади таълим, аз ҷумла гузоштани мақсадҳои нави таълим вобаста ба талаботи маърифатӣ, тағйир додани вазифаҳои амалӣ ба вазифаҳои маърифатӣ.
- Қобилияти мустақилона таҳлил кардани шароити ноил гаштан ба мақсадҳои таълим дар асоси меъёрҳо ва тартиби фаъолиятҳое, ки аз ҷониби омӯзгор дар самти аз худ кардани маводи нави таълим муқаррар гардидаанд.
- Қобилияти банақшагирии раванди ноил гарштан ба мақсади таълим.
- Қобилияти гурӯҳбанди кардани мақсадҳо мувофиқи афзалият.
- Қобилияти мустақилона назорат ва идора кардани вақти барои иҷрои фаъолияти таълим ҷудошуда.
- Қобилияти қабули қарор дар вазъияти мушкил (проблеманок) тавассути гуфтушунид.
- Қобилияти назорат кардани раванд ва натиҷаҳои иҷрои фаъолияти таълим.
- Қобилияти дуруст ва мустақилона баҳо додан ба дурустии иҷроиши амал ва ворид намудани ислоҳот дар раванд ва натиҷаи ниҳоии фаъолияти таълим.
- Қобилияти пешбинӣ кардани ҳодисаҳо эҳтимолӣ дар иҷрои вазифаи таълим.
- Салоҳиятҳои коммуникативии умумитаълимӣ
- Қобилияти ба эътибор гирифтани ақидаҳои гуногун ва кӯшиши ҳамоҳанг сохтани тарафҳои мухталиф дар ҳамкорӣ.
- Қобилияти ифода кардани ақида ва мавқеи худ, бо далелҳо исбот кардани мақеи худ ва ҳамоҳанг сохтани он бо мавқеъ ва ақидаи дигарон тавассути ҳамкорӣ ва интихоби қарори ягона.
- Қобилияти пеш аз қабули қарор муқаррар кардан ва муқоисаи ақидаҳои гуногун.
- Қобилияти бо далелҳо исбот кардани ақидаи худ, тавассути баҳси созанда мавқеи худро тақсдиқ кардан.
- Қобилияти ба мақсади ташкил намудани фаъолияти таълимӣ ва ҳамкорӣ бо шарикдарс савол дода тавонистан.
- Қобилияти ба ҳамдигар баҳо додан, назорат кардан ва ҳамкорӣ дар иҷрои фаъолияти таълим.
- Қобилияти дуруст истифода бурдани нутқ дар банақшагирӣ ва идора кардани фаъолияти худ.
- Қобилияти самаранок истифода бурдани воситаҳои забонӣ (нутқ) ба мақсади ҳалли масъалаҳои муошират; доштани нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ; тартиб додани нутқи монологӣ-мавзӯӣ.
- Қобилияти ташкил ва банақшагирии ҳамкории таълимӣ бо омӯзгор ва ҳамсинфон, муқаррар кардани мақсад ва вазифаҳои иштирокчиён, воситаҳои ҳамкорӣ; банақшагирии тартиби умумии кор.
- Қобилияти назорат, ислоҳ кардану баҳо додан ба фаъолияти таълимии шарики таълимӣ, қобилияти бовар кунондан.
- Қобилияти дар гурӯҳ кор кардан, бунёд кардани муносибати корӣ, ба таври самаранок ҳамкорӣ кардан; ворид шудан ба гурӯҳи ҳамсолон ва бунёд кардани ҳамкории самаранок.

- Қобилияти истифодаи воситаҳои дурусти забонӣ барои инъикоси ҳиссиёт, фикру ақида, вақҳиёт ва талаботи худ.
- Қобилияти шарҳ дода тавонистани (тафсир, тасвир) фаъолияти худ ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ.
- Салоҳиятҳои умумитаълимии зеҳнӣ-маърифатӣ
- Донистани асосҳои фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ.
- Қобилияти гузарондани мушоҳида ва таҷриба бо роҳбарии омӯзгор.
- Қобилияти гузарондани ҷустуҷӯи ахбор, аз ҷумла истифодаи маводи китобхона ва Интернет.
- Қобилияти сохтан ва тағйир додани қолабу нақшаҳо барои иҷрои вазифаи таълимӣ.
- Қобилияти интихоби роҳҳои самараноки ҳалли масъалаҳо вобаста ба шароити муайян.
- Қобилияти шарҳ додани мафҳумҳо.
- Қобилияти аниқ сохтани алоқаи сабабу натиҷа.
- Қобилияти гурӯҳбандӣ кардани муносибатҳо, хусусиятҳо, мафҳумҳо ва қолабҳо.
- Қобилияти тамаркуз кардани мафҳумҳо тавассути ба роҳ мондани равандҳои мантиқии гузариш аз навъ ба гурӯҳҳои васеътар, аз ҷузъҳо ба кулл.
- Қобилияти муқоиса кардан, гурӯҳбандӣ ва раддабандӣ кардан, мустақилона интихоб кардани асос ва меъёрҳо барои фаъолияти зикршуда.
- Қобилияти фикрронии мантиқӣ, аз ҷумла муайян намудани алоқаи сабабу натиҷа.
- Қобилияти шарҳ додани падидаҳо, равандҳо, алоқаҳо ва муносибатҳое, ки дар раванди таҳқиқот ба миён меоянд.
- Қобилияти доштани малакаҳои асосии хондан ба мақсади шиносоӣ, дониш гирифтан, мустаҳкам кардани донишҳо ва ҷустани маълумот.
- Қобилияти сохторбандӣ кардани матн, аз ҷумла ҷудо карда тавонистани мазмуни асосӣ ва дуюмдараҷа, ғояи асосии матн, нишон додани пайдарпайии ҳодисаҳо.

Замимаи 5. Намунаи тарзи пур кардани дафтари синф барои синфи 4 (фанни забони модарӣ)

Шарҳу эзоҳи тарзи пур кардани дафтари синф (баҳогузорӣ, дарҷи мавзӯъҳо ва вазифаи хонагӣ) дар асоси саволҳои омӯзгорон

№ гр	Моҳ	Сентябр						Таърихи рӯз	Мавзӯъ	Вазифаи хонагӣ
	Ному насаби хонандагон	8	8	21	21	22	22			
	А.	3		4	3	3/2	4	*08.09. 2016*	*Ватан*	
	Б.	Ғ		4	3	4/3	4	*08.09. 2016*	*Ватан*	Иҷрои машқи 6
	Д		4	5	5	4/5	4	*21.09.2016*	*Арзёбии салоҳиятҳои гӯш кардан*	
	И.		4	4	3	4/4	5	*21. 09. 2016*	*Арзёбии салоҳиятҳои хондан*	Машқи равону бурро хондан

Синфи 1.

- Давомнокии дарс 35 дақиқаро дарбар мегирад.
- Ба хонандагони синфи якум то охири соли таҳсил баҳо гузоштан ва вазифаи хонагӣ додан мумкин нест.
- Баҳо гузоштан ва вазифаи хонагӣ додан аз оғози синфи дуюм сар мешавад.

Синфҳои 2-4

Тарзи баҳогузорӣ аз фанни забони модарӣ барои синфҳои 2-4

Дар ҳолатҳои зерин ба ҳамаи хонандагон дар дафтари синф баҳо гузоштан ҳатмӣ мебошад:

- Имлои санҷишӣ
- Нақли хаттии санҷишӣ
- Иншо (ҳикояи санҷишӣ)
- Кори лоиҳавӣ
- Дарсҳои арзёбии салоҳиятҳои хондан, навиштан, гуфтан, гӯш кардан
- Ҷамъбасти марҳилаҳо ва соли таҳсил

Дар ҳолатҳои зерин ба ҳамаи хонандагон баҳо гузоштан ҳатмӣ нест:

- Имлои таълимӣ
- Нақли хаттии таълимӣ (машқи навиштани нақли хаттӣ)
- Иншо (ҳикоя)-и таълимӣ (машқи навиштани иншо)

Дар фанҳои дигар дар мавридҳои зерин ба ҳамаи хонандагон баҳо гузошта мешавад:

- Корҳои хаттии ҷамъбастӣ
- Дарсҳои арзёбии салоҳиятнокӣ

– Корҳои эҷодӣ (лоиҳавӣ)

Дар дарсҳои ғайри корҳои хаттию санҷишӣ на кам аз 7-10 баҳо гузошта мешавад.

Дарҷи мавзӯъҳо дар дафтари синф:

Мавзӯъҳо дар дафтари синф тибқи нишондодҳои раҳнамои фаннӣ навишта мешаванд.

Чаро дар роҳнамоҳои "Забони модарӣ" мавзӯъҳо оид ба грамматика дода нашудааст?

Ҷавоб: Мавзӯъ умумӣ буда, дар доираи он ташаккул додани ҳамаи салоҳиятҳо гӯш кардан, гуфтан, хондан ва навиштан дар назар дошта шудааст. На ҳамеша мавзӯъ номи матни дар ин дарс омӯхташавандаро ифода мекунад. Номи баъзе матнҳо ҳам дар асл мавзӯъ буда наметавонанд. Дар низоми кунунӣ ду мавзӯъ: хониш (номи матн) ва забонӣ навишта мешуд. Дар ин тарзи номгузории мавзӯъ инкишофи нутқи шифоҳӣ: гӯш кардану гуфтан ба эътибор гирифта намешуд. (Роҳнамои омӯзгори синфи 4. саҳ. 45.)

Барои фанни тарбияи ҷисмонӣ вазифаи хонагӣ навишта мешавад:

Масалан, тарзи пур кардани дафтари синф аз тарбияи ҷисмонӣ:

Таърихи рӯз	Мавзӯъ	Вазифаи хонагӣ
15.02. 2016	Ҷаҳидан бо ресмони кӯтоҳ ва дароз	Машқи ҷаҳидан бо ресмони дароз ва кӯтоҳ

Ҳангоми дарҷи корҳои хаттӣ мавзӯъ (аз фанни забони модарӣ) ё рақами он (аз математика) дарҷ карда мешавад. Масалан. Нақли хаттии санҷишӣ. « Модари меҳрубон»

Дар бораи вазифаи хонагӣ

Қоидаҳои умумии вазифаи хонагӣ

Вазифаи хонагӣ яке аз шаклҳои кори мустақилонаи хонандагон буда, дар хонандагон фаъолиятҳои таълимиро инкишоф медиҳад, малакаи мустақилона ҷустуҷӯ кардану дарёфтан ва ҳисси масъулиятнокии онҳоро ташакккул медиҳад. Доир ба вазифаи хонагӣ дар байни олимони соҳа андешаҳои гуногун вуҷуд дорад. Баъзеҳо супоридани вазифаи хонагиро шарт, баъзеи дигар сарфи беҳудаи вақт медонанд. Устод Лутфуллоев доир ба вазифаи хонагӣ менависад: «Кори хонагӣ ба маънои фаҳмишу тарзи имрӯзааш зарурате надорад. Вале ин чунин маъно надорад, ки мо аҳамият ва зарурати вазифаи хонагиро таъкид накунем. Кори хонагӣ зарур ва аҳамияташ беандоза аст. Мазмун ва методикаи супурдани кори хонагиро дар робита бо тақозои замон ба куллӣ бояд тағйир дод. Кори хонагӣ ба мақсади маърифатҷӯӣ, ҷустуҷӯ, кунҷкобӣ, инкишофи қобилияту фаъолияти эҷодии хонандагон нигаронида шуда, ба дониш, пешрафт ва

қобилияти фардии талабаҳо мусоидат кунад (Доир ба шарт ва мақсаду вазифаҳои вазифаи хонагӣ нигаред ба китоби Лутфуллоев М. «Дарс». Душанбе, 1995. саҳ. 170-177)

Вазифаи хонагӣ дар таълими салоҳиятнокӣ:

- вазифаи хонагӣ бояд шакли маҷбурӣ надошта бошад;
- ҳангоми вазифа супоридан бояд ҳатман гуногунии зеҳн ва минтақаҳои актуалию наздиктарини инкишофи хонандагон ба эътибор гирифта шавад (ин чунин маъно дорад, ки ба ҳамаи хонандагон вазифаи ягона супорида намешавад);
- мақсади маърифатҷӯӣ, ҷустуҷӯ, кунҷкобӣ, инкишофи қобилияту фаъолияти эҷодии хонандагон дошта бошад.

Барои фанни тарбияи ҷисмонӣ вазифаи хонагӣ навишта мешавад. Масалан, тарзи пур кардани дафтари синф аз тарбияи ҷисмонӣ:

Таърихи рӯз	Мавзӯъ	Вазифаи хонагӣ
15.02. 2016	Ҷаҳидан бо ресмони кӯтоҳ ва дароз	Машқи ҷаҳидан бо ресмони дароз ва кӯтоҳ

Ҳангоми дарҷи корҳои хаттӣ мавзӯъ (аз фанни забони модарӣ) ё рақами он (аз математика) дарҷ карда мешавад. Масалан. Нақли хаттии санҷишӣ. «Модари меҳрубон»

Дар бораи баъзе намунаҳои вазифаи хонагӣ аз фанни забони модарӣ нигаред ба намунаи боло.